ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 9+891.550 (63.3+81.3)

**АБДУРАҲМОНОВ МАЪДӢ САИДҶАЛОЛОВИЧ**

# АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКИИ МАОРИФПАРВАРОН ВА ҶАДИДОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа
(PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ
(6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, профессор
Худойдодов Аъзам Овлододович

ДУШАНБЕ – 2023

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА......................................................................................4-7
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ...........................................................8-13

БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАЪРИХИИ ТАҲАВВУЛИ АФКОРИ АДАБӢ ВА ЭСТЕТИКӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX.....................................................................14-39
1.1.Омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ...........14-22
1.2.Омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули афкори адабӣ................23-39

БОБИ II. НАҚШИ АҲМАДИ ДОНИШ ВА ОСОРИ Ӯ ДАР ТАҒЙИРИ ҶАРАЁНИ АДАБӢ ВА АФКОРИ АДАБӢ-ЭСТЕТИКИИ МАОРИФПАРВАРОН ВА ҶАДИДОН.................................................40-87
2.1. Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ...........40-51
2.2. Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш....52-87
2.2.1. Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX…………………………………………......53-75
2.2.2. Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосираш……………….........76-87

БОБИ III. АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКИИ НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАДИДА................................88-159
3.1. Ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна………………………………………………............88-101
3.2. Назаре ба ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш..........................103-120
3.2.1.Тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ...........120-127
3.2.2 Ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷи Ҳаким..........................128-136
3.2.3. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Абдуррауфи Фитрат.............................137-153
3.2.4. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ...........153-159

ХУЛОСА……………………………………………………...............160-163

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ
НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........................................................................................164
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ……………………........………….……………....165-184
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ
ДИССЕРТАТСИЯ ...........................................................................................185-186

МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Воқеаи аз ҳама муҳимме, ки дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти халқҳои Мовароуннаҳр ба вуҷуд омад, ин зуҳуроти бо зӯри аслиҳа ва хунрезӣ забт намудани Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ буд. Ҳарчанд ки Осиёи Миёнаро забт кардани ҳукумати подшоҳии рус ният ва хусусиятҳои истилогаронаи мустамликавӣ дошт ва он асосан, бо зӯрӣ ба амал оварда шуда буд, вале аҳаммияти таърихан мусбати объективонаи он ба ҳаёти халқҳои ин кишвар минбаъд фоидаҳо низ овард. Аввалин аҳаммияти таърихии ин воқеа он буд, ки пеши роҳи ниятҳои Осиёи Миёнаро истило кардани мустамликачиёни англис гирифта шуд ва истилои ҳукумати подшоҳии рус сарнавишти халқҳои Осиёи Миёнаро бо тақдири халқе вобаста кард, ки мамлакати он дар охири асри XIX ва аввали асри XX бо вуҷуди нисбатан ба Аврупои Ғарбӣ ақибмонда будан, дар натиҷаи аз Ғарб ба Шарқ кӯчидани ҳаракатҳои инқилобӣ ба гаҳвораи ҷунбишҳои инқилобӣ мубаддал гардида буд.

Аҳаммияти дигари объективонаи таърихан мусбату пешқадами воқеаи мазкур боз дар ин буд, ки он дар ҳаёти мардуми Шарқ хизмати тамаддуноваре ҳам дар пай дошт. Халқҳои Осиёи Миёнаро бо маданияти нави Аврупои Ғарбӣ низ шинос кард. Барои чунин бедории фикрӣ на танҳо навигариҳои ба ин кишвар овардаи русҳо ва дигар халқҳои Ғарб, балки сафарҳои ба Россия кардаи намояндагони тараққипарвари халқҳои маҳаллӣ низ аҳаммияти куллӣ дошт. Сафарҳои Аҳмади Дониш, Аҷзии Самарқандӣ, Мирзо Сироҷ, Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигарон ба Россия ва кишварҳои дигар ва таъсири мусбати он далели раднашавандаи ин гуфтаҳост. Одамони равшанфикр, бофаросат, чи аз ашроф ва чи аз табақаҳои поёнии ҷамъияти Осиёи Миёна ба навигариҳои замон ба назари ибрат нигоҳ мекарданд, вале дар он замон касоне, ки моҳияти тамаддуни навро фаҳмида тавонанд, ангуштшумор буданд. Аксарияти оммаи дар торикии ҷаҳолати асри миёна хобида, ки дар зери таъсири ғоявии руҳониён ва феодалҳо монда буданд, аз маданияти нави аврупоӣ, ки дин, урфу одат

ва забони дигар доштанд, худро ба канор гирифтанд. Ба ғайри аз динҳо гуфтугӯ кардан, аз онҳо чизе гирифтан, бо онҳо хариду фурӯш карданро куфр ва макруҳ мешумориданд. Ин ақидаи ғалатро руҳониёни ҷаҳолатпараст на танҳо қувват медоданд, балки тарғиб менамуданд. Дар чунин шароит ташвиқоту тарғибот дар байни мардуми маҳаллӣ фаҳмонидани воқеаҳои нав аҳаммияти ниҳоят бузург дошт ва он дар замони худ кори хурд ҳам набуд. Аз ин ҷост, ки навиштаҷоти Аҳмади Дониш дар бораи Россия, тартиботи давлатдории нисбатан ба аморати Бухоро беҳтари он, ҳаёти халқи вай ва маданияти он чароғи равшане буд, ки шуури нисбатан торики хонандаи ақибмондаро равшан карда, ба сӯйи маданияти нав равона менамуд. Дар хилоли ин доду ситадҳо афкори наву ҷадиде марбут ба шинохти қонунмандиҳои эҷоди каломи бадеъ ва умуман, шинохти паҳлуҳои гуногуни адабиёт арзи ҳастӣ намуд ва миёни аҳли фазлу камол тарвиҷ пайдо кард, ки омӯзишу пажуҳиши он дар замони муосир бо диду равиши тоза аз аҳаммияти хос бархӯрдор буда, як саҳифаи норавшани адабиётшиносии моро рӯшан месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Омӯзиш ва баррасии ақидаҳои адабиву эстетикии классикони адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои 50-уми садаи бист оғоз ёфта бошад ҳам, вале он дар нимаи дуюми солҳои 60-70-уми садаи XX шакли васеу густурдаеро касб кардааст. Таълифи рисолаҳои донишмандоне, мисли Х. Шарифов [214], А. Сатторов [167, 168, 169, 170, 171], Р. Мусулмонқулов [137, 138, 139], ки ба масъалаҳои ташаккули адабиётшиносӣ ва назарияи он дар асрҳои X-XV, ақидаҳои адабии эстетикии намояндагони ин давра, паҳлуҳои гуногуни лафзу маънӣ дар шеър, пайдоиши улуми адабӣ, масъалаҳои эҷоди бадеӣ дар ашъори классикон, ақидаҳои адабиву эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ, поэтикаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV, нақду наққодӣ аз нуқтаи назари назариячиёни адабиёт ва амсоли инҳо бахшида шудааст, гувоҳи андешаҳои болост.

Дар таҳқиқи паҳлуҳои мураккабу печидаи афкори иҷтимоӣ-сиёсии ҷараёни маорифпарварӣ саҳми файласуфон чашмрас бошад ҳам, вале дар миёни онҳо андешаву назарҳои мухталиф низ ҷой доранд. Академик А.М. Баҳоуддинов [77], М. Диноршоев, Ғ. Ашӯров [68] дар асарҳои худ ба ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидия таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамоянд, ки ин ҷараён маҳз ба шарофати пайваст шудани Осиёи Миёна бо Россия зуҳур кард ва намояндаи бузургтарини он Аҳмади Дониш буд. Тибқи андешаҳои олимони номбурда, Аҳмади Дониш дар ҳалли масоили фалсафаи анъанавӣ, яъне масоили азалияти олам ё офариниши он, таносуби нафсу тан, имконоти дарки олам ва ғайраҳо аз мутафаккирони моқабли худ дур нарафтааст ва чизе нав ҳам нагуфтааст, вале дар самти ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ ақидаҳои дақиқ баён намуда, ҷараёни нави фалсафии маорифпарвариро асос гузоштааст. Ҳамчунин, омӯзиши ҷараёни маорифпарварӣ дар асару мақолаҳои И. Шарипов [211], ҷойгоҳи хосса дорад. Ин донишманд дар асарҳои худ ба масъалаҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия, муносибатҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои сиёсии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Аморати Бухоро таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, таъкид менамояд, ки ҷадидияро ҳамчун ҷараёни сиёсӣ инкор намудан ё онро давраи дуюми инкишофи маорифпарварӣ маънидод кардан замина ё худ асоси илмие надорад. Дар асарҳои файласуфони тоҷик Ш. Абдуллоев [53], Р. Комилов [97], К. Бекзода [73], Б. Самиев [166] ва дигарон паҳлуҳои мухталифи ҷараёни маорифпарварӣ ва афкори ҷадидӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар баррасии ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидия муҳаққиқони Ӯзбекистон саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Аз ҷониби файласуфон, академик И. Муминов [131] ва Х. Воҳидов [83] масъалаҳои маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, бавижа Аморати Бухоро ва бахусус осори Аҳмади Дониш мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад, баъди истиқлолият пайдо кардани ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ҷадидия дар ин кишвар сатҳу салиқаи дигар пайдо намуд. Дар рисолаҳои Д. Алимова [57], Н. Афоқова [70], Д. Ахатова [71], А. Исҳоқбоев [95], А.М. Худайкулов [194] ва дигарҳо паҳлуҳои гуногуни ҷараёни ҷадидия ва

роҳу василаҳои пайдоиш, таҳаввул ва инкишофи он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Оид ба пайдоиш ва инкишофи афкори маорифпарварӣ ва ҷадидия дар адабиётшиносии тоҷик, бахусус дар мақолаву рисолаҳои С. Айнӣ [4, 6], Х. Мирзозода [113, 114, 115, 117, 120, 121, 122], Б. Ғафуров [86, 87, 88], И. С. Брагинский [81], З. Раҷабов [149, 150, 151, 152], А. Мирзоев [108, 110], Р. Ҳодизода [190, 192], С. Табаров [176, 177, 178, 179, 180, 182, 185], М. Шукуров [209, 217, 218], А. Сайфуллоев [163], М. Раҷабӣ [160], А. Маҳмадаминов [102, 103], Н. Аслонова[65] ва дигарон дар баробари муайян намудани паҳлуҳои ҷараёни ҷадидӣ ва адабиёти он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба масъалаи ақидаҳои адабиву эстетикии чеҳраҳои адабиёти давраи мазкур нигоҳи иҷмолие афканда шуда, баъзе андешаҳо баён ёфтаанд, ки дар мавриди зарурӣ ба онҳо руҷуъ хоҳем кард.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2016-2020, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти классикӣ равона шудааст, анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади меҳварии таълифи диссертатсияи ҳозир таҳқиқи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» мебошад, ки дар зимни он масъалаҳои зайл ба эътибор гирифта шуд:

– ошкор намудани нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири маҷрои адабӣ;

– муайян кардани реализми танқидии Аҳмади Дониш ҳамчун падидаи тозаи адабию эстетикӣ;

– муайян кардани афкори адабию эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ба ин мақсадҳо ноил шудан тасмим гирифтем, ки масъалаҳои зеринро ҳамаҷониба ҳаллу фасл намоем:

1. Нишон додани заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX;

2. Нишон додани омилҳои сиёсӣ ва маънавии тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоӣ;

3. Муқаррар намудани омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ;

4. Муайян намудани мафҳуми маорифпарварӣ, пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX;

5. Ошкор намудани нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ;

6. Муайян кардани реализми танқидии Аҳмади Дониш ҳамчун падидаи тозаи адабию эстетикӣ;

7. Муайян кардани афкори адабию эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX;

8. Ошкор намудани ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна;

9. Ба таври муқоиса муайян кардани навгароӣ ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

**Объекти таҳқиқ.** Афкори маорифпарварон ва ҷадидон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, пажуҳиши донишмандони муосир, тазкираҳо, сарчашмаҳои адабӣ ва илмӣ, бахусус, осори Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Абдурруафи Фитрат ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқ.** Мавзуи асосии таҳқиқ «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» маҳсуб ёфта, зимни он афкори адабию зебоипарастии маорифпарварону ҷадидон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муайяну баррасӣ шудаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Диссертатсияи ҳозир бар пояи метод ва принсипҳои илмӣ-назариявии донишмандони ватаниву хориҷӣ, мисли И. С. Брагинский, Е. Э. Бертелс, С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Б. Ғафуров, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Насриддинов, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов, М. Абдуллоев таълиф ёфтааст. Диссертант барои ҳалли масъалаҳои илмии диссертатсия таълифоти донишмандони мазкурро асоси назариявии пажуҳиши худ қарор додааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлили сохтории матни бадеӣ, шинохти сохторӣ ва бадеии жанрҳои адабӣ, равишҳои комплексии нақду сарчашмашиносию матншиносӣ, шарҳу таҳлили осори адабӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, ақидаҳои адабиву эстетикии

маорифпарварон ва ҷадидон бори аввал ба шакли монографӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқи мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи заминаҳо ва омилҳои пайдоиши ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон маҳсуб меёбад.

Навгонии таҳқиқро ба таври мушаххас метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Бори аввал ба ақидаҳои адабиву эстетикии маърифатпарварон – Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон равшанӣ андохта шуд.

2. Дар асоси шарҳу тавзеҳи маъноии мафҳумҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия кӯшиш карда шудааст, ки андешаҳо ва мулоҳизаҳои маорифпарварон ва ҷадидон ба таври воқеӣ таҳлил ва баҳогузорӣ шавад;

3. Нақши нашрияҳои даврӣ дар шинохт ва таблиғи ғояҳои ҷадидия барои рушди низоми маорифи аморати Бухоро, бедорӣ ва худшиносии миллӣ мушаххас карда шуданд;

4. Ақидаҳои адабиву эстеткии маорифпарварон – ҷадидони ибтидои асри XX: Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Тошхоҷаи Асирӣ, Абдуррауфи Фитрат муайян карда шудааст.

5. Ақидаҳо, мушоҳидаву мулоҳизаҳо ва баҳсу талошҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидия мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайян намудани заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

2. Дар ҷараёни муайян намудани заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ мушаххас намудани омилҳои сиёсӣ

ва маънавии тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии маорифпарварон ва ҷадидон.

3. Муайян намудан ва баррасӣ кардани омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX.

4. Равшан ва мушаххас намудани ҷараёни маорифпарварӣ ва афкори ҷадидаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

5. Муайян кардани нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири маҷрои адабии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

6. Таҳқиқу баррасии ашъори Аҳмади Дониш ҳамчун падидаи тозаи адабию эстетикӣ ва таъсири он ба ояндагон.

7. Мушаххас кардани ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна.

8. Таҳлилу баррасии навгароӣ ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар фазои умумии адабиётшиносӣ дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои муайян намудани мафҳуми маорифпарварӣ, ҷадидӣ, нақши нашрияҳои даврӣ дар тарғибу ташвиқи афкори маорифпарварон ва ҷадидон муайян кардани а) афкори адабию эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар тазкираҳаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX; б) мушаххас намудани ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна; в) нишон додани навгароӣ ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX,

матншиносӣ, назарияи адабиёт, сарчашмашиносӣ, робитаҳои адабӣ, баррасии ҷараёну неҳзатҳо дар адабиёти ин давра истифода шаванд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Пажуҳиш дар заминаи маводи таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX анҷом ёфта, дар он масъалаҳои зиёди ин давраи таърихи адабиёт, аз ҷумла вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Осиёи Миёна (аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт шудани Осиёи Миёна), таъсири давр ба рӯзгори адибони маорифпарвар, афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Мавзуи диссертатсия «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муҳаққиқ бори нахуст афкори адабию эстетикии маорифпарварон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраруфи Фитратро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариро ба шакли мақолаҳои илмӣ манзур намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар баррасии мавзуъ ва масъалаҳои меҳварӣ ва коркарду тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ зоҳир меёбад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузоришу маъруза ва мақола интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи мазкурро дар дарсҳои назарию амалӣ ва корҳои мустақилонаи факултетҳои филологияи тоҷик ва педагогика метавон истифода намуд.

Муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию

байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри ХХ» (Душанбе, 2021, 18-19 май), «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда» (Душанбе, 2023, 27-28 апрел) ва дар семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 06.09.2022, суратҷаласаи №2 ва ҷаласаи шурои олимони факултети филологияи тоҷик аз 17.03.2023, суратҷаласаи №7 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

# БОБИ I

# ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАЪРИХИИ ТАҲАВВУЛИ АФКОРИ АДАБӢ ВА ЭСТЕТИКӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

## 1.1. Омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ

Дар ҳаёти ҳалқҳои Осиёи Миёна, бахусус халқи тоҷик ибтидои асри XX аз лиҳози ба вуҷуд омадани воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам дар масоили илму фарҳанг ва адабиёт аз давраҳои мудҳиштарин ба ҳисоб мерафт.

Чи хеле ки сарчашмаҳо ва мадракҳои таърихӣ хабар медиҳанд [149], сиёсати пеш гирифтаи ҳукумати подшоҳии Россия нисбат ба Осиёи Миёна қашшоқӣ ва беҳуқуқии халқҳои ин кишварро боз бештар меафзояд. Бо вуҷуди дар Осиёи Миёна нуфуз пайдо кардани капитализми саноатӣ ва монополияи молию пулии империяи Россияи подшоҳӣ иқтисодиёти ин кишвар то андозае пеш меравад, вале мардуми меҳнаткаш ва бавижа, деҳқонону косибон хонахароб мегарданд. Чунин ҳолат дар натиҷаи ба дӯши онҳо бор кардани андоз ва закотҳои миёншикан ба вуҷуд меояд. Масалан, дар аҳди салтанати амир Абдулаҳад (1885-1910) аз соири маҳсули хоҷагии қишлоқ, чорпо, савдо, закот ва  хироҷ ба андози гӯшношунид ситонида мешуд, ки шакли судхӯрона ва ғоратгарона дошт. Бар замми ин, деҳқон муваззаф буд, ки дар замини бой бе дастмузд ва ройгон меҳнат кунад. Дар аморати Бухоро аз соли 1905 шуруъ карда, шакли нави андозситонӣ ҷорӣ карда шуд, ки тибқи он аз ҳосили ғалла, обчакорӣ ва чорпо закоти чорякӣ ва аз ҳар навъи хоҷагӣ андози молӣ, андозҳо аз осиёб, никоҳ, мурофиа, ҳезум, шамъ ва ғайра ситонида мешуданд. Дар Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Хӯқанд, Бухорои Нав ва ғайра  шуъбаҳои бонкҳои давлатӣ ва хусусӣ ифтитоҳ меёбанд [158, с.38 - 40],

ки онҳо сармояи хешро дар соҳаҳои гуногуни саноатӣ, амсоли: сохтмонҳои роҳи оҳан, пахта, пӯсти қарокӯлӣ ва ғайра равона карда буданд. Деҳқонону косибон, коргарон ва дигар табақаҳои ҷомеаи онрӯза бо ҳар роҳу васила аз тарафи соҳибони бонкҳо бераҳмона истисмор мешуданд. Тавассути бонкҳо судхӯрӣ ба авҷи аълои худ расида буд. Ҳамчунин, бонкҳо ба ширкатҳо ва хоҷагиҳо, тавассути вакил ва миёнҷиву ҷаллоб ва даллол пул қарз дода, дар натиҷа фоизи зиёд мегирифт. Масалан, агар бонк 6-6,5% фоида қарз диҳад, пул то ба дасти истеҳсолкунанда расидан фоизи худро 10 баробар зиёд менамуд ва он ба 50-60% мерасид, ки қарзгиранда ба қарз ғӯтида, онро дода наметавонист, дар натиҷа замини худро ба ивази он медод. Онҳое, ки аз замини худ маҳрум шудаанд, ба хотири раҳоӣ аз гуруснагӣ ба корхонаҳои саноатию заводҳои пахтатозакунӣ, заводи равғанбарорӣ, консервабарорӣ, чармгарӣ ва ғайра, ки шумораашон дар ибтидои асри XX хеле зиёд шуда буданд, ба сифати ҳаммол муздурӣ мекарданд.

Масъалаи мазкур - ғоратшавии мардуми заҳматкаш аз тарафи бонкҳо дар ашъори шоирони давр низ хеле барҷаста инъикоси худро пайдо кардааст. Зеро дар оғози садаи бистум бонкҳо нақши дузуду ғоратгарро иҷро кардаанд, ки мо инро дар шеъри «Хитобнома ба аҳолии Самарқанд»-и шоири ҳунарманд Иброҳим Ҷуръат дида метавонем:

Гар банка ҳамин аст, аё аҳли Ватан!
Аз зинда ватан рабояд аз мурда кафан!» [107, с. 201].

Ё худ халқи муфлисгардида, дар натиҷаи қашшоқ гардидан ва раҳоӣ аз гуруснагиро дар фурӯхтани заминҳои худ дида, онро ба қаллобону муфтхӯрон бо нархи арзон савдо мекарданд. Устод С. Айнӣ дар ҳамин солҳо тавассути шеъри «Заминро бояд нафурӯшед» баромад намуда, мардумро барои нафурӯхтани замин ва муфт додани онро ба судхӯрону ҷаллобон интиқод намуда, заминро бо модари мушфиқу меҳрубон баробар медонад ва касе, ки ба чунин амал (фурӯхтани он - М.А.) даст мезанад,

аблаҳ мешуморад, зеро он дар ҳама давру замон ва дар ҳама ҳолат қуввату дармон ва боиси маишату дармони соҳибзамин ба ҳисоб меравад:

Эй қуввати ҷисму қути ҷонам,
Осоиши ҷони нотавонам.
Бишнав зи ман ин хуҷаста гуфтор,
Мафрӯш замини хеш зинҳор! [ 3, с. 262-263]….

Ба ин масъалаҳо дар фаслҳои дахлдори диссертатсия руҷуи дигарбора хоҳем кард. Ин далели он аст, ки шароити деҳқонон ва умуман аҳли меҳнат хуб набудааст, зеро Россияи подшоҳӣ Осиёи Миёнаро ба макони ашёи хоми саноати бофандагии худ табдил дода буд. Ин аст, ки дар оғози садаи XX дар ин сарзамин ба кишти пахта, бахусус кишти навъи пахтаи амрикоиро ба роҳ монд. Аз маълумоти муҳаққиқон бармеояд, ки дар ибтидои забт карда шудани Осиёи Миёна аз тарафи Русия 50000 пуд пахта аз Бухоро ирсол шуда бошад, соли 1914 он ба 2624000 пуд мерасад.

Сохтмони роҳи оҳан барои кашонидани ашёи хом - пахта ва дигар молу амвол нақши калон мебозид. Аз ин рӯ, саноатчиёни рус барои кашидани хатсайр ба шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна ҳавасманд буданд. Масалан, солҳои 1900-1906 байни Тошканду Оренбург чунин роҳи оҳан сохта мешавад, ки он Осиёи Миёнаро бо роҳи оҳани умумироссиягӣ пайваст менамуд. Ҳамчунин, дар байни солҳои 1900-1901 байни Бухорои Нав (Когон) ва Бухорои Кӯҳна низ роҳи оҳане сохта мешавад.

Бо вуҷуди сохта ба истифода дода шудани роҳи оҳани Тошканд - Оренбург корҳои тиҷоратӣ дар Осиёи Миёна боло рафта, доду гирифт ва муносибатҳои молию пулӣ дар тамоми соҳаҳо - чӣ соҳаи саноат ва чӣ хоҷагии қишлоқ инкишоф ёфта бошад ҳам, вале зиндагӣ ва маишати деҳқонону косибон ва коргарон беҳтар нагардид, баръакс, боз ҳам бадтар шуд. Ба чунин вазъият дучор омадани мардуми меҳнаткаш, ин судхӯрӣ, фоидаталабӣ, мардумфиребии амиру умаро ва атрофиёнаш маҳсуб меёбад.

Яке аз омилҳои сиёсӣ ва маънавии тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии ҷомеа дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ин пайдоиши шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ, заводҳои гуногун, фабрикаҳо маҳсуб ёфта, ба сифати коргари одӣ кор кардани деҳқонони ба мардикор табдилёфта мебошад. Ин падида дар сарзамини Осиёи Миёна ҳанӯз аз солҳои 80-90-уми асри XIX ба пайдо шудани аввалин синфи коргар боис гардид. Тибқи омор соли 1905 шумораи коргарон беш аз 32000 нафарро ташкил додаст, ки 77% онро коргарони таҳҷоӣ ташкил медоданд. Бештари коргарони таҳҷоӣ аз мардикорон ва коргарони мавсимӣ иборат буда, онҳо дар конҳо, корхонаҳои саноатии вилоятҳои Самарқанду Фарғона, Тошканду Қӯқанд, инчунин дар сохтмонҳои роҳи оҳан корҳои вазнинро ба ҷо меоварданд.

Дар Тоҷикистони имрӯза намояндагони синфи коргар дар Хуҷанд ташаккул ёфтааст, ки онро асосан, коргарони корхонаҳои ҳунармандӣ ва косибӣ ташкил медоданд.

Дар қаламрави Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубии он синфи коргар хеле суст ташаккул меёфт. Ин омил ба мавҷуд набудани корхонаю заводҳои саноатӣ сабаб гаштааст. Як тоифа мардуми ин сарзамин, бахусус мардуми водии Қаротегин ба шаҳру ноҳияҳои кишвари Туркистон, бавижа ба водии Фарғона рафта, дар заводу фабрикаҳо ва корхонаҳои хурди ҳунармандию косибӣ кор мекарданд. Ҳамчунин мардикоронро аз Кӯлобу Дарвоз, Масчоҳу Ҳисор, Вахшу Бадахшони Кӯҳӣ низ ба хотири пайдо кардани музди маош вохӯрдан мумкин буд. Мардикорон на танҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва заводу фабрикаҳо, балки дар хоҷагиҳои заминдорони водии Фарғонаву дигар минтақаҳои Туркистон чун коргари кироя муздурӣ мекарданд. Зикр бояд намуд, ки онҳо кӯшиш мекарданд, ки барои пайдо кардани музди маоши нисбатан баланд дар заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ ва ғайра кор пайдо кунанд. Дар ҳолати пайдо накардани кор маҷбур мешуданд, ки дар хоҷагиҳои заминдорон ба мардикорӣ машғул шаванд.

Омили дигар, ин зуҳур ва пайдоиши буржуазияи миллӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Дар ин сарзамин дар охири асри XIX синфи коргар аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ пайдо шуда, дар оғози садаи XX ба таври бояду шояд ташаккул меёбад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани буржуазияи миллӣ мегардад. Оғози ташаккулёбии буржуазияи миллиро муҳаққиқон дар Осиёи Миёна ба солҳои 90-уми асри XIX мансуб медонанд. Ин ҳодиса, албатта, ба пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои молию пулӣ, ва дар ин замина ба пайдо шудани бонк ва сармояи бонкӣ вобаста мебошад. Ин аст, ки буржуазияи навпайдошудаи миллиро дар тамоми гӯшаву канори кишвари Туркистон вохӯрдан мумкин буд.

Муҳаққиқон зикр намудаанд, ки тарзи ташаккулёбии буржуазияи миллӣ дар водии Фарғона ва аморати Бухоро фарқ дошт: агар буржуазияи миллии Фарғона даромади худро дар бунёди заводу фабрикаҳои саноатӣ равона карда бошад, буржуазияи миллии аморати Бухоро даромади худро бештар ба ғун кардани тиллою нуқра ва дигар сангҳои қиматбаҳо сарф мекард. Аз ин рӯ, буржуазияи навпайдошудаи миллии аморати Бухоро ҳамчун буржуазияи тиҷоратӣ ва судхӯрӣ маҳсуб меёбад.

Воқеаи дигари муҳимми сиёсие, ки дар оғози асри XX ба амал омада, ба тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна сабаб гардидааст, инқилоби якуми рус дар солҳои 1905-1907 маҳсуб меёбад. Инқилоби мазкур ҳангоме ба амал омад, ки Россияи подшоҳӣ нооромиҳои зиёде, монанди: буҳрони иқтисодии солҳои 1900-1906, хушксолии 1901, ҷанги русу япон (солҳои 1904-1906) ва ғайраро аз сар мегузаронид. Чунин вазъият боиси паст ва хароб гардидани иқтисодиёти мамлакат, вазнин шудани зиндагии мардум гардид ва он дар таърих бо номи «Якшанбеи хунин» машҳур аст.

Инқилоби солҳои 1905-1907-и рус дар роҳи болоравӣ ва инкишофи ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна низ бетаъсир намондааст. Он дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, бавижа дар ҷунбишҳои

сиёсӣ, ҳаракатҳои коргарону деҳқонон дар маҷмуъ, бедории мардуми ин сарзамин нақши муассир гузоштааст.

Байни халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик зери таъсири инқилоби мазкур ҳаракатҳои инқилобӣ як дараҷа вусъат пайдо менамояд. Халқи меҳнаткаши Осиёи Миёна, аз он ҷумла халқи тоҷик бовар пайдо намуданд, ки руҳониёну бойҳои маҳаллӣ ва дар баробари онҳо амалдорони ҳукумати подшоҳии рус низ нисбат ба халқ ҷабру зулми зиёдеро раво мебинанд. Мардум дар натиҷаи чунин ҷабру зулми зиёд ба фиғон омада, ба шӯришҳо барои озодии худ даст заданд. Масалан, моҳи январ ва июни соли 1905 дар Тошканд ва Ашқобод, моҳи август дар Қизил Арвот, моҳи октябр дар роҳи оҳани Тошканд-Оренбург, моҳи октябр дар Андиҷон, дар моҳи ноябр дар округи ҳарбии Туркистон, декабри ҳамон сол дар байни аскарони Хуҷанд ва марти соли 1906 дар Чоркӯҳи Исфара ҳамин гуна ҷунбишҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Шӯришгарон – деҳқонон заминҳои мардуми дороро ғасб намуда, аз супоридани андозҳо даст кашида, аз меҳнати маҷбурӣ саркашӣ менамуданд.

Таъсири инқилоби мазкур (солҳои 1905-1907)-и рус ба халқҳои Бухоро ва атрофи он, бавижа Бухорои Шарқӣ низ чашмрас буд. Зери таъсири инқилоб коргарони заводҳои пахтатозакунии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд корпартоӣ мекунанд. Масалан, дар Бухорои Нав байни коргарони почтаву телеграф Комитети корпартоӣ ташкил карда мешавад.

Ҳукумати подшоҳии рус низ аз ҳаракатҳои инқилобӣ ба воҳима афтода, доир ба ин масъала як қатор чорабиниҳо пешниҳод намуд. Масалан, 6 августи соли 1905 барои даъвати Думаи давлатӣ Манифест баровард; 17 октябри соли 1905 Манифесте баровард, ки дар он озодиҳои шаҳрвандиро эълон намуда, бо ин буржуазияи Русияро ба сӯйи худ ҷалб кард; 9 июли соли 1906 Думаи булигиниро пароканда карда, ибтидои соли 1907 интихоби Думаи давлатиро гузаронд; аз паст шудани ҳаракатҳои инқилобӣ истифода намуда, 3 июни соли 1907 Думаи дуюми давлатиро пароканда кард, ки «Табаддулоти 3-юми июнӣ» ном гирифтааст, ки ин

маънои ба итмом расидани инқилоби якуми рус, яъне шикаст хӯрдани онро ифода мекунад. Ҳукумати подшоҳӣ муқобилонашро бераҳмона таъқиб менамуд. Ҳукумати подшоҳӣ соли 1907 дар Осиёи Миёна шуъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистонӣ ташкил кард, ки намояндаҳои он ҳамчун «идораи сиёсӣ» (охранка) дар сарзамини Бухорою Хева низ амал мекарданд. Инқилоби якуми рус, ки ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ равона шуда буд, барои афзоиши ҳаракати зиддимустамликавии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон як такони ҷиддие гардид.

Воқеаи дигари сиёсие, ки ба тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна боис шудааст, ин ҷанги якуми ҷаҳонӣ мебошад. Ҷанги якуми ҷаҳон, ки аз 19 июли соли 1914 то соли 1918 давом кардааст, зери таъсири ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар Россия байни қишрҳои ҷомеаи Осиёи Миёна низ ҳаракати инқилобии нав пайдошудаистодаро пурзӯр намуд. Масалан, дар Кӯлоб (соли 1914), бекиҳои Кармина, Зиёуддин, Шаҳрисабз ва дигар мавеъҳои Осиёи Марказӣ шӯришу исёнҳо ба амал омаданд.

Шӯриши соли 1916 дар Хуҷанд қариб ки тамоми Тоҷикистони шимолиро фаро гирифта буд. Зулму истисмори халқҳои маҳаллӣ ва бар замми ин ҷанги якуми ҷаҳон боиси бадтар шудани зиндагии мардум гардид, захираи мардум барои эҳтиёҷоти ҷанг ҷамъ карда шуда, андозҳо дучанд гардиданд, ба корҳои хоҷагии қишлоқ, бахусус пахтакорӣ зарбаи сахт расониданд. Бар замми ин, аз тарафи Ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба мардуми заҳматкаш зулму таадӣ аз ҳад гузаронида шуд. Чунин муносибату амал норозигии халкро зиёд намуда, ҳаракатҳои инқилобиро байни омма ба вуҷуд овард.

Ин буд, ки дере нагузашта шӯриши мардуми Хуҷанд ба ҷойҳои дигари Осиёи Миёна низ паҳн мегардад: дар Ургут, Самарқанд, Панҷакент, Тошканд, Фарғона, Ҷиззах, Ӯротеппа, Ашт, Бухоро, Қаршӣ, Қубодиён ва ғайраҳо. Ҳамаи ин исёну шӯришҳо ба муқобили зулму золимӣ ва истибдоди беҳудуди аморати Бухорою амалдорони он ва ба муқобили сиёсату режими

сахти ҳукумати подшоҳӣ равона карда шуда буданд ва ҳамаи онҳо хусусияти миллӣ - озодихоҳӣ доштанд.

Ҳамин тариқа, аҳолии меҳнаткаши Осиёи Миёна ба муқобили ҷабру ситами аз ҳад зиёди ҳукумати подшоҳӣ ва амалдорони маҳаллӣ ба исёну шӯришҳо бархоста буданд. Мавҷҳои ин шӯришу исёнҳои халқҳои Осиёи Миёна ҳанӯз хомӯш нашуда, дар Россия 27 феврали соли 1917 воқеаи бузурги инқилобӣ ба амал омада, коргару деҳқонон ва гурӯҳи инқилобии артиш дар Петербург ҳукумати подшоҳиро сарнагун карданд ва дар натиҷаи ин инқилоб ба сари давлат Ҳукумати муваққатӣ омад. Аз байн бардошта шудани ҳукумати подшоҳӣ дар Бухорои амирӣ низ тарсу ҳаяҷоне ба вуҷуд овард. Амир дар тарс афтода, аз он дар ҳарос буд, ки тахти ӯ низ мумкин аст, ба зудӣ сарнагун гардад. Амири Бухоро – амир Олимхон (1910-1920) на танҳо аз хурӯҷи табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ, инчунин аз хурӯҷи ислоҳотталабон, ки бо номи «ҳаракати ҷадидия» маҳсуб меёбад, дар биму ҳарос афтода буд. Бинобар ин, амир маҷбур шуд, ки 7 апрели соли 1917 дар кори давлат ислоҳот гузаронида, лоиҳаи онро пешкаши мардум гардонад. Мувофиқи ин лоиҳаи ислоҳот бояд амир кори идоракунии дарборро дигар карда, ба амалдорон танҳо аз хазинаи давлат маош медод; закот, хироҷ ва андозҳои дигар ба тартиб даровarda шуда, ба худсарию бедодгарии амалдорон хотима дода мешуд; аз ҷумлаи ашхоси боилму маърифат ва донои Бухоро дар назди ҳукумат як маҷлиси машваратӣ ташкил меёфт; дахлу харҷи ҳукумат таҳти назорат гирифта мешуд; барои маърифатноккунонии мардум дар Бухоро як матбаа ташкил меёфт ва монанди инҳо.

Ҷавонбухориён - ҷадидон ин лоиҳаи ислоҳоти амирро пазируфтанд ва 8 апрел [193] намоиши шукрона ташкил намуданд. Вале диндорони мутаассибу иртиҷоъпараст бо гурӯҳи гумроҳи мардуми Бухоро ба муқобили намоиш баромаданд. Ин ҳолро дида, амир ва қушбегӣ нисбат ба ислоҳот сиёсати худро тағйир доданд.Аксулҳаракатчиён, ҷавонбухориёнро таъқиб

мекарданд, аз ҷумлаи онҳо 150 нафарро дастгир карда, ҷазои сахт доданд. С. Айнӣ низ нисбати он намоиш гунаҳкор дониста шуда, 75 чӯб ҷазо дида буд.

Дар охир ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки дар ибтидои асри ХХ дар сарзамини Осиёи Миёна, хусусан дар аморати Бухоро, ҳамчун маркази таассубу ҷаҳолати динӣ, ба одамони ба илмҳои дунёвӣ ва маданияти ҳозиразамонӣ хайрхоҳ бераҳмона ҷазо дода мешуданд; касе, ки дар бораи ягон унсури маданияти дунёвӣ фикри мусбат баён менамуд, кофир эълон карда мешуд. Дар як шароите, ки дар Осиёи Миёна дар маишат ва ҳаёти ҷамъият асосан, муносибатҳои феодалӣ ҷараён дошт, масъалаи муносибат ба илму маданияти тараққихоҳи дунявӣ масъалаи муҳим ва асосӣ маҳсуб меёфт, ки ин масъала ва масоили дигари марбут ба он асосан, аз тарафи маорифпарварон–ҷадидон ба миён гузошта буданд.

## 1.2. Омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули афкори адабӣ

Дар баробари ба вуҷуд омадан ва таҳаввулу тағйир ёфтани омилҳои сиёсӣ ва тафаккури иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар шуури халқҳои Осиёи Миёна, аз он ҷумла халқи тоҷик омилҳои маънавӣ, фарҳангию адабӣ низ ташаккул ёфта, таҳаввулоти ҷиддиву чашмрасро аз сар гузарониданд. Зеро ҳама гуна ҳодиса ва воқеа дар ҷойи холӣ ба амал намеояд, пайдоиши омилҳои маънавию фарҳангиро бо далелҳои равшану раднопазир исбот намуда, заминаи бунёдӣ ва сабаби ба амал омадани онро аз сарчашмаву мадракҳои нимаи дуюми асри XIX ва ҳатто пеш аз он, ҳамчунин аз тазкираву рисолаҳои муаррихон, асарҳои илмиву бадеии ин давра ҷустуҷӯ бояд намуд. Зеро барои муайян намудани инқилоби фикрӣ дар Осиёи Миёна, махсусан Бухоро, пеш аз ҳама заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва бунёдии ба амал омадани онро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор бояд дод, ки ин масъала дар фасли аввал баррасӣ гардид.

Ба якборагӣ ислоҳот хостани равшанфикрони Бухоро амали сангин ва маҳвкунандае буд, ки он омилҳои айнию зеҳнии худро дошт, зеро мардуми бесаводи мактабнодида ва асрҳо зери ҷабру зулми амирони мутаассиб мондаро ба ҳаракатҳои аксулинқилобию ислоҳотхоҳӣ ҷалб намудан, кори осон набуд. Барои омода намудани мардум ба ислоҳот солҳои зиёде лозим буд, то ки онҳо соҳиби хатту савод гашта, аз оламу одам воқиф шуда, баъд талаби ислоҳот аз ҳукумати Бухоро намоянд. Дар замони ҳукмронии амирони манғит илму дониш рӯ ба таназзул ва ҳатто ба маҳвшавӣ оварда, ҷабру зулм ба арши аъло расид. Мадрасаҳо касоду муллобачаҳо бедонишу тиҳимағз шуда, ҷаҳолат ҷойи донишро гирифта буд. Муллобачаҳо дар мадрасаҳо ба хондани тафсир, ҳошия ва китобҳои динӣ, машғул буданд, ки ин усули таълим онҳоро бесавод мегардонид. Бухорои замоне шуҳратёр нуфуз ва эътибори худро аз даст дода буд. Шумораи муллобачаҳое, ки аз ҳисоби миллатҳои тоҷику эронӣ, туркману

тотор ва дигар халку милллатҳо як замоне зиёд буд, сол ба сол кам мегардид. Замоне дар мадрасаҳои Бухоро мударрисони мактабдидаю босавод, соири фанҳои муҳимро ба толибилмон тадрис менамуданд. Доир ба ин масъала Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳ намуда, навиштааст, ки: «Дар он замонҳо дар мадрасаҳои Бухоро илмҳои динӣ аз қабили: ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, ҳикмати табиия, мантиқ, шеър, адабиёт низ омӯхта мешуданд. Дар қисми динӣ: Қуръон, ҳадис, тафсир ва усули фиқҳ барин қоидаҳои асосии шариат, дар қисми таърих: сияри набӣ (шарҳи ҳоли пайғамбарон) тарҷумаи аҳволи салаф (гузаштагон) ва табақот барои илмҳои ибратомӯз хононда мешуданд» [1, с. 9].

Табиист, ки шаклу низоми аз дидгоҳи илмӣ баррасишудаи фанҳои таълимӣ, аз ҷониби мударрисони босаводу дунёдида тадрис шуда, аз ҷониби онҳо ҳамвора омӯзиши илмҳои дунявӣ талқин мегардид. Чунин муносибат ба илм ва роҳу василаҳои гуногуни таълими илмҳои диниву дунявӣ муллобачагонро водор мекард, ки аз соири илмҳо огоҳ шуда, чун ашхоси воқеии мадрасадида дар ҳама ҷабҳаҳо шукӯҳу манзалати мадрасаҳои Бухороро ба мардум нишон диҳанд. Шахсони босавод, аз он ҷумла муллоҳои босавод ҳамеша манфиати фуқарою эҳтиёҷмандонро дар мадди аввал гузошта, аз рӯйи шариат ҳукми одилонае баровარданд. Ҳокимияти давр дар баъзе корҳои давлатдорӣ аз машварату маслиҳати уламо истифода намуда, андешаи онҳоро гӯш мекарданд.

Аморати Бухоро аз замонҳои қадим чун махзани илму дониш шуҳрати оламиён гардида буд. Аз ин рӯ, имконияти пайдо намудани китобҳои нодир ва камёфт дар китобхонаҳои Бухоро бештар буд. Махсусан, китобхонаи «Дор-уш-шифо», ки дорои китобҳои зиёди тиббӣ буд, аз китобҳои тиббӣ пур буда, ба алоқамандони илми тиб хизмати шоиста мекард. Дар замони салтанати Амир Насрулло дари китобхонаҳо баста шуда, ошиқони роҳи илм аз мутолиа маҳрум гардиданд. Аз баста шудани китобхонаҳо чароғи илм хомӯш, пеши чашми мардумро зулмот пахш намуда буд. Баста шудани китобхонаҳо ва дастраси пайдо накардани

мардум ба омӯзиши илм ҳадафи амирони манғит буд. Онҳо хуб медонистанд, ки мардумро дар ҳоли бесаводию фақр идора кардану ҳукмронӣ намудан мумкин аст. Агар онҳо ба омӯзиш машғул шуда, чашмашон равшан гардад, талабиислоҳот намуда, аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ бохабар мегарданд. Ин аст, ки амир ва чокаронаш мардумро дар ин ҳолат гирифтор намуда, ҳукмронӣ менамуданд. Яке аз омилҳои асосии сиёсӣ ва маънавии тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа ба вуҷуд омадани афкори тоза ва нав бо номи ҷараён ё худ неҳзати ҷадидия дар Осиёи Миёна мебошад.

Аз омилҳои асосии таҳаввул ва тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа ин пайдоиши афкори тозаю нав ва ё худ бо истилоҳ афкори ҷадидӣ дар ҷомеаи ибтидои асри XX аст, ки воқеан шарҳу маънидод ва баррасии паҳлуҳои мухталифи воқеаву ҳодисаҳо, раванду ҷараёнҳо ва тағйироту таҳаввулот дар адабиёт ба ин неҳзат иртиботи қавӣ дорад. Ҳаракат ё ҷараёни ҷадидӣ ин навфикрӣ ва озодихоҳӣ буда, тавассути маориф ва маданияти пешқадам ба амал меояд (азбаски дар боби сеюм дар бораи афкор ва марому мақсади ҷадидон ва ҷараёни мазкур сухан меравад, ин ҷо танҳо ба хотири кушодани омилҳои таҳаввули тафаккури ҷомеа, ки аз ин ҷараён баромадаанд, ба таври иҷмолӣ андеша баён карда мешавад). Фаъолияти ҷадидон аз маорифпарварон маншаъ гирифта, марому мақсади онҳо асосан, аз кушодани мактабҳои усули ҷадид, бе музд хонондан ва саводнок намудани фарзандони мардуми маҳаллӣ, нашри матбааву рӯзнома ва маҷаллаҳо, фош намудани моҳияти зиддихалқии гуфтаҳои руҳониёни мутаассиб, тарбияи халқ бо ахлоқи ҳамида, тарғиби илму маданияти нави замонавӣ, эҷод намудани асарҳои публисистӣ, бадеӣ, драмавӣ, тарғибу ташвиқи маданияти мутараққии Аврупо, бахусус маданият ва забони русӣ ва амсоли ин ба шумор меравад.

Инқилоби февралии соли 1905-и рус дар бедор шудани халқҳои Осиёи Миёна нақши муҳим бозида, ба ҳолати мисли ях шахшудаи мардуми ин сарзамин таъсир расонд. Мардумро ба тараққиёти маданӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ даъват намуд ва дар Осиёи Миёна ҷараёне бо номи «ҷадидӣ» ба

миён омад, ки пайравонашро «ҷадид» (навпараст) ва тарафдорони сохту мафкураи феодалиро «қадим» (кӯҳнапараст) меномиданд. Баъд аз ин муборизаи қувваҳои умумихалқӣ ва феодалӣ бо номи муборизаи ҷадиду қадим давом ёфт. Ҷадидҳо ба муқобили қадимиҳо барои тараққиёти маданият мубориза мебурданд.

Бо назардошти ин, андешаҳо он дар таърих бо «номи низои байни ҷадиду қадим» маълум аст. Ҷунбиши фикрии ҷадидия дар Осиёи Миёна дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст. Балки он дорои замина ва ё худ омилҳои маънавии зерин буд:

**Заминаи аввал** - ин таъсири ақидаҳои маърифатпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Возеҳ ва дигарон, ки оид ба тағйир додани низоми идораи давлатӣ, риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ нисбат ба аҳолӣ, тағйир додани барномаҳои таълимӣ дар мадрасаҳои Бухоро, баробарии илмҳои динӣ ба толибилмон омӯзонидани илмҳои дунявӣ, ба кишвари пешрафта табдил додани аморати Бухоро ва ғайра маҳсуб меёфт.

**Заминаи дуюм** - ин таъсири ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри XIX ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Маркази асосии ҳаракати ҷадидияи тоторҳо Боғчасарои Қрим ва шаҳри Қазон маҳсуб меёбад. Бинобар зиндагӣ ва фаъолият доштани тоторҳо дар шаҳрҳои Осиёи Миёна, ақидаҳои ҷадидони тотор дар байни тоторҳои осиёимиёнагӣ ба зудӣ паҳн гардида, таъсири худро ба мафкураи равшанфикрони бухороӣ низ расонид [202, с. 117].

**Заминаи сеюм** - таъсири инкишофи муносибатҳои нави молию пулӣ дар Осиёи Миёна (аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XIX шуруъ мешавад). Зеро дар ин давра муносибатҳои нави молию пулӣ байни кишварҳо ривоҷ ва инкишоф ёфта, мавқеи муносибатҳои феодалиро танг мекард. Ба вижа дар Осиёи Миёна мардум дар муддати кӯтоҳ шоҳиди воқеаҳои ба вуҷуд омадани заводу фабрикаҳои гуногун, сохтани роҳҳои оҳан, пайдо шудани бонкҳо ва ғайра гардидаанд, ки онро дар фасли аввал

матраҳ намудем. Ҳамаи ин дигаргуниҳо барои бедорӣ ва тағйир ёфтани афкори зиёиён бетағйир набуд [202, с. 117].

**Заминаи чорум** - таъсири матбуоти даврӣ ва дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна ба вуҷуд омадани мактабҳои русии маҳаллӣ. Дар охири асри Х1Х, махсусан ибтидои асри ХХ ба Осиёи Миёна ворид шудан ва паҳн гардидани маҷалла ва рӯзномаҳое, ки дар Эрон, Афғонистон, Миср, Россия ва Туркия ба забонҳои форсӣ, тоторӣ, русӣ ва туркӣ нашр мегардиданд, зиёд шуд. Зеро маводи ин рӯзномаву маҷаллаҳо на танҳо зиёиёнро аз вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ҷаҳон ба мисли ҷанги русу япон, воқеаҳои Болқон, инқилоби якуми рус ва дигар ҳаракатҳои инқилобӣ, балки аз дастовардҳои илмиву фарҳангӣ, пешрафти илму техника, ҳунари шаҳрсозӣ, тиҷорату саноат ва ғайра огоҳ менамуд [202, с. 117].

Ниҳоят, ҷадидон бахри хушбахтии мардум ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии аморати Бухоро дар назди худ чун мақсаду маром, иҷрои вазифаҳои зерин: барҳам додани бесаводӣ тавассути таъсис додани мактабҳои усули нав, ислоҳи низоми таълим дар мадрасаҳо, паҳн намудани адабиёти нав, рӯзнома ва маҷаллаҳои тозанашр, бо роҳи тарғибу ташвиқот ба мардум фаҳмонидани разолатҳои ҳукуматдорони амирӣ, барҳам додани исрофкориҳои зиёди амир, аҳли дарбор ва мардум ҳангоми баргузории ҷашну маросимҳо, муҳайё намудани шароиту имкониятҳо барои рушди тиҷорат, бунёди роҳу пулҳо, таъмин намудани дахлнопазирии моликият ва дар чорчӯбаи қонун ҳифз кардани он аз ҳаргуна ниятҳои бадқасдонаи маъмурини дарбор, ба тартиб даровардани тақсимоти об ва амсоли инҳоро пеш гузоштаанд.

Яке аз омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ ин кушода шудани як қатор матбааҳои литографӣ (сангӣ) аз соли 1868 дар шаҳрҳои Самарқанду Тошканд, Бухорои Нав, Фарғонаю Андиҷон, Қӯқанду Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, ки ба чопи китобу дастур ва дигар маводҳои матбуот машғул буд, маҳсуб меёфт. Зеро тавассути таъсиси матбааву ташкилотҳои гуногун зиёиёни пешқадам, озодихоҳону ислоҳталабон барои таблиғи ғояҳои пешқадами худ ва бедор

кардани мардуми маҳаллӣ, дар шаҳрҳои бузургтарини Осиёи Миёна ташкили матбааҳоро аз воситаҳои муҳим ва зарурӣ дониста, барои кушодани он аз тамоми воситаву василаҳо истифода кардаанд. Ин буд, ки дар ибтидои асри XX дар он шаҳрҳои зикрёфта ширкат ва матбааҳои «Ширкати Бухорои шариф», «Баракат», «Умед», «Тараққипарвар», «Матбааи Исҳоқия», «Нашриёти Беҳбудия», «Нашриёти Шакурӣ», матбааи «Газаров» (Самарқанд), таъсис ёфта, дар кори таъсисёбии онҳо Саидрасул Азизӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Мунввар Қорӣ, Абдулло Авлонӣ, Абдулвоҳид Мунзим, Садриддин Айнӣ, Ҳамдӣ, Меҳрӣ, Хоҷа Муин Шукурулло, Исматулло Раҳматуллозода, Саидаҳмад Васлӣ ва дигарон саҳми муносиб гузоштаанд.

Матбааҳо на танҳо асарҳои адибони давраи классикӣ, аз қабили Ҳофизу Бедил ва нахустин луғати тоҷикию русӣ аз тарафи Шоҳайдар Ҳотамтоев (соли 1899) инчунин, осори адибони вақт, ба монанди тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ – «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб», тазкираи Афзал Махдуми Пирмастӣ – «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор», сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким – «Туҳафи аҳли Бухоро», асари мансури Шамсиддини Шоҳин – «Бадоеъ-ус-саноеъ», девонҳои ашъори Аҷзии Самарқандӣ, достони Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ – «Толиб ва Матлуб», асари таърихии Сайид Шариф Роқими Самарқандӣ – «Таърихи касира», ҳамчунин дар чоп ва дастрас намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-дидактикии Саидаҳмад Васлӣ - «Баёни ҳуруф» ва «Муқаддимаи сарфу наҳви арабӣ ҳам намунаи сарфу наҳви форсӣ», Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ - «Алифбои мактаби исломӣ», «Асбоби савод», «Мунтахаби ҷуғрофиёи умумӣ», «Китоб барои атфол», «Амалиёти исломия», «Мухтасари таърихи ислом», Абдулқодир Шакурӣ ва Хоҷа Муин - «Роҳнамои савод», Исматулло Раҳматуллозода - «Роҳбари мактаб ё худ алифбои тоза ба тарзи усули савтия», «Илми ҳисоб», «Қоидаҳои форсӣ», «Таълими ҷуғрофиё», «Таърихи ислом» ва «Роҳбари мактаб» ва Садриддин Айнӣ - «Таҳзиб-ус-сибён», «Зарурияти диния» ва «Тартил-ул-Қуръон» ва ғайра нақши муассир гузоштаанд.

**Омили дигар ва муҳимми маънавию фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ** дар ибтидои асри XX дар Самарқанду Тошканд ва Фарғонаю Андиҷон, умуман дар Осиёи Миёна ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба роҳ мондан ва чоп кардани рӯзномаю маҷаллаҳо ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳамин андеша Х. Мирзозода навиштааст, ки: Зеро дар кори бедории адабӣ ва фикрии аҳолии Туркистон, аморати Бухоро ва хонии Хева ғайр аз омилҳои ҳаёти дохилӣ ва хориҷӣ боз омилҳои дигар-таърихи ғоявию мафкуравӣ низ мавҷуд буд, ки он омил китоб ва матбуот аст. (Мирзозода Х. Чанд масъалаи таърихӣ-ғоявӣ ва эстетикии афкори ҷадидияи тоҷик дар ибтидои асри XX. Мусаввада, саҳ.137 ). Ин буд, ки дар нимаи дуюми асри XIX дар бедории мафкура ва тафаккури адабӣ ва ҳисси миллии халқҳои ин сарзамин воридоти рӯзномаву маҷаллаҳо ба Осиёи Миёна, масалан маҷаллаи илмию адабии «Сирот-ал-мустақим» аз Туркия, рӯзномаи «Тарҷумон» аз Қрим, «Вақт» ва маҷаллаи «Шӯро» аз Тотористон, маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» аз Озарбойҷон, маҷаллаи форсии «Чеҳранамо» ва «Парвариш» аз Миср, рӯзномаи «Сироҷ ул-ахбор» аз Афғонистон, «Ҳабл-ул-матин» аз Ҳиндустон ва ғайра нақши мондагор гузоштаанд. Масалан, Садриддин Айнӣ доир ба моҳият ва аҳаммияти вижаи рӯзномаи «Тарҷумон» дар байни мардум, ки воқеан, нақши муассир гузоштааст, андешаҳои муҳим баён кардааст.

Рӯзномаҳои фавқуззикр ба тамоми мавзуъҳо дахл намуда, аз ҳаводиси олам хабарҳои сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодӣ ва иттилоотӣ дарҷ намуда, миёни мардум нуфузу эътибор пайдо мекард. Вуруди рӯзномаҳои тозанашр дар таҳаввули тафаккури адабии мардум ҷунбишеро бедор намуда, заминаи мусоид дар бедории онҳо фароҳам овард.

Дар баробари рӯзномаву маҷаллаҳои дар фавқ зикр гардида, дар ҳудуди Осиёи Миёна рӯзномаву маҷаллаҳо ба забони маҳаллӣ (тоҷикиву ӯзбекӣ) монанди «Ҳуррият» (1906), «Тараққӣ» (1906), «Шухрат» (1907), «Туҷҷор» (1907), «Бухорои Шариф» (1912), «Тӯрон» (1912), «Самарқанд» (1913), «Туркистон вилоятининг газетаси» (1914), «Садои Туркистон»

(1914), «Садои Фарғона» (1914), маҷаллаҳои «Оина» (1913), «Ал-ислоҳ» ва монанди инҳо нашр шудаанд.

Рӯзномаву маҷаллаҳои мазкур шахсӣ буда, хароҷоти онҳо аз ҳисоби муассисон ва шахсони алоҳида буд. Ин аст, ки онҳо баъзан, аз набудани маблағ, бо сабаби ба табъи ҳокимону қувваҳои иртиҷоӣ маъқул нагардидани маводҳо, баста мешуд. Бо вуҷуди ин, рӯзнома ва маҷаллаҳои мазкур дар бедории умумии аҳолии Осиёи Миёна хизматҳои шоистаеро анҷом додааст. Доир ба ин масъала устод Айнӣ дар шеъри «Ёди мозӣ», ки ҳарчанд хусусияти тарҷумаҳолӣ дорад, хеле равшан аз забони равшанфикрон изҳор кардааст:

Ёд бод он дам ба ғафлат истироҳат доштам,
Не ғами ислому не парвои миллат доштам…
Шод будам, то зи аҳли илм будам бехабар,
Бо ҷаҳолатпешагони даҳр улфат доштам…
Буд ҷойи рӯзнома «Замчинома» бар кафам,
Бо камоли шавқ «Абумуслим»[1] қироат доштам.
Рӯзгор охир зи хоби ғафлатам бедор кард,
Чун ба худ дидам, зи ҳоли худ хиҷолат доштам.
«Тарҷумон»[2] -ӣ кард «Аҳволи замон»[3] аз ҳоли ман[4]
«Вақт»-ро дар пеши худ «Миръоти ибрат» доштам [3, с.225].

11 марти соли 1912 аввалин рӯзнома ба забони тоҷикӣ бо номи «Бухорои Шариф» ба табъ расид. Муассисони рӯзнома Мирзо Муҳиддин Мансуров ва шоир Мирзо Сироҷи Ҳаким буда, бо маблағгузории мудири матбааи Когон Левии яҳудӣ бо муҳарририи Мирзоҷалоли Юсуфзода ба табъ расидааст. Оид ба заминаҳои ба вуҷуд омадани рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва дар бедории мардуми он ҳисса гузоштани рӯзномаи мазкур адабиётшинос Валӣ Самад дар чунин ақида аст, ки: «Фикри дар Бухоро таъсис намудани рӯзнома ва ба ин васила дар бедории мардуми Бухоро

[1] «Замчинома». «Абумуслим нома»-қиссаҳои машҳуре буданд, ки қиссадӯстон мутолиа мекарданд.
[2] «Тарҷумон» - ишора ба газетае, ки дар Қрим нашр мешуд.
[3] Ишора ба рӯзномаи «Тарҷумон»
[4] Рӯзномаи тоторӣ, ки дар Оренбург нашр мешуд.

ҳисса гузоштан аз Аҳмади Дониш сар задааст. Баъд, баъзе ҳамфикрон аз пайравони Аҳмади Дониш барои амалӣ шудани ин орзуи ӯ кӯшиданд. Ин шахс дӯсти ҳамдарду ҳамфикри Дониш Шариф Махдуми Муътасим аст» [164, с.144]. Бинобар зиёд будани муштариён аз ҳисоби халқи ӯзбек ва хоҳишу дархости онҳо аз 14 июли соли 1912 рӯзномаи «Турон» низ бо забони туркӣ ҳафтае ду маротиба ба чоп мерасонад. Нашри газетаҳо дар ҷаҳонбинӣ ва тафаккури мардум дигаргунии куллӣ ворид намуда, назари онҳоро ба тамоми масоил ҷиддӣ намуд. Газетаҳои мазкур зуд дар Бухоро шухрат ёфта, диққати тамоми мардуми Туркистонро ба худ ҷалб намуд.

Чопи ин ду газетаи ҳаётан муҳим дараҷаи дониш, нигоҳи ҷавононро ба омӯзиш куллан дигар намуда, масъалаи таълиму тарбияи фарзандон, ки вазифаи асосии волидайн аст, дар мақолаҳои ҷудогона дарҷ гардидаанд. Рӯзнома дар мағзи ҷавонон аввалин талаби дигаргун сохтани ҷадвалҳои дарсии мадрасаҳоро ба миён гузошта, дар нашрҳои охири рӯзнома, талабу дархостҳои ҷавонон оид ба дигаргун сохтани раванди таълим пешниҳод гардидааст. Чуноне ки дар боло ишора кардем, нашри газетаҳо бо забонҳои мухталиф, ҷаҳонбинӣ ва нигоҳи ҷавононро равшан намуда, онҳоро баҳри омӯзиши ҳарчи бештари илмҳо даъват менамуд. Ба раванди тадриси мактабҳои усули ҷадид муллоҳо ҳамеша зиддияти худро нишон дода, намегузоштанд мактабҳои усули нав нуфуз пайдо намуда, обрӯи мадрасаҳоро ба якборагӣ аз байн бибарад. Ҷавононе, ки то ин замон соҳиби хату савод гардида буданд, ба маҳдудияти эҷоднамудаи амир дар роҳи ислоҳот ва кушодани мактабҳо нигоҳ накарда, барои таҳсили илм роҳи Туркияро пеш мегирифтанд. Ҳатто солҳои минбаъда кор ба дараҷае расид, ки толибилмони даҳ-дувоздаҳсола таҳсили илмро дар Туркия интихоб мекарданд. Ҷамъияти махфӣ ва аъзоёни он, ки дар миёни ҷавонони боистеъдоди Бухоро таъсис дода шуда буд, барои дар амал татбиқ намудани ғоя ва идеяҳои созандаи ҷамъият дар миёни ҷавонон корҳои таблиғотию ташвиқотиро ба роҳ монда, барои дар амал татбиқ намудани ғояҳои созанда ва ислоҳотталабонаи худ, аз ҳисоби аъзоёни

ҷамъият фонди хайриявӣ таъсис дода шуд. Дар соли 1914 ҷамъияти махфӣ ба кушодани «Китобхонаи маърифат» ва «Ширкати Баракат» иқдом намуд. Робитаи аъзоёни ин ҷамъият ба толибилмони дар Туркия таҳсилдошта зич буда, сари ҳар моҳ газетаҳои дар Туркия, Боку ва кишварҳои Россия нашр шуда, пинҳонӣ дастраси аъзоёни ҷамъият мешуданд.

**Омили дигари тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа ин ифтитоҳи мактабҳои усули ҷадид (нав)** маҳсуб меёбад. Тазаккур бояд дод, ки дар шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна аввалин мактабҳо ба забони русӣ солҳои 80-уми садаи XIX ифтитоҳ ёфтааст. Масалан, соли 1884 дар шаҳри Тошканд аввалин мактаби русии маҳаллӣ кушода шудааст, ки 39 нафар талаба ба таҳсил фаро гирифта шуда будааст. Дар хулосаи омори вилояти Самарқанд (соли 1896) гуфта мешавад, ки дар мактабҳои русии маҳаллии Хуҷанд ва Уротеппа 41 нафар талаба таҳсил доштааст. Дертар шумораи чунин мактабҳои русии маҳаллӣ дар ибтидои садаи XX хеле зиёд шудаанд. Чунончи, соли 1911 дар шаҳрҳои Хуҷанду Панҷакент, Уротеппаю Конибодом ва Исфара беш аз 10 адад чунин мактабҳои маҳаллии русӣ амал доштаанд. Дар ин мактабҳо бачагони аз 8 то 20-сола қабул карда шуда, онҳо бидуни забони русӣ, ҳисоб, таърихи Россия, тиб, ҷуғрофиё, асосҳои дини насронӣ ва исломро ҳам таълим мегирифтанд. Тибқи маълумот дар қаламрави аморати Бухоро аввалин мактаби русӣ дар Бухорои Кӯҳна соли 1894 ифтитоҳ ёфтааст. Мувофиқи маълумоти мавҷуда дар назди ҳамаи мактабҳо барои аҳолии маҳаллӣ оид ба омӯхтани забони русӣ курсҳои шабона ҳам ташкил карда шуда будаанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар Туркистон, аз он ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистон ташкил гардидани мактабҳои русии маҳаллӣ ба таълими фанҳои дунявӣ ибтидо гузошт ва дар кори дастраси умум гардонидани забон ва маданияти рус хизмати калон кард. Доираҳои пешқадами аҳолии маҳаллӣ ба мактабҳои русии маҳаллӣ бо эътиқод ва эҳтиром нигоҳ мекарданд, инчунин барои инкишофу мустаҳкам гардидани онҳо

ҳамаҷониба ёрӣ мерасонданд, зеро ки онҳо дар зери таъсири одамони пешқадами Осиёи Миёна, аз он ҷумла бо шарофати чунин маърифатпарварон ва маорифпарварон: Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Абдулқодир Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллоев, Садриддин Айнӣ, Ҳайрат, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон тарзи таълими схоластикии мактабҳои мусулмониро бо чашми худ медиданд ва нағз медонистанд, ки ин мактабҳо ба кӯдакон ғайр аз қоидаҳои дини исломро азёд кунонидан, дигар чизе намедоданд. Бинобар ин, ба аҳолии маҳаллӣ мактабҳои русии маҳаллӣ бештар маъқул будааст.

Роҷеъ ба гузаронидани ислоҳот дар мактабу мадрасаҳо ва ташкили мактабҳои усули нав Садриддин Айнӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (дар Бухоро), Абдулқодири Шакурӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Исматулло Раҳматуллоев (дар Самарқанд), Тошхоҷа Асирӣ, Ҳасанхон Эшонов, Ҳоҷӣ Юсуф Файёзов (дар Хуҷанд), Салоҳиддин Маҷидӣ, Шукурҷон Ниёзмуҳаммадов, Қоризокир Аҳмадов (дар Конибодому Исфара) ва чанде дигарон махсусан, нақши калон бозидаанд.

Суръати кушодашавӣ ва зиёд шудани миқдори мактабҳои усули навро инқилоби буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907 хеле тезонидааст. Вале дар аморати Бухоро ва умуман, дар хоки Осиёи Миёна руҳониёни мутаассиб ва иртиҷоъпараст ба кушодани мактабҳои усули нав зиддияти сахт нишон дода, онҳоро мактаби кофирӣ ва омӯзгорашро кофир эълон мекарданд. Дар навбати худ, ҷадидон-маорифпарварон кӯшиш мекарданд, ки ин андешаи ғалату ботили онҳоро исбот намуда, зарурати мавҷудияти ингуна мактабҳоро исбот намоянд. Ин гуна мактабҳо соли 1898 дар Қӯқанд, соли 1899 дар Андиҷон ва Тошканд ба вуҷуд омадаанд, ки таълим дар онҳо ба забони ӯзбекӣ сурат мегирифт.

Аввалин мактаби усули нав ба забони форсии тоҷикӣ соли 1901 дар Самарқанд аз тарафи А. Шакурӣ ташкил ёфтааст. А. Шакурӣ дар соли 1903 дар гузари Қушҳавз ва баъдтар дар деҳаи Раҷабамини Самарқанд низ

ҳамин гуна мактабҳо бино кардааст. Миқдори мактабҳои усули нав дар кишвари Туркистон сол аз сол меафзуд.

Дар аморати Бухоро нахустин кӯшиши ташкил намудани мактаби усули нав ба ному кори Ҷӯрабойи Пирмастии тоҷир вобастагӣ доштааст. Ӯ аввалҳои соли 1900 дар гузари Пӯстиндӯзони шаҳри Бухоро мактаби усули нави хусусӣ ифтитоҳ мекунад, баъдтар, яъне соли 1902-1903 Каипов ном тотор мактаби худро ба мактаби усули нав табдил медиҳад. Вале онҳо бо сабабҳои объективию субъективӣ зуд баста мегарданд.

Соли 1908 бо ташаббуси Абдулвоҳиди Мунзим ва Садриддин Айнӣ дар ҳавлии Мунзим аввалин мактаби усули нави форсии тоҷикӣ кушода мешавад.

Садриддин Айнӣ ва Мунзим баҳри боз ҳам ҷалб намудани толибилмон ба мактаб ва тарбияти онҳо дар муқоиса бо мактаби кӯҳна, хусусияти синнусолии дабистонҳои усули ҷадидро тавсиф намуда, мактабро ҷои тарбияти ибтидоии шахс муаррифӣ менамояд.

Дар замони зулму истибдоди амирони манғит, равшанфикрон ягона роҳи ворастан аз ҷабру зулмро дар омӯзиш медонистанд. Дониш аслиҳаи пуриқтидору тавоноест, ки метавонад, роҳи хунхортарин душманро гирифта, мардумро аз ҷабру зулм раҳоӣ бахшад.

Дар арафаи Инқилоби Октябр ва баъд аз он ҳам дар Осиёи Миёна якчанд ҷараёнҳо ва ҷамъиятҳое амал мекарданд, ки байни онҳо муборизаҳои идеологӣ мерафт. Ин ҷо таъсири ҷараёнҳои панисломизм, пантуркизм, ҷавонбухориён (ҷадидизм)-ро махсусан, қайд бояд намуд. Онҳо мувофиқи мақсад ва вазифаҳои сиёсии худ аз ҳамдигар фарқ мекарданд.

Баъд аз инқилоби соли 1905 ҳаракати ҷадидӣ ҳамчун ҷараёни мустақил баромад кард. Ин ҷараён дар ҳудуди аморати Бухоро бо номи «ҷавонбухориён» машҳур буд. Вале ҳаракати ҷадидӣ ҷараёни ягона набуд. Гарчанде ҷадидҳо аз байни табақаҳои оппозитсионии буржуазияи майда баромада бошанд ҳам, дар байни онҳо интеллигентсияи пешқадам ҳам

буд. Чуноне ки профессор Х. Мирзозода қайд мекунад, ҳаракти ҷадидӣ ҷараёни ягона набошад ҳам, «…дар майлҳои он хислатҳои демократӣ ва ҳатто руҳияи на он қадар равшани инқилобӣ низ вуҷуд дошт» [121, с.101]. Бинобар ин, онҳо барои муташаккил намудани амалиёти худ ҷамъиятҳои гуногун ташкил мекарданд. Ҳамин тавр, дар Бухоро аввал ҷамъияти «Рафоқати Бухорои шариф» ва баъдтар, яъне соли 1910 ҷамъияти «Тарбияи атфол» ташкил карда шуд.

Чунон ки С. Айнӣ қайд мекунад: «низомномаи ҷамъияти «Тарбияи атфол» барои эҳтиёт масъалаҳои илмиро ба худ инъикос карда, ба масъалаҳои сиёсат дахолат накарданро шарт дониста бошад ҳам, аъзоёни он халқро баислоҳоти умумӣ ташвиқ менамуданд. Пайваста фисқу фасод ва тарзи идоракунии аморати Бухороро фош намуда, мардумро ба мубориза ба муқобили золимони аморат даъват мекарданд.

Аъзоёни ҷамъияти «Тарбияи атфол» ва «Рафоқати Бухорои шариф» бо таълиму тарбияи ҷавонон бештар машғул мешуданд. Дар вақташ аз байни аҳолии Бухоро ҷавонони боистеъдодро интихоб намуда, барои таҳсил ба Истамбул, шаҳрҳои Оренбург, Қазон, Уфа, Қрим ва Аврупо (Олмон) ва шаҳрҳои дигар мефиристоданд.

Бо мақсади кори ҳаррӯза ва фаъолияти пайдарпайи ҷамъият аз ҳисоби моҳонаи одамони тараққипарвар пул ҷамъ карда мешавад, ки маблағи ҷамъшуда ба манфиати кори ҷамъият сарф карда мешуд.

Бо мақсади беҳтар ташвиқ намудани афкори маорифпарварӣ аъзоёни ҷамъияти мазкур соли 1912 бо номи «Бухори Шариф» ва «Турон» рӯзномаҳо ташкил мекунанд. Ғайр аз ин, дар Туркистон маҷаллаи «Оина» ва рӯзномаи «Самарқанд» низ амал мекард. Дар саҳифаҳои ин рӯзномаҳо бештар аз хусуси ҳаёти маданӣ, корҳои зироат, мушкилиҳои иқтисодӣ, аҳволи мактабу мадраса ва монанди инҳо хабару мақолаҳо чоп мешуданд.

Бо ташаббус ва таъсири рӯзномаҳои мазкур дар Бухоро ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна ширкатҳо ва китобхонаҳо, ба мисли «Маърифат» ташкил карда мешаванд. Вазифаи ин китобхона дар байни аҳолӣ китоб,

ҳар гуна газетаю журнал ва дигар адабиётро паҳн кардан, ташналабони илмро бо навигариҳои ҳаррӯза мунтазам шинос намуда истодан буд.

Аз **омилҳои дигари муҳими маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ дар ибтидои асри XX барои ин мактабҳо иншо намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим** маҳсуб меёбад**.** Мактабҳои услули ҷадид ба хотири ҳар чи тезтар босавод кардани толибилмони худ ва дар назди ҷомеа пешқадам ва навгаро будани усули таълим таҳия ва иншои китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, китобҳои қироатӣ, ҳисоб, ҷуғрофиё ва амсоли инро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонистанд. Ин аст, ки аз охирҳои асри XIX сар карда, дар кишвари Осиёи Миёна баробари чопи асарҳои бадеӣ, динӣ ва тарҷумавӣ ба нашри китобҳои дарсиву қироатӣ ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои усули ҷадид шуруъ намуданд. Соҳиб Табаров ба ҳамин паҳлӯи фаъолияти равшанфикрон-ҷадидон, ки дар назди худ мақсадҳои бузург гузошта буданд, ишора намуда, навиштааст, ки: «Дар Осиёи Миёна чунин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои талабагони мактабҳои ҷадидия бештар дар матбааҳои Тошканд, Самарқанд, Қӯқанд, Когон ва баъзе дигар шаҳрҳо аз чоп мебаровარданд» [5, с. 3].

Тазаккур бояд дод, ки таъсири илм ва маданияти рус ба илму маданияти халқҳои Осиёи Миёна вобаста ба вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодии Россия дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, бахусус пас аз инқилоби соли 1905, бештар қувват гирифт. Дар ин раванд, хусусан ба муносибати дар ин кишвар ташкил ёфтани мактабҳои русӣ ва русии маҳаллӣ як қатор асарҳои классикони рус ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷума карда шуданд.

Тарҷумаи баъзе аз ин асарҳо дар Туркистон ва тобеи аморати Бухоро ба кушода шудани мактабҳои русии маҳаллӣ ва мактабҳои усули нав вобаста буд. Китобҳои дарсии педагогҳои машҳури рус К.Д. Ушинский «Родное слово», С. Граменицкий «Книга для чтения» ва асрҳои бадеии А.С.Пушкин, И.А. Крилов, Н.А. Некрасов ва Л.Н. Толстой, ки барои ин

мактабҳо истифода мешуданд, заминаи асосӣ барои иншо шудани китобҳои дарсиву қироатии тоҷикӣ маҳсуб меёфт.

Зиёиёини пешқадам-педагогҳои маҳаллӣ аҳаммияти тобеъ шудани Осиёи Миёна ба Россия ва илму маданияти русро дидаву санҷида, муҳаббату эътиқодашон ба мактабҳои русиву забони русӣ зиёд мегардад, ба андешае чунин «мактабҳои русии маҳаллӣ, қатъи назар аз мақсадҳои ҳақиқии худ, барои дар байни аҳолии маҳаллӣ паҳн намудани саводи русӣ, забон ва маданияти рус ёрӣ дода, ба таври объективӣ нисбат ба мактаб ва мадрасаҳои консервативӣ барои тараққиёти ҳаёти мадании халқҳои Туркистон то як андозае нақши мусбат бозидааст» [98, с.65-66].

Камбудии асосӣ ва бадбахтӣ дар он буд, ки дар мактабу мадрасҳои кӯҳна забони модарӣ ба сифати фанни таълимӣ омӯхта намешуд, бинобар ин, яке аз сабабҳои асосии пеш аз инқилоб бесавод будан ва мондани аксарияти мардумони Осиёи Миёна, аз он ҷумла халқи тоҷик, ба забони модарии онҳо таълим дода нашудани савод буд. Вале ҳаёт бо исрор талаб менамуд, ки доир ба масъалаҳои саводомӯзӣ ва аз бар намудани қонуну қоидаҳои забон ва адабиёти тоҷик барнома ва китобҳои дарсиву қироатӣ таълиф гардад.

Шароити таърихӣ, маданияти рус маорифпарварон-ҷадидонро водор менамуд, ки дар бораи тақдири ояндаи фарзандони халқ фикр кунанд. Онҳо иҷрои ин вазифаи мушкил, вале ниҳоят пуршарафро ба ӯҳда гирифтанд.

Баробари дар Осиёи Миёна ташкил ёфтани мактабҳои нахустини русии маҳаллӣ ба забони русӣ аввалин китобҳо таълиф шуданд. Баъдтар аз фанни забони русӣ барнома ва китобҳои дарсӣ таҳия гардида, чоп шуданд. Вале дар мактабҳои тоҷикии ин сарзамин, аз он ҷумла дар аморати Бухоро ин вазъият тамоман ранги дигар дошт. Дар ибтидои асри XX мактабҳои тоҷикӣ барнома ва китобҳои дарсӣ надоштанд. Муаллимон тибқи китобҳои мактаби кӯҳна кор мекарданд. Бинобар мавҷуд набудани барнома ва китобҳои дарсӣ дар мактабҳои тоҷикӣ устодон маҷбур буданд, ки аз шаҳру вилоятҳои Қазон, Уфа, Қрим, Оренбург, Боку баъзе китобҳои

ба забонҳои форсӣ, тоторӣ ва озарӣ чопшударо оварда, аз онҳо истифода баранд. Азбаски ин китобҳо ба забонҳои бегона ва нофаҳмо барои муҳассилини тоҷик навишта шуда буданд, на фақат барои талабагон, балки барои омӯзгорон низ душворӣ мекарданд.

Аз рӯйи сарчашмаву маъхаз ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ маълум мегардад, ки навиштани алифбо барои мактабҳои тоҷикӣ соли 1903 дар Самарқанд оғоз ёфтааст. Аввалин китобҳои тоҷикӣ барои синфҳои тоҷикии мактабҳои русии маҳаллӣ ва баъдтар барои мактабҳои усули ҷадид навишта мешаванд. Омӯзгорони синфҳои тоҷикӣ дар ин масъала бештар ба таҷрибаи методистон-муаллифони мактабҳои русӣ такя менамуданд.

Маълум мегардад, ки як зумра равшанфикрону зиёиёни пешқадами вақт барои мактабҳои усули ҷадидия  китобҳои дарсиву қироатиро таҳия ва иншо намудаанд, ки ба ин китобҳои дарсӣ ва қироатии ба забони туркӣ ва тоҷикӣ эҷодшудаи «Адиби аввал. Алифбо», «Адиби сонӣ», «Адиби толиб», «Чароғи диния», «Таҷвид»-и  Мунавварқорӣ, «Носеҳ-ул-атфол»-и Аҳмадхоҷа-эшон (ҷузъи якум), «Носеҳ-ул-атфол»-и Муъминҷон (ҷузъи дуюм), «Дар хусуси муомилоти савдо ва тиҷорат»-и Мулло Маҳкам, «Таърихи муқаддас»-и Шокирҷон, «Алифбои мактаби исломия» (1906), «Мухтасари таърихи ислом», «Амалиёти исломия», «Мадхали ҷуғрофияи имронӣ», «Мухтасари ҷуғрофияи Русӣ»-и Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, «Раҳбари форсӣ», «Мунтахаб-ул-гулистон ё худ қироати форсӣ»-и Мулло Муҳаммад Расулӣ, «Раҳнамои савоб», «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Абдулқодири Шакурӣ, «Меъёр-ул-ахлоқ» ва «Таърихи файзи ом»-и Сайёҳ Абдураҳмони Тошкандӣ, «Мавлуди шариф ё худ Миръоти хайр-ул-башар», «Мухтасари таърихи ислом»-и Абдуррауфи Фитрат, «Раҳбари хат»-и Мунзим, «Таҳзиб-ус-сибён», «Тартил-ул-қуръон» ва «Заруриёти диния»-и Садриддин Айнӣ ва дигарҳоро дохил намудан мумкин аст, ки онҳо дар мактабҳои ҷадидӣ таълим дода мешуданд.

Масъалаи дигаре, ки дар ҳаёти мадании ибтидои асри XX Осиёи Миёна ба назар мерасад, дар ҳаёт бештар роҳ ёфтани забони русист. Ба ин забон дар Осиёи Миёна, хусусан дар кишвари Туркистон мактабҳои русӣ

кушода мешаванд. Чунонки дар боло ишора рафт, дар як қатор шаҳрҳои калонтарини ин кишвар дар соли 1910 10 адад мактаби русӣ амал мекард. Кушодани мактабҳо ба забони русӣ аз он ҷиҳат зарурат дошт, ки амалдорони ҳукумати подшоҳӣ барои бо мардуми маҳаллӣ бемалол муомила карда тавонистан ба тарҷумонҳо эҳтиёҷи калон доштанд. Аз ин рӯ, ба ҳукумати подшоҳӣ лозим омад, ки аз ҳисоби талабагони маҳаллӣ тарҷумонҳо тайёр карда шаванд.

Дар ибтидои асри XX шавқу ҳаваси аҳли илму адаб ва мардуми босаводи кишвар ба гузаштаи таъриху маданият ва адабиёти ғании худ ва бо тарзу усулҳои нав таҳқиқ намудани он хеле зиёд мешавад. Муҳаққиқони рус дар бобати омӯзишу таҳқиқ намудани маданияту санъат, иқтисодиёт, мардумшиносӣ, таърих, забону адабиёт, боигариҳои табии зеризаминӣ ва ғайра дар Осиёи Миёна хизмати калоне кардаанд. Мутафаккирону адибони зиёди ин сарзамин аз намояндагони зиёии пешқадами рус сабақ омӯхтаанд. Алоқамандона ба ин, дар байни мардум ҳисси миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ боз ҳам бештар мегардад.

**Хулоса,** пажуҳиш ва баррасии боби аввали диссертатсия, ки дар он заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ ва омилҳои фарҳангӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, нишон медиҳад, ки дар тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна омилҳои сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангие мавҷуд будаанд, ки онҳо боиси ташаккулу таҳаввул дар ҷомеа гардида, дар бедории тафаккур ва шуури мардум нақши вижа гузоштаанд.

# БОБИ II

# НАҚШИ АҲМАДИ ДОНИШ ВА ОСОРИ Ӯ ДАР ТАҒЙИРИ ҶАРАЁНИ АДАБӢ ВА АФКОРИ АДАБӢ-ЭСТЕТИКИИ МАОРИФПАРВАРОН ВА ҶАДИДОН

## 2.1. Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ

Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангии нимаи дуюми асри XIX дар Мовароуннаҳр бо таҳаввулоти куллии худ аз нимаи аввали аср бо тобеъ гардидан ба Россия тафовут дошт. Баробари тағйироти мусбати ҷиддӣ дар ҳаёти ҷомеа, ҳаёти илмиву адабӣ ва фарҳангии ин сарзамин низ тавассути шаклу равияҳои тоза ва пурқувват зоҳир шудан гирифт. Заминаҳои пайдоиши онро аз як тараф, ба амал омадани буҳрони маънавӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар аморати Бухоро, аз ҷониби дигар нерӯ ва қувват пайдо кардани равшанфикрон ва шиносоии онҳо бо маданияти русу Аврупо ҷустуҷӯ бояд кард.

Зуҳуроти нави таърихии нимаи дуюми асри XIX-ро мушобеҳи Эҳёи асримиёнагии миллати тоҷик – Эҳёи Аҷам қаламдод намуда, талошҳои равшанфикрону равшанназарони ин давраро баъди ошноӣ ва ҳатто сафарҳои эшон (Мирзо Сироҷ, Аҷзӣ ва диг.) барои барқарор ва зинда намудани анъанаву суннатҳои гузашта ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Дар саргаҳи ҳамин ҷараёни тамаддунхоҳӣ ва ислоҳотталабӣ мутафаккир ва мутабаҳҳири шинохта Аҳмад Махдуми Дониш, мулаққаб ба Аҳмади Калла (1826-1897) меистод, ки бо андешаву мулоҳиза, пешниҳоду хулосаҳои ҷадиди худ на танҳо дар давлатдории «ҳокимони аҷнабии саҳронишин», балки дар дигаргун ва тағйир додани маҷрои адабии ҳазорсола нақши муассиру босазое гузоштааст.

Дар адабиётшиносии тоҷику рус ба мақому манзалат ва мавқеъ, назару хулосаҳо, ба вазъи иҷтимоии давру замон, таҳлили осори

гаронбаҳои Аҳмади Дониш аз солҳои сиюми асри XX рисолаву мақолаҳои зиёде навишта шуда бошад ҳам, вале ба таври мушаххас оид ба нақши Аҳмади Дониш дар тағйири маҷрои адабӣ дар рисолаву мақолаҳои фавқ оид ба ин масъала баъзе ишораҳо рафта, вале то солҳои 90-уми асри XX ва оғози садаи XXI мақолаву рисолаи алоҳидае, ки ин масоилро ба таври густарада ва бо як назму низоми муайян ҳал намояд, рӯйи кор наомада буд.

Баъди шикастани завлонаҳои низоми абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ ва бозсозии горбачёвӣ ва дар ин замина Истиқлолият пайдо кардани Ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ва аз он ҷумла Тоҷикистон аввалин фикру мулоҳизаҳо оид ба масъалаи бознигарӣ ва «дарёфти фаҳмишҳои нав» ва дар баробари ин муайяну мушаххас кардан ба қисмату «марзҳои адабиёт» андешаву мақола ва рисолаҳо иншо шуданд. М. Шакурӣ дар мақолаи «Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав» [217, с. 105-113] ва Худоӣ Шарифов дар мақолаи «Марзҳои адабиёт» [215, с. 114-120 ] дар ин масъала ба истиллоҳе аз «пионерони» ин падидаи нав буда, «барои ҷустани консепсияи нави таърихи адабиёт» (М. Шукуров) ва «барои тағйири қатъие дар пешрафти адабиёт ба вуҷуд овардан дар навбати аввал аз консепсияи кӯҳнашуда» (Х. Шарифов) даст кашиданро ба миён гузоштанд.

Аз солҳои 90-уми асри XX барои ба вуҷуд овардани консепсияи нави фаҳмиши адабиёт ва фаҳмишу диди тоза оид ба бисёр масъалаҳои адабиётшиносие, ки ҳатто қаблан мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд, мақолаву рисолаҳо рӯйи чоп омада, конфронсу симпозиумҳо (1990, 1993) доир гаштанд. Манзури муҳаққиқону хонандагон гаштани мақолаҳои аз диду нигоҳи тоза иншогаштаи М. Шакурӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Х. Асозода, А. Набавӣ, М. Раҷабӣ, С. Амирқулов, М. Мирзоюнус ва С. Аъзамзод ва дигарон оид ба паҳлуҳои мушаххаси таърихи адабиёти классикиву муосир маҷрои таҳқиқи адабиётро тағйир дод. Бахусус, ин ҷо оид ба мақолаҳо ва рисолаҳои М. Шакурӣ «Садри Бухоро» [206] , «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» [218], «Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон», «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» Аббос Алиев [209], А.

Набавӣ «Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷик» [136], силсилаи мақолаҳои М. Раҷабӣ оид ба масъалаҳои мафкура ва ҳофизаи таърихии ҷадидия, назарияи инқилоби ҷаҳон ва эҷодиёти С. Айнӣ, мулоҳизаҳо атрофи реализм, романтизм, методи реализми сотсиалистӣ ва ҷараёни адабӣ [160], Субҳон Амир (Субҳон Амирқулов) «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш», «Нигоҳе ба инкишофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX)» [173] ва зумраи дигарро махсус қайд кардан зарур аст. Зеро эшон дар он навиштаҳои худ ба масъалаҳои худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ, ҳақиқат ва воқеият дар адабиёт ва амсоли инро бо назари тоза мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар ин росто, рисолаву мақолаҳои профессор Субҳони Амир оид ба Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш, масъалаҳои самтгирии илмӣ дар таҳқиқи эҷодиёти Аҳмади Дониш ва мактаби адабии ӯ мақоми вижа доранд. Субҳони Амир дар мақолаҳои «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш», «Масъалаҳои самтгирии илмӣ дар таҳқиқи эҷодиёти Аҳмади Дониш ва мактаби адабии ӯ», «Фирдавсӣ ва Шоҳин», «Таҷдиди назар ба равияи нави адабиёти нимаи дувуми асри XIX», «Нигоҳе ба мабнои ақоиди адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш», «Сайре дар коргоҳи эҷодии Аҳмади Дониш», «Устод Айнӣ ва шинохти Аҳмади Дониш», «Даврабандии илмии таърихи адабиёт: марҳилаи гузариш дар таърихи адабиёти тоҷик», «Равияи «Пайравгарии эҳёӣ» дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX»ва ғайра масъалаҳои ҷиддии адабиёти нимаи дуюми асри XIX, бахусус ба нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири маҷрои адабӣ наздик шуда, онро бо муҳокимаву пешниҳодҳои тозаи қолиби назарияву амалӣ манзури муҳаққиқину хонанда менамояд.

Аҳмади Дониш бо таъбири Садриддин Айнӣ ин «доҳии модарзод» тавассути асарҳои вижааш «чунончи осораш далолат мекунад, дар муҳити Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ раҳбар ба шумор меравад» [8, с.200] рафта, бо нубуғи зотиву фитрии худ дар дигаргун кардани на танҳо насри тоҷикии форсӣ, балки дар тағйири маҷрои адабии нимаи дуюми асри XIX инқилоберо ба вуҷуд оварда, барои ояндагон роҳу

равиши тозаеро дар ин самт ба вуҷуд овард. Тағйири маҷрои адабӣ ва таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама тавассути таълифоти насрии худ, ки онро «дар пояи мартабаи шеърӣ қарор дод», ба вуҷуд овард. Аз ин дидгоҳ, масъалаи тағйироти маҷрои адабиро, ки аз масоили ҷанбаҳои назарӣ ва ҷилваҳои ҳунарии Аҳмади Дониш маҳсуб меёбад, ҷустуҷӯй бояд кард.

Садриддин Айнӣ чун яке аз мухлисон ва пайравони Аҳмади Дониш оид ба нақши адиб дар иншои асарҳои насрӣ ва даҳою мақоми ӯ дар адабиёт баҳои воқеӣ дода, навишта буд, ки: «...Аҳмад махдуми Дониш... дар боби адабиёти мансура хеле роҳи наву услуби тозаро бо илҳоми даҳову истеъдоди фитрии худ эҷод карда... » [8, с.353] аст. Аз ҳамин дидгоҳ, барои муайян ва мушаххас намудани ҷаҳонбинӣ, мақоми иҷтимоии Аҳмади Дониш, ки ғояи ақоиди адабию эстетикии ӯро ташкил дода, ба салафи худ (намояндагони адабиёти классикӣ) иртиботи бевосита дорад, алоқаманд аст. Аз ин рӯ, барои муайян намудани ақидаҳои пешқадами Аҳмади Дониш ва тағйири маҷрои адабии нимаи дуюми асри XIX, ки ба эҷодиёти ин адиби мутабаҳҳир иртиботи қавӣ дошта, аз се сарчашмаи моддӣ ва маънавӣ маншаъ гирифта, саросари эҷодиёти ӯ аз онҳо танида шудааст, муайян бояд намуд.

Вазъияти сиёсию иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX аз аввали он дида, бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ намуда, як навъ пешравӣ дар тамоми самтҳо-сиёсати иқтисодиву мадании ҷомеа мушоҳида мешавад. Лекин бо вуҷуди пайдо шудани падидаҳои нав ва афкори ҷадид, зиндагӣ ва аҳволи мардуми камбағали Осиёи Миёна ба мисли солҳову асрҳои қаблӣ рӯ ба беҳбудӣ наовард, ҳамоно вазнин ва сахт буд. Албатта, ба чунин қашшоқию хонахаробии умум ашхоси фарҳангӣ, зиёиён ва аҳли илму адаб чашм пӯшида наметавонистанд ё худ бетафовут набуданд.

Аҳмади Дониш баъд аз сафарҳои худ ба Россия ва шиносоӣ бо тарзи зиндагӣ, давлатдорӣ ва фарҳангу маданияти рус ва муқоиса бо амората Бухорову сохти давлатдории он ба хулосаҳои ҷиддие расида, аз нодонию безаковатӣ, бехирадию хомтамъии онҳо ба фиғон омада «ҳайф, афсӯс ки

дар ин аср гӯши шунаванда ва дидаи нигаранда нест. Ҷуз ин ки ҳар чи маълуми хеш гардад, ба саҳифа нақш кардану худ хондан ва худ гиристан, дигар илоҷе надорад» [21, с.97] гуфта буд.

Дар чунин шароити бӯғранҷ на танҳо тамоми самтҳои зиндагии ҷомеа, балки вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданию фарҳангии Осиёи Миёнаро низ аз ҳар ҷиҳат чунин ақибмондагӣ фаро гирифта буд. Аввалин сабабҳои ақибмонии ин кишвар дар Осиёи Миёна мавҷуд набудани маркази пурқуввати сиёсӣ маҳсуб меёбад ва кишвари Осиёи Миёна ба хонигариҳои Бухоро, Қӯқанд ва Хоразм (Хева) тақсим гардида, ҳар яке ба сари худ мустақил буданд. Дар баробари ин, Кӯлоб, Қаротегин ва шоҳии Дарвоз чун мамлакатҳои майдаи мустақил фаъолият доштанд. Байни хонигариҳои зикршуда ва майдаҳукуматҳо мудом рақобату душманӣ ва муборизаҳои тунду тез давом мекард. Чунин рақобату душманиҳо бештар авқот боиси хунрезиҳо ва талаву тороҷ гардидани мардум мегардид. Бар замми ин, ҷангҳои байнихудии ҳокимони маҳаллӣ бори андозу хироҷҳоро хеле вазнин карда, барои ҷисман ба ҳалокат расидани мардум сабаб мегардид, заминҳои зироатӣ ба ҷӯлҳои бекасу беоб табдил меёфтанд, шаҳрҳо тороҷ гардида, барои аз байн рафтани осори маданӣ сабаб мегардиданд. Аҳмади Дониш дар харобии назми аморат дар замони амир Дониёл ва тарзи салтанати амир Шоҳмурод махсус таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳоро чун донишманди мутаббаҳиру зуфунуни замони худ, бидуни истиҳола ва рӯйпӯшӣ намудан, ба анборхонаи баққоллон ва каҳдон табдил ёфтани ҳуҷраи мадрасаҳо ва аз авҷ гирифтани бозори хамру қимор ва фисқу фасод, ки боиси харобии кишвар гаштаанд, кушоду равшан ба миён мегузорад.

Авзои баамаломада ва таҳмилӣ аҳволи мардумро танг карда, бо рушди ..... ҳаёти онҳо монеа эҷод кардааст. Аҳмади Дониш дар замоне ба майдони адабиёт ворид гардид, ки давраи таҳаввулот ва бархӯрди қавму миллатҳои гуногун, муколамаи тамаддунҳои қадимии абарқудрат ва фарҳангу таърихи онҳо ба миён омада буд. Аҳмади Дониш ҳамчун фарзанди замони

худ ҳарчанд дар саргаҳи «шароити таърихии эҳёзо» истода бошад ҳам, вале онро ба таври худ, аз нигоҳи як шахси фарҳангие, ки ба бисёр воқеаву ҳодисаҳои замони амирони манғит бо нигоҳи манфӣ баҳо дода, бештари он воқеаву ҳаводисро на танҳо аз забони қаҳрамони асарҳои худ, балки аз забони шахси аввал баҳогузорӣ ва маънидод кардааст.

Аҳмади Дониш дар саргаҳи нави муколамаи фарҳангии давраи гузариши Шарқи нимаи дуюми асри XIX, бавижа Осиёи Марказӣ ҳамчун фарди донову огоҳ аз фарҳанги пешраву рушди мамлактҳои Русу Аврупоро дар симои як базме, ки дар он ширкат варзида, аз он муносибату муомила, рафтору кирдор ва нишасту хези иштирокдорон моту маҳбут ва мутаҳайир гардида, нисбат ба ҳолу аҳволи худу дигар даъватшудагонро «ғулон», «девон», «ифротиёни одамсурат», «одамиёни ҳайвонсират», «бехирадон», «безабонон» ва «аз саҳро расида говон» таъбир намудааст.

Чунин андешаҳои бикр, ки дар он аз як тараф ҳисси нафрат ба кундию карахтӣ ва аз ҳар ҷиҳат ақибмонда будани мардуми Осиёи Миёна эҳсос шавад, аз тарафи дигар дар «Рисолаи таърихӣ» бо ҳазор афсӯсу надомат Моваруннаҳрро, ки марказаш «Бухорои Шариф» буда, маркази илм ва дину диёнат маҳсуб меёфт ва ба «арсаи шаҳристони Лут» ва боло рафтани «бозори фисқу фуҷур» табдил ёфта буд, монанд намудааст.

Аҳмади Дониш чун фарзанди фарзона ва ҳомии тамаддуну фарҳанги миллати хеш дар баробари боварӣ ба қазову қадар ва сарнавишт, фалаҷ гардидани маънавиёт ва таназзул ёфтани маънавиётро аз омилҳои дигар, алалхусус, дар сари қудрат будани аҷнабиён, яъне манғитиён донистааст. Ӯ аз безабтии салтанат ва бетфовутии ҳукумат коҳиш ёфтани мадрасаву масҷидҳо, ба «коҳхонаи хари обкашу ғалладони баққол табдил ёфтани ҳуҷраи мадрасаҳо», ба анъана табдил ёфтани «бозори хамру қимор ва фисқу фасод» дар байни ҳокимону амиронро дар замони салтанати амирони манғит (амир Дониёл ва амир Шоҳмурод-А.М.)-ро бо як сӯзу гудоз зикр намудааст.

Мулоҳизаву андешаҳои воқеан ҷиддиву истиқлолхоҳии Аҳмади Дониш ва навиштаҳои ӯ аз як тараф шуҳрати шаҳомати ӯро аз ҳар ҷиҳат

мумтоз гардонида, дар нуктапардозӣ ва фасоҳату балоғатягонаи замон буданашро муаррифӣ карда бошад, аз ҷониби дигар бедорӣ ва руҳи милливу истиқлолхоҳии адибро ба тavри мушаххасу комил нишон медиҳад.

Аҳмади Дониш аз ҳамин дидгоҳ, яъне руҳи худшиносӣ ва ватанхоҳиву истиқлолталабӣ рӯ ба рӯй бо маданияти Аврупову Ғарб истода, ба он бо чашми таҳайюр менигарад ва ба худу ҳамнаслон ва ояндагонаш суол медиҳад, ки: «Ва сабаб чист, ки ҳама донишу фарҳанг махсуси ҳукамои фаранг шуда? Ва иллат чӣ, ки ҳама доноёни мо гарангу данг?!» [22, с.123]. Дар баробари ин, дар яке аз сафарҳое, ки Аҳамади Дониш дар Россия буд, бо таклифи мизбонон сайри чаҳорбоғи император дошт, байни эшон ва мизбон суҳбате атрофи масъалаҳои фарҳангу адабиёт ва зиндагии мардуми Аврупову Осиёи Миёна ба амал омадааст ва аз забони мизбон оид ба беназмии давлату чаласаводӣ ва бедонишии умарову ҳокимон ва олимони давлати манғитиён андешаеро оварда, дар хиҷолат ва зери обу арақ мондани худро чунин тасвир мекунад: «Мизбон… бе муҳобо ба тавсифи давлату шавкати расӣ (русӣ-М.А.) ва фарангӣ лаби изҳор кушода, дафтари таърифу ҳикмату санъати эшон дар миён ниҳод ва безабтии давлату низоми узбакия ва бевуқуфии донишварони ин билодро сармояи зиҳку афсӯс гардонид, ки маҷлисиён ғарқи арақи инфиолу хиҷолат гардиданд…» [22, с.123].

Аҳмади Дониш ҳарчанд дар се сафари кӯтоҳмуддати худ бо ҷузъиёти зоҳирии зиндагӣ ва фарҳангу маданияти рус ошноӣ пайдо карда бошад ҳам, вале ҳамин сафарҳои кӯтоҳ дар ҷаҳонбиниву андешаҳои ватандориву ватанхоҳии ӯ тағйироти ҷиддии мафкуравии ғоявиро ба вуҷуд овардааст. Мақсаду мароми аслии адиб аз тасвир ва тавсифи ҳаёту маданияти рус ва Аврупо қабл аз ҳама дар он инъикос ёфта буд, ки ҳамватонон ва ҳамзамонони худро бо тамаддун, инкишофу тараққиёти илму техникаи пешрафтаи ин мамлакатҳо шинос ва назару ҷаҳонбинӣ ва завқу салиқа ва чашми мардумро ба ин корҳо бедор намояд.

Паҳлӯи дигари ин масъала дар он инъикос меёбад, ки Аҳмади Дониш мехост, тавассути инъикос намудани тартиботи давлатдории рус ба амирони манғит панд диҳад, ки онҳо низ дар низоми давлатдорӣ ва сохти он тағйироту дигаргуниҳо ба вуҷуд оваранд. Чунин ҷасорати Аҳмади Дониш ба хотири пешрафту тараққиёти меҳанаш равона шуда, барои барҳам додани қашшоқӣ ва аз ҷаҳолату нодонӣ, бесаводӣ наҷот додани мардум равона карда шудааст. Ин аст, ки масъалаҳои зиёде ҳангоми сафар таваҷҷуҳ ва диққати Аҳмади Донишро ба худ ҷалб намуда буданд ва чунин ҳисси муҳаббату ғамхорӣ нисбат ба халқу мамлакати худ дар эҷодиёти кам адибони ҳамзамони адиб ба назар мерасад.

Аҳмади Дониш дар баробари бо як муҳаббати хосса ба зисту зиндагонӣ, урфу одати халқ ва усули давлатдории Россия ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир карда, вазъияти илм, муваффақиятҳои олимони рус ва инкишофу пешравии онро ба ҳолати илм ва таълиму тадрис дар мадрасаву мактабҳои мутавасситаи Бухорои онрӯза муқоиса намуда, ба хулосае омада, ки барои идораи мамлакат, инкишоф ва ривоҷу равнақи он илмҳои гуногун, бавижа илмҳои дунявӣ шарту зарур аст.

Аҳмади Дониши ташнаи илму дониш баробари зикри тараққиёти Россия, аз дастовардҳои олимони рус дар тааҷҷуб шуда, аз ду курае, ки ноиби вазири Россия П.Н. Стремоухов ба ӯ ҳадя фиристода буд, хеле хурсанду шодмон гардида, бо як ҳисси қаноатмандӣ чунин менависад: «Ва ман дар муқобилаи он атия чизе наёфтам лоиқ, ки муовазат кунам магар ба ду-се байти мадҳ, ки:

Астармахуф, кони маҳак, зевари улум,
Дар қабзу басти амр  Осафи замон.
Диданд халқ шеъраму ҳеҷам надодаанд,
Ӯ шеъри ман надиду ато кард бекарон.
Аҳли карам ба аҳли ҳунар симу зар диҳанд,
Ӯ гирд карду дод ба ман илми «кунфакон» [22, с.152-153].

Ин шеър чун ба вай расид, назди ҳар мулоқот рӯю даҳони маро мемазид ва илхоҳ мекард, ки «он чи туро ба кор ояд аз асбоби илмия, ба

ман гӯй, муҳайё медорам» [22, с.152-153]. Аҳмади Дониш аз чунин муносибати ин шахс, ки ба илму адабиёт иртиботе надошта, дар мансаби давлатӣ ифои вазифа менамуд, ба аҳли илму адаб ва шеъру шоирӣ эҳтироми зиёд доштааст ва дар баробари ин, аз беқадрии илму адаб дар кишвари худ ба фарёд омада, зикр мекунад, ки дар Бухоро чунин шеърҳо қадру қимате надорад.

Ба андешаи мо, аз тасвиру нақли воқеаҳои доираҳои гуногуни қишрҳои ҷомеа ва илмии Россия, ки муттасил ба омӯзишу таҳқиқ банд буда, пайваста дастовардҳои олимону ихтирокорони ватани худро дастгирӣ ва қадрдонӣ мекарданд, Аҳмади Дониш дар кишвари худ-Бухоро низ ба роҳ мондани илмҳои дунявӣ ва шинос кардани онҳо ба он дастовардҳои миллати русу аврупоро талқин кардааст. Аҳмади Дониш дар навиштаҳояш аз мазмуну муҳтавои дарсҳои мактабу мадрасаҳои Бухоро ва муллову муллобачаҳо ва мударрисони он изҳори таассуфу норозигӣ намуда, назари интиқодии худро хеле возеҳу равшан ва ошкоро баён намудааст.

Фикрҳои бебокона ва далеронаи Дониш амир ва лаганбардоронашро ба воҳима андохта, аз пайи дур кардани ӯ аз Бухоро мешаванд ва миёни солҳои 1880-1882 ӯро аз дарбор дур намуданд. Аҳмади Дониш дар Бухоро ба корҳои эҷодӣ машғул гардида, дар ин солҳо асари машҳури худ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро таълиф намуд.

Аҳмади Дониш салоҳи корро танҳо дар нигоштани асарҳои пурбаҳо дида, бар он мекӯшид, ки миёни мардум чароғи илму донишро фурӯзон гардонад. Ӯ бо ихлосмандӣ ва боварии том иқдом ба навиштани асарҳо намуда, умед бар он дошт, ки ин шоҳасарҳояш хираду маърифати оммаи халқро боло бардошта, онҳо рӯзе аз амиру муқаррабонаш талаби ислоҳот хоҳанд кард. Аҳмад-махдум дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба фарзандонаш панд дода, доир ба касбу пешаҳо изҳори ақида намуда, хубию зиштии ҳар якеро муфассал баён намудааст.

Аҳмади Дониш ба воситаи суханони ҳикматбори худ ба амир Музаффар панд дода, роҳи дурусту беғалат ҳукмравоиро дар асарҳои ҷудогона навиштааш таблиғ намудааст. Ӯ қаноатро ягона василаи расидан ба адлу додгустарии сартосарӣ донистa, шикастани нафсро амали басе савоб маънидод намудааст.

Аҳмад–махдум муносибати ноодилонаи амиру мансабдорони дарборро нисбат ба пешаи омӯзгорӣ дида, дар қиёс суханони паёмбари акрам Муҳаммад саллалоҳу алайҳи вассаламро пеши назар оварда, меафзуд, ки паёмбар илмро «иззати дунёву шарафи охират» хонда буд, мурод аз ин кадом илм бошад? Ӯ бо чашми сар ҳоли табоҳи омӯзгоронро дида, дилаш аз таълиму тадрис мемонд. Ба андешаи Дониш, дар баробари ба қадру манзалати пешаи омӯзгорӣ нарасидани амиру мансабдорони дарбор, боз ин пеша дар худ мушкилӣ ва монеаҳои зиёдеро дорад. Рағбати ҳокимони давр ба илму ҳикмат зудуда буда, дар ривоҷи мактабу мадраса ва таъмини маоши омӯзгорон ҳеҷ амри хайреро арзонӣ намекарданд. Аҳмад – махдум ранҷу заҳматҳои омӯзгоронро дида, дилаш аз пешаи омӯзгорӣ мемонад ва доир ба машаққатҳои ин пеша чунин нуқтаи назар намудааст: «Ва устод аз бисёрии сухан кардан дилмурда бошад... ва дандонҳо суст шуда, ба дандон шикастан натвонад ва ба хӯрдан… Шаб китоб бинад, рӯз ғавғо орад. Ва сайри беруну дарун натвонад ва ба таом хӯрдан ва мубошарат кардан фурсат наёбад...» [ш, с.193].

Аҳмади Дониш бо ҳисси дилбастагӣ нисбат ба халқу раият подшоҳро ба адлу дод даъват менамуд ва дар корҳои давлатдорӣ ба машварату маслиҳат амал карданашро амри зарурӣ медонист. Дар корҳои давлатдорӣ бояд подшоҳ аз маслиҳату машварати вазири бофарҳангу некманиш истифода намуда, ҳаддалимкон барои баррасӣ намудани корҳои сиёсӣ ва дахлу харҷи дарбор ду вазир ба мансаб барнишонад ва аз ҳоли лашкар ва молиёти давлат ҳамвора огоҳ бошад.

Аҳмад – махдум бар он назар аст, ки дар қаламрави шеъру шоирӣ ва дабирию котибӣ ашхосе мувазаф карда шавад, ки сараро аз сақат ҷудо

карда тавонад. Дар ин маврид, шоирони мумтоз ва ҳунармандони моҳир аз миёни беҳунарон ҷудо карда шаванд ва дар ҳаққи онҳо ҳеҷ зулме намеравад, агар он ҳама баҳодиҳию баҳопардозӣ аз рӯйи инсофу диёнати ашхоси муваззаф бар пешаи шоирию дабирӣ сурат гирад. Дар ҳар шаҳру вилоят инсонҳои соҳибфазлро ба роҳбарии шоирон ва дабирону мирзоён бояд гузид, то битавонад истеъдодҳои аз назари мардум пинҳонро кашф намуда, дар таҳкими илму дониш заминаи хубе гузоранд.

Дар мансаби раиси аҳли қалам танҳо шахси донишманду олимро метавон баргузид, зеро ӯ ба қадри илму олим ва машаққатҳои сангин мерасад ва дар ҳар шароит ба аҳли фазл дасти мадад дароз намуда, ҳунару илмро қадр мекунад.

Подшоҳро лозим аст, ки ҳунару истеъдоди ашхоси ба вазифаҳои давлатӣ номзадро санҷидаю дониста, сипас онҳоро ба хизмат бар нафъи миллату давлат баргузинад. Ҳунару истеъдоди шахс ва илму дониш ва одобу ахлоқаш ба дараҷаи боло расида бошад, онро метавон ба сафорат дар дигар мамолик баргузид, зеро сафир чеҳраи пинҳони подшоҳ дар хориҷ аз кишвар аст. Сафири бодониш ва ботадбиру рой метавонад, бо донишу маҳорат ва истеъдоди доштаи худ обрӯй ва нуфузу маданияти халқи хешро баланд бардорад. Ҳайати сафоратро месазад, ки ҳар яке дар донишу маърифат ва фаҳму фаросат, яккатози замони худ бошанду бо илму амали шоиста соҳиби мартаба ва эҳтироми мамолики хориҷ гарданд. Аҳмад - махдум суботи сартосарии мамлакатро аз сиёсати муваффақонаи подшоҳ ва лашкариёни бо истеъдод ва шуҷоу далер вобаста медонад. Дар интихоб ва омода намудани аскарони бонизом подшоҳро месазад, ки аз оғоз истеъдодҳои чобук ва ҷавонони боистеъдоду қавиҷуссаро баҳри ҳимояи марзу бум ба аскарӣ баргузинад, зеро ин ҷавонон метавонанд ватанро аз набардҳои дохилӣ ва ҳамлаҳои пайвастаи душманони хориҷӣ муҳофизат намоянд: «Подшоҳ сарчашма аст ва тобеи дигарон ҷӯйе чанд, ки аз сарчашма ҷорӣ шавад. Ломуҳолатан, агар оби чашма ширин бошад, оби ҷӯйҳо ширин аст ва агар талх, «ан- носу алодини мулукиҳум» [23, с.146].

Чунин мулоҳизаву андешаҳое, ки воқеан, барои ба вуҷуд омадани «тамоюли тамаддунхоҳӣ ва ислоҳотталабӣ» дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба вуҷуд омадааст, заминаҳои таърихии эҳёӣ дошт.

Вобаста ба он андешаҳои фавқ, ки оид ба нақши эҳёии Аҳмади Дониш дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба таври иҷмолӣ баён шудаанд, навиштаву гуфтаҳои ҳамасрон – муаррихону тазкиранигорон ва адибони ҳамзамонашро оид ба фаъолияти ин нобиғаи нотакрор, ки воқеан, дар таҳаввулоту тағйироти маҷрои адабии давр нақши фавқулодда доштааст, баррасӣ намудан низ бамаврид аст.

## 2.2. Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш

Дар муайян намудани афкори адабию эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX нақши муассир ва муҳим доранд. Дар илми адабиётшиносии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба вуҷуд омадани тазкираҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, Мирсиддиқи Ҳашмат, Афзал Махдуми Пирмастӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Садри Зиё, С. Айнӣ қобили таваҷҷуҳ аст.

Аз нимаи дуюми асри XIX шуруъ карда, баробари қувват гирифтан ва ба ҷунбиш омадани ҳаёти адабӣ дар аморати Бухоро ва шуҳрат пайдо кардани Бухоро ҳамчун маркази қувваҳои асосии адабӣ анъанаи тазкиранигорӣ низ аз нав ба ҷунбиш омада, суннати тазкиранависӣ эҳё мешавад.

Доир ба фаъолияти эҷодӣ, шахсият ва мақому манзалати Аҳмади Дониш «чун падидаи нодири давраи гузариш» дар адабиёти бадеиву илмии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар тазкираҳо, девони ашъор, баёзҳо, асарҳои таърихӣ қайдҳо ва навиштаҳои зиёдеро дучор мешавем, ки онҳо аз даҳои ин абармарди илму адаби тоҷик башорат медиҳанд. Қайдҳо ва хотираҳо дар бораи Аҳмади Донишро, ки арзиши адабӣ-эстетикӣ доранд, ба ду қисмат ҷудо карда, мавриди баррасӣ қарор додан аз аҳаммият холӣ нест: Қисмати аввал дар шакли ёддошту хотираҳо дар тазкираҳо ва асарҳои насрӣ ва қисмати дувум дар шакли маълумоти манзум–дар шеъру қасида, мухаммас ва марсияҳо [66, с.136-143] дар ҳаққи адиб иншо шудаанд, ки воқеан, аз он симои воқеии Аҳмади Донишро хонанда дарк карда метавонад.

## 2.2.1. Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX

Шахсият ва фардияти эҷодии Аҳмади Дониш шуруъ аз замони зиндагиаш, мавриди таваҷҷуҳи ҳамзамононаш-олимону шоирон, амирону вазирон ва аҳли дину тақво қарор гирифта буд. Онҳо ба шахсияти Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ карда, ҳар яке аз мақоми иҷтимоии худ ба донишу биниш, рафтору кирдор, муносибату муомилаи ӯ баҳо додаанд. Масалан, устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ҳамин паҳлӯи масъала дахл намуда, зикр карда буд, ки: «Аҳмад- махдуми Дониш мулаққаб ба «Аҳмади Калла» шахсест, ки агар мо дар бораи адибон ҳеҷ гуна маълумот доданро илтизом намекардем ҳам, дар хусуси ин шахс пургӯӣ карданро лозим медонистем» [8, с.200].

Муҳаққиқони адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX:  Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, И. Эшонқулов ҳангоми маълумот додан ба тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд. Ба гурӯҳи аввал тазкираҳои «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқи Ҳашмат ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, ки бидуни супориш, бо ихтиёри худ иншо кардаанд. Ба гурӯҳи дуюм, тазкираҳои «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор»-и Афзал Махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, ки супоришӣ буда, бо хоҳишу дархости амир Абдулаҳад иншо шудаанд, дохил мешаванд.

Дар тазкираҳои мазкур  бинобар мавқеи иҷтимоиашон ба шахсият ва фардияти Аҳмади Дониш баҳои гуногун  дода шудааст.

А) «**Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ.** Зикри Аҳмади Дониш бинобар сабабҳои номаълум аз тазкираи «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

берун мондааст, ки нисбат ба ин масъала дар адабиёти илмиву таҳқиқӣ низ ишорае ба он нарафтааст.

Б) «**Тазкират-уш-шуаро**»**-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ**. Яке аз тазкираҳои «пурфоидаи» (таъбири Садри Зиё- А.М.) нимаи дуюми асри XIX «Тазкират-уш-шуаро» Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ буда, ба қавли Абдуллоxоҷаи Абдӣ: «Бисёр суханшинос ва маънирас буд, бинобар ин, даъвии мутасаддии «Тазкират-уш-шуаро» гардида, чанд ҷузъ дар он боб тартиб намуда, аммо шеваи таассуб ва ҳиҷоро пеш (гирифта), аксар аз фозилонро қадҳ намуда, лиҳозо ба ҳукми ман оба уйиба гардида, тазкираи он аз зикру хотирҳо фаромӯш гардид... Он қадҳ дар вай, ки аз ӯ содир аст, он ҳам аз ҳиддти зеҳн ва имтиёзи ӯст» [1, с.140].

Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ Донишро чун нодираи замон ва «нуктапардоз ва тақриророи фасеҳ ва малеҳ» муаррифӣ карда, оид ба мақому манзалат ва даҳои Дониш мулоҳизаи ҷолиб баён доштааст. Ин ҷо қайд бояд намуд, ки қисмати боқимондаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ барои омӯхтани адабиёти нимаи дуюми асри XIX аҳаммияти вижа дорад. Як хусусияти муҳимтарини тазкираи Шаръӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар хусуси адибони намоёни давр, амсоли Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва ғайра ахбори муфассал медиҳад. Илова бар ин, муаллифи тазкира дар хусуси ҳар як шоир ва эҷодиёти ӯ мулоҳиза ва муҳокимаҳои интиқодии худро ҳам муфассал баён мекунад. Дигар вижагии муҳимтарини тазкираи Шаръӣ боз дар он аст, ки муаллиф аз намунаҳои эҷодиёти шоирон бештар ғазалиёт ва намуди дигари ашъори онҳоро овардааст. Аз ин ҷост, ки тазкираи Шаръӣ барои омӯхтани ҳаёту эҷодиёти шоироне, ки девони ашъорашон то ба дасти мо омада нарасидаанд, бештар аҳаммият пайдо мекунад. Чунончи, дар тазкира ба фазлу дониш ва мақому манзалати Аҳмади Дониш баҳо дода, навиштааст, ки: «Феҳриси маҷмуаи камолу биниш, нуқтаи интихоби манзумаи фазлу дониш, дебочаи саҳифаи фунуни ҳикам, унвони ҷаридаи илм, билқалам, нуктапардоз, маънитироз,

адофаҳми хушмуҳовара, хурдадони некӯмуҳозара, аз фузалои беназири рӯзгор ва нодираи адвор, дар ҷамеи фунуни адабия мумтоз ва ба тамомии саноoти қаламия беанбоз аст... дар ин диёр дар қуруни ҳолия чун ӯ соҳибкамоле ба олами эҷод қадам наниҳода, модари даҳр чун ӯ фарзанди комиле назода, дар ҳандаса Уқлидуси замон аст ва дар ҳайат Чағминии даврон, дар насри муҳозирот Вассофи сонӣ ва дар назму қасоид Камоли Исфаҳонӣ ба ҳиддати табъ ва сафои фикр Фахри Розӣ ва Насри Тӯсиро аз абнои замон мешуморад ва ба камоли фазоил ва истеъдоди том Форобӣ ва Буалиро қарин ва мувассал меангорад... » [50, с.43].

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва дигар асарҳои худ бо як ҳисси ватандӯстиву ватанхоҳӣ, нотарсона ва далерона андешаву ғояҳои тозаву пешқадамеро пешниҳод кардааст, ки бар зидди мафкура ва идеологияи давр равона шуда буданд. Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ ба ҳамин паҳлӯҳои масъала дар эҷодиёти адиб ишора намуда, дар ибтидо аз «нуктапардозу» «маънитироз», дар ҳандасаву ҳайат ва назму қасоид Уқлидуси замон, Чағминии даврон ва Камоли Исфаҳонӣ будани ӯро васф намуда, аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ сухан ба миён оварда, ин асарро дар ахлоқу ҳикмат нодира ва фарзонаву суханвари даврон ба қалам додааст: «Аз ҷумла мусаннафоти мудавванаи комилаш яке «Наводир-ул-вақоеъ» ном китобе аст, ки аксари авбоб ахлоқ ва фунуни ҳикамия ва муҳосиротро муносиби мақом басту ташреҳ ва зебо намуда буд. Фарзонагӣ ва суханвариро дар он ҷо додааст. Лоиқи мутолиа ва муколима аст ва он чи дар боби тақдири маҳқуқ, оёт ва аҳодиси воридаро тафсиру таъвили лоиқ намуда…» [50, с.44]. Шаръӣ дар баробари ин, хеле далерона мулоҳизаву интиқодҳои Аҳмади Донишро «мутолиа» ва «муколима» - кунанда ба қалам дода, ислоҳу тасҳеҳи онҳоро адиб зарур донистааст. Андешаҳои Шаръӣ воқеан, дар бораи Аҳмади Дониш ва зикру шарҳ ва тафсири матолибу мазомини воқеаву ҳодисаҳо, рӯйдодҳои ҷомеаи онрӯза тозаву ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Ҳамин маъниро Шаръӣ бо як маҳорати ба худ хос тавзеҳ дода, адибро ягонаи даврон ва ӯро «дар нуктапардозӣ ва тақриророй фасеҳ ва малеҳ, дар ин қарн якто ва дар

таъбири мазомин ва дар ташреҳи матолиби мутаназзир беназиру беҳамто» [50], ба қалам медиҳад, ки чунин баҳодиҳии воқеӣ на ба ҳар ҳамзамони муаллиф ва тазкиранависон муяссар гаштааст.

Бо вуҷуди чунин баҳои ҳақиқию воқеӣ додан ба Аҳмади Донишу эҷодиёташ назари адиб дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ва тазкираи ӯ манфӣ будааст. Садри Зиё дар тазкираи худ «Тазкори ашъор» ба Аҳмади Дониш мақбул наомадани онро махсус таъкид кардааст:

Ба тазкори ҷумҳурӣ ҳар тоифа,
Китобе намудаст пурфоида.
Валекин Ӯроқи Дониш хитоб,
Писандаш наёмад магар он китоб,
Ки гуфтааст дар қадҳи он тазкира,
Ду-се байти зебову хубу сара [34, с.121].

Доир ба ин масъала муаллифони пешгуфтори «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ низ ба хулосаҳои дуруст омада, дар ду маврид ин тазкираро мавриди накӯҳиш қарор додани Аҳмади Донишро зикр намудаанд. Ҳаҷвияи аввал:

Бо бехирадон нозу наим аст, ҷаҳон,
Бар доноён нори ҷаҳим аст, ҷаҳон.
Сар то по як нусахи бемаънӣ гир,
Чун тазкираи Ҳоҷӣ Азим аст, ҷаҳон [50].

Дар ҳаҷвномаи дуюм низ адиб забон ба таъна кушода, чунин навиштааст:

Ҳоҷии Шаръӣ намуд тазкирае,
То ки ёбад зи чархи давр футуҳ.
Нуктаҳо аз салолатӣ макдуҳ,
Қиссаҳо аз саломатӣ маҷруҳ.
Андар он зикр карда ҷумла харе,
Ҳама аз ҷаҳл толиби салтуҳ [50].

Аҳмади Дониш дар ҳаҷвияи дуюми худ хеле сахту ҷиддӣ аз соҳибтазкира ранҷидани худро кушоду равшан баён намудааст ва сабаби

чунин ҳақоратнома навиштани Аҳмади Донишрро метавон чунин ҳадс зад, ки замоне миёни ӯ ва муаллифи тазкира нофаҳмие рух дода будааст. Ҳарчанд ки дар миёни адибоне, ки дар асар зикр шудаанд, номи Аҳмади Дониш ҳам ҳаст ва чандин саҳифаи тазкираи Шаръӣ ба ӯ ихтисос дорад, боз ҳам Дониш бадгӯӣ кардааст. Мутолиаи қисмати ба Аҳмади Дониш бахшидаи муаллифи тазкира нишон медиҳад, ки воқеан, чунин ҳолат байни Шаръӣ ва Аҳмади Дониш аз хабаркашии ашхоси иртиҷоӣ рух зада, чунин нуқтаи назари манфиро нисбат ба муаллифи тазкира ба миён овардааст. Ҳамин маъниро Шаръӣ дар тазкира шарҳ дода, дар охир аз ба вуҷуд омадани ҳусни тафоҳум байни ӯву Аҳмади Донишро махсус таъкид кардааст: «Фақир мутасаддии рафъи шубуҳот ва дафъи эътирозоташ гардидам ва он чи мутобиқи ақоиди аҳли ҳақ буд, мунсифона баён ва ҳамли саҳеҳ-ул-бунён намудам. Он аҷвиба аз он асвилаи он бузурги ҳозирро писанду матбуъ афтод ва он ёри азиз ба асъои калимаи ҳақ аз сари он моҷаро даргузашт ва ҳаққирро, ки истиноде ба он муаллифи рисола доштам, мамнуни эҳсон гардонид» [50, с.9].

В) **«Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ.** Тазкираи дигаре, ки дар он зикри ному шахсият ва фаъолияти илмиву адабии Аҳмади Дониш бо як эҳтироми хосса мавриди таваҷҷуҳ қарор ёфтааст, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ маҳсуб меёбад. Дар бораи рӯзгор ва осори Ҳашмат ва тазкираҳои ӯ адабиётшиноси ҷавон Илҳом Эшонқулов дар рисолаи пурарзиши хеш дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмии нимаи дуюми асри XIX маълумоти зарурӣ ва кофӣ пешниҳод кардааст.

Дар бораи муносибати Ҳашмат ба Аҳмади Дониш ва иртиботи маънавии онҳо муҳаққиқи эҷодиёти Ҳашмат И. Эшонқулов андешаҳои муҳим баён кардааст. Маълум мегардад, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат бо Аҳмади Дониш муносибати самимӣ ва иртиботи маънавӣ доштааст.

Доир ба иртибот ва муносибати Ҳашмат бо Аҳмади Дониш ё худ Ҳашмат ба Аҳмади Дониш дар мақолаву пажуҳишҳо ишораҳо рафта бошанд ҳам, вале онҳо ба таври мушаххас тафсилоти масъалаи дар кадом

сатҳ қарор доштани муносибати Ҳашмат ба Аҳмади Донишро маврди таҳқиқи ҷиддӣ қарор надодаанд.

Дар бораи муносибати Аҳмади Дониш бо Ҳашмат, пеш аз ҳама осори худи Дониш баъзе маълумоти муҳими ибтидоӣ медиҳад. Аҳмади Дониш дар қисмати «Аз дафтари «Хотирот»-и худ, ки намунаи асарҳои то ҳол нашр нашудаи адиб маҳсуб меёбад, ҳангоми суҳбат бо яке аз дӯстонаш оид ба «итлоқу адвори одамӣ» аз рафтори шогирде, ки аз вайрон кардани муносибаташ ба маликзодае хабар медиҳад. Ба андешаи мо, аз муҳтавои матни мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки маликзода ин ҳамон Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ буда, «домуллои шогирд» бошад, Афзал Махдуми Пирмастӣ бояд бошад. Аҳмади Дониш зери ибораи «маликзода» танҳо ва танҳо Ҳашматро дар назар дорад, на дигар арбоби давлату мамлакатро. Чунин андешаро аз навиштаи Аҳмади Дониш оид ба хоҳиши маликзода (Мирсиддиқхони Ҳашмат-А. М.) дар бораи китобат кардани «Наводир-ул-вақоеъ» ба хубӣ пай бурдан мумкин аст. Аҳмади Дониш менависад: «Ваҷҳи хусумати домулло ҳеҷ маълуми ман нашуд, ҷуз ин қадар ки баъд аз китобати «Наводир-ул-вақоеъ»- аз муаллафоти ман, ки ба фармуди маликзода кардаам, ба ҷои он ки ҷои ман бишносад, бештар нашнохт ва хусумат овард, бинобар он ноқисфитратони табақаи аҳли қалам ба мустаидони аҳолии худ душман шаванд, аз он ки маъшуқаи маонию маориф дар канори мисли худ дидан натавонанд» [66, с.136-143].

Аз ин порчаи иқтибос бармеояд, ки байни Аҳмади Дониш ва Мирсиддиқхони Ҳашмат иртиботи маънавии ҷиддие барқарор будааст, ҳатто Ҳашмат бо вуҷуди дар ҳабси хонагӣ қарор доштан ба Дониш кумаки молиявӣ низ мерасонидааст.

Муайяну мушаххас намудани ин масъала аз доираи пажуҳиши мо берун буда, таҳқиқи вижаи ҳашматшиносонро тақозо дорад.

Аз рӯйи таҳқиқи Илҳом Эшонқулов бармеояд, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат «Тазкират-уш-шуаро»-и худро дар се ҷилд иншо намудааст ва зикри Аҳмади Дониш дар ҷилди сеюми он ки иловаи ду ҷилди тазкираҳои Ҳашмат маҳсуб меёфтаанд ва зери рақами 2729 дар феҳристи хаттии АФ

Узбекистон қайд ёфтааст, маълумот додааст. [48] Ҳашмат дар ин навиштаи худ Аҳмади Доинишро бо тамоми муҳассаноташ ба қалам дода, ӯро «Батлимуси замон ва суқароти овон», «муҳандиси олимаърифат», «афзали хаттотон», «пурдастмояи аъдали мунаҷҷимон», «устоди рафиъмиқдор», «манбаъулафзол ва маъдани ахбор» медонад: «Дониш тахаллуси Батлимуси замон ва суқароти овон. Муҳандиси олимаърифат мукаммили ҳар санъат ва сифат, афзали хаттотон, пурдастмояи аъдали мунаҷҷимон, фалакпояи ҳукми олам ва нозими манозими солимқиёсони навобит ва сайёр ва росиббандон, устоди рафиъмиқдор, манбаъулафзол ва маъдани ахбор …., ки Абдулҳамиди котиб назди макотиби он ҷаноби рақамшинос иншои таълим гирифтӣ ва адиби босаҳам, ки Афлотуни Филзавӣ дар дабистони ҳикматаш хаддоми асосӣ ва аҷри асосӣ пеш овардӣ, тарзаш ҳакимона буд ва донишаш адибона, бештарин авқоташ ба таълиму густурдани бисоти тақвим…. ва бо иҷобат ва башошат мулоқот кардан ва худ ба худ ба шуғли муътод бар разм будан ва рӯй овардани аҳли мусиқӣ ва хаттотон, таъхири чанде аз аҳли кайфи хашхош низ аз тавсаъа ва фароҳавсалагии бикр ва ҷамъ намуда, ҳама ба китобхонӣ ва мубоҳиса… асаламон сарои ҳикмати асосӣ мебуданд, ғариби феълӣ ва аҷиби ихтилоотӣ аз он ҷаноб расидагони суҳбати фазл менамуданд, худ чун навоқин танбурро ба камол расонида буд, ҷамъе, ки аҳли мусиқӣ буданд, ҳар ҳафта чанд рӯзе гирд меомаданд ва аз хони навояш дил мерабуданд ва мақоме ба поён мерасониданд, дар мушкилот усли нигаҳдори худ он хуҷастаи атвор буд ва дар ҷадвал ва лавҳи витрини кутуб дасте дошт. Нақошони банди рӯй ва тарҳи катиба аз он устод мехостанд, чун маркази забардасти он пуркор ва он шайхи бузургвор буданд. Чанде барои истифсори ахбор ва савониҳӣ, ки дар пардаи рахте буд, дар бахш ва бархи барои нархи ашё дар тафаҳҳус ва тафаррус аз ин ҷиҳатҳо ҳама вақт асбоби моиҳтиёҷ муҳайё ва ранҷураш равон маҳсо луъбату вусъатҳавсала ва фазои боғи он ба нахли дониш бештарин хубони гулрухсор моили ришхурди суҳбати асироне буданд, чун дар сафар ба тарафи Россия он ҷанобро ихтиёр уфтода буд. Ба бештарин мусофирини он тараф ва аз равияи он давлати кафара

воқиф аз ин ҷиҳат низ як ҷамоа ба салому мулоқот мерафтанд ва умарову салотинро эътиборе бар вифқи маром муяссар буд» [49, бидуни саҳифа].

**г) «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор»-и Афзал Махдуми Пирмастӣ.**

Афзал Махдуми Пирмастӣ агар дар тазкираи худ «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор» ба шахсияту эҷодиёти адиб дар ибтидо баҳои сазовору арзанда дода, навиштааст, ки: «Дониш ном номии он нодираи ҷаҳони хилқат ва офариниш ва унвони саҳифаи басират ва биниш, сархили офоқ ва ҷомеи макорими ахлоқ Мулломир Аҳмади Махдуми авроқ аст, ки фазоилу камолоташ ниҳоят афзун ва аз ҳаду ҳаср берун аст [49, бидуни саҳифа]. Баъд дар бораи фазилатҳои адиб ва маҳорати эшон дар наққошиву намудҳои гуногуни хат махсус таваққуф намуда, ӯро Беҳзоду Монӣ ба қалам медиҳад: «Аҳволаш дар илми ҳандасаву нуҷум, суғору куборро каш-шамс-фи-васатил наҳор мубарҳан ва маълум ва дар ҷамеи иттиҳоди анвои нақшу тасвир ва хомаронӣ то хутути насх ва настаълиқ ва сулсу тавқиъ ва таълиқ ва муаллақӣ ва кӯфӣ ва зулфи райҳонӣ бо назири замон валосониву носихи нуқуди Беҳзоду Монӣ ва дар ироди таҳрири баму зери шуари мусиқӣ, захмааш дилпазир ва тараннумаш сомеагузин ва нақилҷумла дар ҷамиоварии камолоти расмӣ аз ҳар қисми ҳиш аз ҳиш афзуда ва арбоби ҳар фан ва асҳоби ҳар қонунро зердасти яди байзо намуда [49, бидуни саҳифа]. Муаллифи тазкира, гӯё аз меҳрубониҳои амир Музаффар нисбат ба Аҳмади Дониш ва сафари ӯ ба Россия, аз дӯстии ӯ ба яке аз намояндаҳои маъмури умури хориҷии рус Остреомухов, ки ба нишони эҳтиром ба Дониш ду кура (кураи замину осмон) туҳфа карда буд, бо кинояе («ӯро (Остреомуховро-А.М) ба суханҳои санҷида сайди худ сохта») андеша баён мекунад: «... дар замони ҳукумати Султон Ризвон ошиён Саид Амир Музаффархон алайҳирраҳма валғуфрон басе меҳрубониҳо дида ва ба мароҳиму макорими хусравонӣ борҳо фоиз омада ва бо амри олиишорати он подшоҳи ғуфронбашорат ба расми сафорат вориди вилояти Россия шуда ва бо яке аз руасои он вило бо Астромухуф мусаммо буда, тарҳи муҳовира ва ихтилот андохта, ӯро ба суханҳои санҷида, сайди худ сохта, гӯянд қавоиди дӯстӣ бо ӯ

асоси маҳкам ниҳода, авроқи мазкурро ду адад курра, ки дар яке сурати осмон ва бар дигаре нақшаи замин сабту мусаввар буд, ба расми ҳадоё ба ӯ дод, чунончи дар он маврид ситоиши Астарамухуфи мазбурро чанд байте аз ӯ байнинос машҳур аст [49, бидуни саҳифа].

Азбаски Афзал Махдуми Пирмастӣ дар ибтидо аз шогирдони А. Дониш маҳсуб меёфт, вале бо мурури замон, баъд аз ба дарбор кашида шуданаш чун яке чоплусони амир дар ҳаққи устоди хеш беэҳтиромию носипоисҳое зиёде кардааст, ки ин аз тарафи мунавварфикрони замонаш ба интиқоди сахте дучор гардид. Ҳатто дар ин тазкираи худ забон ба дашном кушода, беэҳтиромона устоди худро «ношукр» ба қалам медиҳад: «Ва дар авохир аз он ҷо ки забон ба ношукрӣ мекушод, аз назари отифати подшоҳи замон баруфтод. То ба аҳди салтанати қавишавкати бобаракатӣ ҷаноби ҷаҳонпаноҳӣ ва халиқауллоҳӣ, ки ӯро бинобар кӯҳансолӣ ва соҳибкамолӣ ба китобхонадории Ҷаъфархоҷаи Нақиб сарафзорӣ бахшида, бенасиб нагузоштанд ва аз он туғрои дебоча рассомии қасида бо камоли зебоӣ дар мадҳи амири мағфур мастур аст... » [49, бидуни саҳифа].

Садри Зиё дар тазкираи «Наводири Зиёия»-и худ нисбат ба беҳурматию бетамизии Афзал-махдуми Пирмастӣ оид ба Аҳмади Дониш андешаи муҳимме баён намуда, зикр кардааст, ки: «Афзал-махдуми Пирмастӣ-муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» аз талозими (шогирдони) ӯст. Аз он ҷо ки бетамизӣ ва бепарҳезӣ дар ниҳоди ӯ (Афзал) муставлӣ (ғолиб) буд, ҳуқуқи собитаи ӯро, ки «кона ламякун» (буд, набуд) ангошта, ду нафар хидматгорони ӯро, ки яке Қорӣ Каромати танбурӣ, дигар Қорӣ Неъмат ном дошт, ки ҳар кадом маҳбуби аҳли ҷаҳон ва марғуби замон буданд, унвон намуда, бад-ин рубоӣ ҳаҷв намуд (рубоӣ):

Машҳур бувад ба мардумон иффати ту,
Чун иффати ту Каромату Неъмати ту,
Гар он бошад, Каромату Неъмат ин,
Шошам ба Каромати туву Неъмати ту [35, с. 47 - 48].

Чун ин маънӣ дар байни аҳли маънӣ иштиҳор ёфт, Афзал-махдумро ҳама ҳадафи тири маломат карданд. Фузало аз ҳар тараф сар бардоштанд ва забон ба таъну лаъни (нафрину маломати) ӯ кушоданд...» [35, с. 47 - 48]. Ҳатто дар бораи хислатҳои манфии Афзал Махдум – ман-манӣ, худписандиву мағрурӣ ва бахусус, дар пояи шеъру шоирӣ мақоми суст доштанаш Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»–и худ чунин андешаи муҳим баён кардааст: «Ба андак пояи шеър қаноат намуда, даъвии Хоқонӣ ва Хусравӣ дар табъ дорад... » [35, с.86].

Ин аст, ки худи Аҳмади Дониш дар бораи чӣ гуна пайдо шудани он андешаҳо изҳори андеша намудааст «... Баъд аз китобати «Наводир-ул-вақоеъ» аз таълифоти ман, ки ба фармудаи маликзода (Мирсиддиқи Ҳашмат-бародари амир Абдулаҳад-М.А.) кардам, ба ҷои он ки ҷои ман бишносад, бештар нашинохт ва хусумат овард (ишора ба Афзал махдуми Пирмастӣ-М.А), бинобар он ки ноқисфитратони табақаи аҳли қалам ба мустаидони аҳолии худ душман шаванд, аз он ки маъшуқаи маонию маориф дар канор мили худ дидан натавонанд, - дар он асно ки вай ба ҳиҷо ва мазаммати ман тарзабон буд, китоби мазкурро яке дигар аз фузало (ишора ба Шамсиддини Шоҳин-М.А.) барои мутолиа бурда, баъд аз истилоъ қасидае дар мадҳи ман карда овард.

Дигар аз шуаро (ишора ба мухаммаси Музтариб-М.А.) он дида тахмис намуд ... ва номи домуллои ҳиҷогӯйро аз он ҷиҳат ки шунида ва диниста буд, дар зайли он қасида набишта ва мазаммат намуд» [66, с.136-143].

Дар ҷойи дигар, Аҳмади Дониш ба ҳамин масъала боз возеҳтар равшанӣ андохта, аз бадгӯиҳои шогирди хеш сухан ба миён овардааст, ки «домуллои шогирд... дар айёми қатъ ба ҳиҷо ва мазаммати ман кӯшидаанд ва дар айёми васл ба бадгӯӣ ва сухансанҷӣ ба қатъи идрори ман хурсанд, бо он ки аз ман ғайри некӣ надидаанд ва ман аз он ҷаноб ғайри бадӣ ва бадхоҳӣ... ».

**Д) Зикри Аҳмади Дониш дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳоҷаи Абдӣ.** Тазкираи Абдуллоҳоҷаи Абдӣ низ бо супориши амир Абдулаҳад

иншо шудааст. Дар тазкираи мазкур ҳам, ба мисли тазкираҳои Афзал ва Муҳтарам ғоя ва андешаву ақидаҳои амир ва ҳукмронони замонаш инъикос ёфтааст. Чи тавре ки муҳаққиқон зикр кардаанд, Абдӣ низ ҳангоми иншои тазкира шоиронеро интихоб намудааст, ки онҳо бо адабиёти дарбор иртибот доштанд. Дар тазкираи мазкур эътибори шоирони пешқадами давр, амсоли Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Садриддин Айнӣ ва дигарон дар тазкираи Афзал махдуми Пирмастӣ возеҳ баён наёфтааст.

Ба хотири мушаххас нишон додани қазияи мазкур зикри Аҳмади Дониш дар тазкираи Абдӣ дар кадом сатҳ инъикос ёфтааст, овардани як порча аз онро  зарур донистем: «Дониш-тахаллуси фозили моҳири фунуни комил, вофири қонуни олам, омил ба усули риёзӣ, ҳандаса, ҳайат, мусиқӣ ва ҳисоб, балки аз фуруоти он низ хабардор, ки мунҳасир ба дувоздаҳ, балки зиёдааст ва дар илми нуҷум каш-шамси-фи-васатин наҳор аст ва дар наққошӣ аз Мониву Беҳзод чобукдаст ва нозуккор ва низ дар санъати ҷадвал ва лавҳ ангуштнамо ва ниҳоли фазлу камоли ӯ явман фаявман нушъунамо, Мулло Аҳмади Махдум мулаққаб ба калла аст...» [1, с.89].

Абдӣ низ дар тазкираи худ ду курра туҳфа кардани Остреомуховро зикр намудааст: «Астарамухуфи мазкур икроман ва инъоман ду кура, ки яке аз он кураи осмон ва дигаре он кураи замин буда, таслими мушориилайҳӣ намуда, бинобар изҳори хурсандӣ ин абётро дар он мавқеъ гуфта, ки:

Астарамухуф кони маҳаки зевари улум,<br>Ар файзи баст амри кафи осафи замон...  [1, с.90].

Баъд аз эҷодиёти Дониш як қасида ва як ғазалро оварда, дар вафоти адиб як таърихро зикр намудааст: «Таърихи фавти Аҳмади Махдум муҳандис аз Ҳайрат ва боз як таърихи дигари суриву маънавӣ:

Кардам суоли соли вафоташ зи пири ақл,<br>«Гӯё бирафт равнақи илми нуҷум» - гуфт...

Сурии маънӣ чун камоли ӯ бубин таърихи ӯ,

«Бо як ҳазору се сад бо чордаҳ рафт, оҳ, ӯ» [1, с.93].

### Е) Зикри Аҳмади Дониш дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам

Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираи Муҳтарам низ ба мисли тазкираҳои Афзалу Абдӣ бо тавсифи Аҳмади Дониш оғоз ёфта, дар илми ҳандасаву нуҷум, нақшу наққошӣ, дар хатти настаълиқу сулс, зулфи райҳонӣ ва дар мусиқӣ низ балад будани ӯро нақл мекунад: «Ва дар анвои авфоқ ва ашколу нуқуш ва тасовири хомаронии саршикани килки Беҳзод ва хомаи Монӣ ва дар таҳсини хутути настаълиқ ва сулс ва тавқеъ ва муақалӣ ва куфӣ ва зулфу райҳонӣ иқдоммулмутаахирин вало сонӣ буд,... ҳамеша чун кучак ва дида бар гирди танбӯрнавозӣ маҷлисаш ба дугоҳи шом ва саҳар пур аз муқомшиносон ва маҳфилаш ба чоргоҳи фасл мамлӯ аз фазл асосан» [31, с.123].

Як вижагии хоси тазкираи Муҳтарам дар он аст, ки муносибати дағал ва кӯрнамаконаи Афзал махдуми Пирмастиро, ки устоди хеш-Аҳмади Донишро дар як рубоиаш ҳақорат намуда буд, ба зери интиқод мегирад ва ӯро «намакро хӯрда, намакдонро шикаста» [31, с. 125] медонад.

Сипас, дар бораи ҷавоби ҳаммаслакони Аҳмади Дониш дар ҳаққи Афзалро зикр намудааст, ки як навъ ҳамрайъии Муҳтарам ба он ҷавобҳо низ эҳсос карда мешавад: «Аз ин ҳаҷви ракик дили ҳузорро беҳузур ва ҳар кадоми эшонро аз худ дар нуфур намуд. Аммо Дониш ба ҷавоб иқдом нанамуда, вифқи ахроҷро ба амал оварда, ки Афзал тоқати таҳаммул ва тамакун ба дорулфохира наёварда, хориҷ гардида, аз ин амали Афзал ба мазмуни зод фиттанбури нағмаи ухро ба иғвои шайтонӣ ҳаҷви тулонӣ дар ҳаққи ӯ карда, аз он ҷо ки аксари фузало ва шуаро бар дониш маҳшул ва мухталат будаанд, ба ҳукми қавлуҳу таоло, ҷазоу сайиатӣ сайиатун - аксари шуаро, мисли Шоҳин ва Музтариб ва Дилкаш ва ғайруҳум Афзалро ҳиҷо гуфта, Донишро сутудаанд, чунончӣ, Шоҳин дар байте аз қасидааш мегӯяд:

Байт:

Гар лофи Афзалӣ ба ту зад аблаҳе чӣ бок [31, с.125].

Танбӯри эътибори туро ӯ бувад харак.

Ӯро китобе аст, мурассаъ ба анвои саноеъ мусаммо ба «Наводир-ул-вақоеъ», чунонч Шоҳин ба ӯ ишорат намуда, чунин мефармояд:

Байт:

Дидам наво дар туву хондам ба сад хиёл?!

Кардам насоеҳи ҳукамои гузашта ҳак [31, с.125].

**Ё) Зикри Аҳмади Дониш дар «Наводири Зиёия»-и Садри Зиё**

Тазкираи «Наводири Зиёия»-и Садри Зиё дар омӯзиши масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва махсусан, адабиву фарҳангии нимаи дуюми асри XIX ва баъзе намояндагон ва чеҳраҳои адабиёти ин давра низ маълумоту асноди тозаи адабӣ медиҳад, ки мо онро аз дигар сарчашмаву асарҳои таърихӣ пайдо карда наметавонем. Асари мазкур маҷмуаи асарҳои Садри Зиё буда, панҷ асари ӯро фароҳам овардааст ва муаллиф дар муқаддимаи он ба муҳтавои китоб ишора намуда, навиштааст: « Ҳар гоҳ ҳикояте хуб аз касе мешунидам ё ривояте марғуб ба ҷое медидам, либоси таъбир мепӯшидам. Гоҳе муфассалро муҷмал (мухтасар) ва гоҳе мухтасарро мутавассил мекардам, то дар санаи 1322 (1904-1905) мусаввадаҳоро ба як ҷо ҷамъ карда, китобе мураттаб сохтам ва онро «Наводири зиёия» ном ниҳодам. Уқало мазоминаш (оқилон мазмунаш)-ро announced мерисандиданд, зурафо (хушзавқон) латоифашро механдиданд... » [35, с.9].

Дар тазкираи мазкур Садри Зиё воқеан, ба мақому мартабаи Аҳмади Дониш дар ҷомеаи онрӯза ва нақши ӯ дар адабиёт, ки тавассути он маҷрои адабии ин давраро ба сӯйи таҳаввулу интиқод ва тағйир додани равиши ҷомеа равона карда буд, андешаву мулоҳизаҳои муҳим баён карда, ӯро дар «ҷамеи улум якто»ва «дар тамоми ҳунарҳо беҳамто» номидааст: «Аҳмади-махдуми Урок ал-мутахаллис ба Дониш ал-машҳур ба Аҳмади Калла шахсе буд дар ҷамеи улум якто, дар тамоми ҳунар беҳамто... » [35, с. 47].

Зикр бояд намуд, ки худи Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» кушоду равшан оид ба ин масъала, яъне ба дигарон монанд ва шабоҳат

надоштани хешро махсус гӯшзад кардааст, ки ин мулоҳизаҳо бори дигар андешаҳои Садри Зиёро тақвият мебахшанд. Садри Зиё, ки мухлиси ашаддии Аҳмади Дониш буд, борҳо оид ба ягон «олиму ҷоҳил» монанд ва «мувофиқат надоштан»-и ӯро қайд намуда, эшонро «нодири даврон», «фарид-уд-даҳр», «соҳиби заковат» тасвир намуда, ҷилваҳои ҳунарӣ ва фазилатҳои шахсии адибро хеле муҳаққиқона ва олимона ба таҳқиқ гирифта, аз бузургию даҳои Аҳмади Дониш ба ҳамзамонон ва ояндагон башорат додааст: «Дониш Аҳмад-муҳандиси уроқ, нодир-ул-асл в-ад даврон, фарид-уд-даҳр в-алавон, муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» ва чанде дигар аз муаллафот аст, ки мақбули аҳли замон ва мустаҳсани фозилон аст...» [172, с.101].

Садри Зиё чун сиёсатмадор ва дар айни замон, чун маорифпарвар ва равшанфикру ҳомии аҳли илму адаб ба нақши Аҳмади Дониш, ки мехост, дар фазои сиёсату мулкдории кишвар тағйирот ба амал оварда шуда, амиру вазир ва қозию дигар маъмурони давлат аз аҳволу зиндагии мардум огоҳ ва бохабар бошанд, мулоҳизаву мушоҳидаҳои худро хеле ҷасурона баён кардааст, ки: «Аҳмад-махдуми Уроқи муҳандиси Доништахаллус тамоми умраш сарфи ин шуд, ки шояд амир ё вазир ё қозикалон ё дигар кордорон мутаннабеҳ шуда, бар сари инсоф омада, дар боби насиҳатгарӣ бад-он бечора ёрмандиву ионатрасонӣ кунад, то ки идораи ҳозираашро тағйир дода, баъзе бидъатҳои хонумонсӯзро бартараф карда...» [35, с.80]. Дар иртибот ба гуфтаҳои фавқ, Садри Зиё дар давоми андешаҳояш аз пешниҳоду андешаҳои Аҳмади Дониш оид ба умури давлатдорӣ, ки ба умарову вузаро пешниҳод намуда буд, ҷавоби «Бо аксар ҳуккому мутасаддиёни дарбор» навиштаам. Дар ҷавоб чизе нашунидам, илло сукут ва сухане, ки дар саволам аслан, ҷавоб шудан надорад...» [20, с.97] тақвият бахшида, он мулоҳизаву мушоҳидаҳои Аҳмади Донишро пурра намудааст: «Ҳеҷ аҳаде ҳарфе аз вай нашнид, ночор китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-ро, ки чанд фаслу бобаш иборат аз усули мулкдорӣ ва тартиби раиятпарварӣ ва муомилоти хадаму ҳашам ва давоии харобии вилоят ва асбоби ободии мамлакат, аз худдоми атабаи илия шоистаи эътимодӣ ва меҳрубонӣ кист

ва эҳтирозу ичтиноб  аз кадом тоифа лозим буданро  бо ибороти соддаву равшан мубайян намуда....». Садри Зиё  низ бо афсусу надомад аз амалӣ нагаштани пешниҳоду мулоҳизаҳои Аҳмади Дониш изҳори таассуф намудааст, ки «во ҳасрато, ки ин ҳам... ба гӯши касе надаромад, ба тақдире, ки даромада бошад, ҳазорпо шуда баромада, сабаби озори он кас шуда, натиҷае мутараттиб нагашт» [35, с.80].

Муаллифи «Наводири Зиёия»  аз насиҳатҳо ва пешниҳодҳои Аҳмади Дониш ба унвони амир Музаффар ва Абдулаҳад, ки ба хотири аз нону намаки дарбор баҳраманд буданаш разолату қабоҳати дарбориён ва усулҳои дигар кардани давлатдориро пешниҳод намуда буд, ба хандахариш ва истеҳзои онҳо дучор гардидани адибро зикр намудааст, ки «Пеш аз таснифи «Наводир-ул-вақоеъ» чанд маротиба ба амир Музаффархон ва амир Абдулаҳадхон аз роҳи хайрхоҳию оқибатандешӣ қабоҳе беҳудагиҳои кордоронро аввалан билҷамол, сонияն битафсил арз карда, оқибати вахимаи онро ба назарашон нишон дода, вазифаи намакхорагӣ ва дилсӯзиро камоянбағӣ адо намуд. Аҷабо, натиҷа сухрияву истеҳзо буд...». Садри Зиё қайд мекунад, ки махсусан баъд аз таълифи «Наводир-ул-вақоеъ» ва пешниҳоди асар ба дарбор Донишро аҳмақу кофир хонданд ва ба ҳар роҳу васила кӯшиш намуданд, ки адибро аз дарбор дур намоянд: «Баъд аз таснифи «Наводир-ул-вақоеъ» ҳукм ба таҳмиқу такфираш карданд. Маазолик чанде ба маҷолису маҳофили акобир, ки раъсулқавми ин тоифаи дания ва ин ҷамоаи разиланд, расида қабоеҳи корашонро ягон-ягон шумурда нишон дода, ки оқибати ин корҳои беҳуда ба куҷо меанҷомад.... Дар ҳар дараҷа, ҳазрати шариатпаноҳ дар ҳар мартаба ҷаноби осафҷоҳ табассуме мекарданд ва саре меҷунбонданд, «оре», «бале» мегуфтанду мегузарониданд. Аммо дар ғайбаш механдиданду мегуфтанд: «Девона шудааст» [35, с.80- 81].

Хулоса, Садри Зиё чун яке аз мухлисон ва мубаллиғони эҷодиёти Аҳмади Дониш  ва ба қавли устод Айнӣ «ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум» [7, с.547] дар асарҳои худ барои паҳн намудан ва ба мардум расонидани ғояву ақидаҳои ин абармарди илму фарҳанг, ки  дар таҳтушшуури як гурӯҳ

зиёиёни равшанфикр «инқилоби фикрӣ»-ро бедор намуда буд, корҳои арзандаву муассирро ба анҷом расонидааст. Воқеан, Садри Зиё зимнан ҳангоми таҳлилу баҳо додан, ба мақому манзалати Аҳмади Дониш дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX андешаву мулоҳизаҳои шахсии худро дар бораи ҷомеаи онрӯза ва ҳатто пеш аз он ки дар тамоми самтҳо ва аз он ҷумла, дар адабиёту фарҳанг низ як буҳрони ҷиддии таназзул ёфтани шуури диниву дунявӣ, боло рафтани ҷаҳолат ва хурофот, фасод гардидани ахлоқ ва беадолатиҳо ба вуҷуд омадан ё худ зуҳур ёфтани шахсиятҳое чун Аҳмади Донишро ба миён овард, ки эшон дар таҳаввул ва навсозии шуури динӣ, интиқоди ҷиддии дастгоҳи сиёсии аморати Бухоро бо як эҳсосу тафаккури баланд ва ҷасорати беҳамтои хеш баҳри тағйир додани онҳо, ҳамчунин дар тағйир додани маҷрои адабӣ мактаби илмиву адабии худро таъсис додааст, ки минбаъд пайравону шогирдони ӯ онро идома додаанд, баён кардааст.

**Ж) Зикри Аҳмади Дониш дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ**

Аз тазкиранависони асри XX сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ доир ба зиндагинома ва фаъолияти илмиву адабии Аҳмади Дониш ва даҳои ӯ маълумоти бештар додааст. Шинохт ва андешаҳои устод Айнӣ оид ба Аҳмади Дониш ва асарҳои ӯ ҳанӯз солҳои навадуми асри XIX ҳангоми ба Бухоро омаданаш оғоз ёфта, баъдтар, яъне ҳангоми аз тарафи Садри Зиё ба ғалатгирии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» кашида шуданаш вусъат пайдо карда бошад ҳам, вале фаҳмиши илмиву назариявии устод доир ба шахсият ва фардияти Аҳмад-махдум солҳои бистуми асри XX, бавижа дар асарҳои илмӣ ва бадеӣ-таърихии «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920), «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923) ва «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дертар дар «Ёддоштҳо» (1954) инъикоси воқеии худро пайдо кардааст.

Садриддин Айнӣ агар дар «Таърихи инқилоби Бухоро» дар зерфасли «Хотираҳоям дар бораи Аҳмад – махдум» ба таври иҷмолӣ ошноии ғоибонаи худро аз соли 1885 (1310 ҳиҷрӣ) доир ба Дониш, яъне «марди

болобаланду каллакалон» ва дар ибтидо ба суҳбати муллоҳо бовар намуда, «аз бехабарӣ Аҳмад-махдумро кофир гумон намудан»-аш ва баъд аз шиносоӣ бо «Наводир-ул-вақоеъ» ба сабабҳои кофир хондани Аҳмад-махдум сарфаҳм рафтан ва дар «сояи мутолиаи ин китоб» дар тафаккуру шуури нависанда ба вуҷуд омадани тағйиротро хеле воқеъбинона тасвир намудааст: «…аз мухлисони Аҳмад-махдум, яке аз уламои тараққипарвари ҳозираи Бухоро қозӣ Мирзо Муҳаммадшарифи Садр китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад-махдумро китобат кунонида, тасҳеҳ ва муқобилаи онро аз рӯйи дастхати худи муаллиф ба ман ва ба шаркидарсам Абдуловиҳиди Мунзим супорид. Ба ин муносибат ман китобро аз аввал то охир хонда баромадам ва аз он лаззати зиёд гирифтам ва такрор хондам. Баъд аз он фаҳмидам, ки чаро Аҳмад-махдумро кофир мегуфтанд. Ӯ дар ин китоб муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс, беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст. Ана барои ҳамин ӯро кофир мегуфтаанд! Баъд аз ин кӣ будани Аҳмад-махдумро шинохтам ва назарам ба муллоҳо ва дарсҳои мехондагиам дигар шуд…» [4, с.23] гуфта бошад, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба таври хеле муфассал (бархилофи анъанаи тазкиранависии гузашта) оид ба шарҳи ҳол, осор ва шахсияти адиб ба таври хеле густарда изҳори андеша намуда, дар муҳити онрӯзаи Бухоро «сарвари илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ» ба шумор рафтани Аҳмади Донишро, бавижа таъкид намудааст. Аз ин рӯ, зуҳури шахсият ва фардияти эҷодии Аҳмади Дониш аз назари С. Айнӣ падидаи фавқулода ва ғайричашмдошт маҳсуб меёбад.

Устод Айнӣ дар «Намуна…» баробари маълумот оид ба тарҷумаи ҳол, шахсият ва шарҳи осори Аҳмади Дониш пеш аз ҳама назари худро бо ҷумлаҳои кӯтоҳу муъҷаз адибро чун «доҳии модарзод» таъбир мекунад ва дар он замон мавҷуд набудани андешаву ақидаҳои нав, яъне ҷадидро дар Бухорои онрӯза таъкид намуда, ба андешаи муҳимме расидааст, ки: «ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касею китобе маҳз аз тадаббуру тафаккури худ маишату дунёро ҳосил кардааст» [8, с.201]. Дар

баробари ин, дар тазкира мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба назарияи Аҳмади Дониш ба касбҳою пешаҳо, оила ва оиладорӣ, муносибати модаршӯю арӯс мушоҳидаҳояшро баён карда, ақидаҳои адабию эстетикии адибро нисбат ва шеъру шоирӣ, ба вижа оид ба шеъру сабки Бедил, ки воқеан, дар замони муаллиф фаҳмидаю нафаҳмида ба як равияи махсус табдил ёфта буд ва аз муборизаи Аҳмади Дониш ба муқобили ин равияро шарҳу тавзеҳ медиҳад, зеро ба андешаи муаллиф «Аҳмади Калла бо вуҷуди ихлосу камолу ақидааш дар бораи Бедил дар тақлиди услуби Бедил мубориза эълон карда, худ осори манзумаву мансураашро дар камоли содагию равонӣ навиштанро илтизом кард» [8, с.201]. Ва устод Айнӣ зикр намудааст, ки Аҳмади Дониш аз ҳаммаслакони худ ва дигар равшанфикроне, ки дар муҳити адабии онрӯза ба шеъру шоирӣ машғул буданд, даъват ба амал овардааст, ки аз чунин тақлиду тақлидкорӣ даст кашанд. Устод Айнӣ баъд аз овардани намунаҳо аз эҷодиёти Аҳмади Дониш дар анҷом ба як хулосаи бисёр муҳимму ҷиддӣ омада, таъкид кардааст, ки «Аз осори Аҳмад-махдуми Дониш ба намунанигорӣ дил ташнашикан намешавад» [8, с.201].

Мушоҳидаву мулоҳиза ва назари дақиқи Садриддин Айнӣ дар бораи Аҳмади Дониш, шахсият ва фардияти паҳлӯҳои эҷодии ӯ дар «Ёддоштҳо» ба таври васеъ ва фароху густарда ба таҳлил омадааст. Мувофиқи мушоҳидаву пажуҳишҳои М. Шакурӣ (М. Шакуров) оид ба шахсият ва фардияти эҷодии Аҳмади Дониш устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» (қисмҳои 2,3,4) ҳашт бобро махсус ба ӯ бахшида, дар баъзе бобҳои дигар низ ба ин ё он муносибате аз адиб ёдоварӣ намудааст, ки онҳо воқеан, дар муайян намудани ҷаҳонбинӣ, нубуғи адиб, ақидаҳои илмиву адабии ӯ доир ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ ва бахусус дар тағйир додани маҷрои нави адабӣ ва ғайра нақши муассиру вижа доранд.

Зикр бояд намуд, ки устод Айнӣ ошноии аввалини худро дар бораи Аҳмади Дониш дар боби «Одами аҷиб», ки аз суҳбати муллоҳои мадраса ҳосил шуда, ба ӯ як дунё таассуроти неке бахшидааст, бо як ҳарорати сӯзон нақл мекунад, ки: «дар он вақт муҳаббат ва тарафдории ман Аҳмад-махдум виҷдонӣ буда, ин натиҷаи акси таъсире буд, ки ба сабаби ҳуҷуми

бемантиқонаи муллоён ба ӯ дар дили ман пайдо шуда буд. Вагарна ман дар он вақт ва дар он синну сол аз маслак ва мақсади Аҳмад-махдум хабардор набудам ва хабардор шуданам мумкин ҳам набуд» [7, с.173]. Ба чашми ҳайрат ва кунҷковона ҷустуҷӯ намудани умқи воқеаҳои онрӯзаи Бухорои пуртазод ва бавижа аҷобат ва ғаробати ин «одами аҷиб», яъне шахсияти Аҳмади Дониш, ки дар як рӯзгор байни уламову табақаи ашроф ба таври мутазод баҳогузорӣ мешуд, ба устод Айнӣ зуд ва ба таври осон ин муаммо ошкор нагардидааст.

Андешаҳо ва таассуроти С. Айнӣ оид ба Аҳмади Дониш баъд аз ворид шудан ба дарбори Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва ширкатҳояш дар маҳфилҳои адабии ин даргоҳ ба куллӣ тағйир ёфтааст: «Азбаски ман аз рӯйи дарёфти худ аҳли маҷлисҳои Шарифҷон-махдумро одамони дурусткирдор медонистам, аз рӯйи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмад-махдум рӯз то рӯз зиёдтар ва ҳавасам аз фаҳмидани хусусиятҳои аҳволи ӯ соат ба соат афзунтар мегардид. Бинобар ин, дар мавридҳои муносиб аз ҳар кадоми онҳо дар бораи Аҳмад-махдум чизҳо мепурсидам» [7, с.283].

Чунин баҳодиҳӣ ва таъбири С. Айнӣ ба даҳои Аҳмади Дониш воқеан, асосҳои ҷиддии илмӣ дошта, аз дарки амиқу саҳеҳ ва шинохти ин нобиғаи даврон аз ҷониби сардафтари адабиёти муосири тоҷик башорат медиҳад. Зикр бояд намуд, ки эҷодиёти Аҳмади Дониш тавассути истеъдоди фитрӣ ва заковати худодод нисбат ба илмҳои расмию ғайрирасмӣ, амсоли ҳандаса, нуҷум, ҳайат, ҳисоб, мусаввириву наққошӣ, инчунин китобату хаттотӣ, дабирӣ ва дар баробари ин ва пеша аз ҳама ба Қуръону тафсирҳои он, аҳодиси набавӣ, шеъру адабиёт ва таъриху ҷуғрофиё ва ғайра пайдо шуда, зина ба зина ташаккул ва инкишоф ёфтааст, ки ба таъбири устод Айнӣ: «ба туфайли заковат ва истеъдодаш дар ҳар як аз ин илмҳо тахассус пайдо карда буд» [4, 20]. Ва вобаста ба ин, устод Айнӣ ба чунин илмҳо майлу рағбат пайдо кардан ва онҳоро аз худ намудани Аҳмади Дониш ва нисбат ба чандин фанҳо тахассус пайдо

карданашро дар «замоне ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ дараке набуд», махсус таъкид мекунад.

Баробари мулоҳизаву мушоҳидаҳои фавқии устод Айнӣ андешаҳо оид ба ҷараёни маорифпарварӣ ва ҳамчун сардафтари адабиёти маорифпарварӣ эътироф шудани Аҳмади Дониш баъзе мулоҳизаву мушоҳидаҳои ҷадид ба миён меояд, ки: «дар шароити замони зиндагии Аҳмади Дониш барои ба амал омадани ҷараёни маорифпарварӣ ва чун маорифпарвар ташаккул ёфтани ӯ (Аҳмади Дониш-М.А) заминае мавҷуд набуд» [61, 125]. Ин андешаи муҳим давоми андешаҳои профессор Х. Мирзозодаро [146, с.197-229] оид ба масъалаи мазкур, яъне дар эҷодиёти Аҳмади Дониш ва баъзе пайравонаш ҳоло чун «маорифпарвар» сабзида нарасидани унсурҳои ин ҷараёнро таъкид намуда, ӯро ҳамчун «маърифатпарвар» ба қалам дода буданд, тақвият мебахшад. Устод Айнӣ вобаста ба адабиёти маорифпарварӣ ва шароиту ҳудуди ба вуҷуд омадани он ки оғози онро «адабиёти нави тоҷик» маҳсуб донистааст, онро ба таври мушаххас чунин шарҳ мекунад: «Ҳарчанд Аҳмад-махдуми Дониш (1242-1314) дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро бо илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрии худ эҷод кард, лекин ин равиш то 1905 мелодӣ, яъне то Инқилоби нахустини Русия шоеъ нашуда буд... Бинобар ин, мо сари таърихи адабиёти нави тоҷикро 1905 қарор додем» [8, с.353].

Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ аз назари С. Айнӣ ба ягон ҷараёни дар он замон амалкунанда ва ё шаклгирифта ва ё шаклгирифтаистодаи фарҳангиву иҷтимоӣ иртиботе надоштааст. Баръакс, вазъияти носолим ва оммавии ҳамаро фарогирандаи маънавиёт ва иҷтимоиёти на танҳо кишвари Бухоро, балки тамоми Фарорӯд, тафаккуру шуури Аҳмади Дониш ва нерӯи зеҳнию ақлӣ ва фикрии ӯро ба таҳаввул ва ба исён оварда буд. Дар натиҷаи чунин таҳаввулоти фикрӣ дар ниҳод ва вуҷуди Аҳмади Дониш як нерӯе ба миён омад, ки он ба дигаргун кардани низоми давлатдорӣ ва тағйир додани маҷрои адабӣ равона шуда буд. Нигоҳ ва диди фарохи устод Айнӣ ба мақому манзалати Аҳмади Дониш дар дарбор ва бахусус муносибати амиру умаро ба ӯ, ки бо вуҷуди кору вазифа ба

муносибату рафтор ва корҳои аҳли дарбор ба чашми интиқод муносибат кардааст, таваҷҷуҳ намудааст. Аз рӯйи таъбири устод Айнӣ, Аҳмади Дониш «ба сифати мунаҷҷим шуҳрат ёфт. Амир ӯро чун мунаҷҷим ҳурмат мекард» ва аз ҳамин мавқеъ, назари заррабини Айнӣ шахсият ва фардияти Донишро барои ояндагон чун шахси оқилу доно, «фозил ва олими дараҷаи аввал» ба тасвир овардааст ва дар навбати худ «Аҳмад-махдум сардори норозиёни дарбор» маҳсуб ёфта, аз «фасоди замона гап мекушод». Чунин тасвирҳо ва таъбирҳои воқеан, табиӣ ва мушахасси устод Айнӣ дар бораи Аҳмади Дониш ва қазияву андешаҳои салими ӯ оид ба буҳрони ҷомеаи онрӯзаи Аморати Бухоро, ки дар замони салтанати Музаффар ба амал омада буд, симо ва шахсияти ин «доҳии модарзодро» чун шахсият ва «одами наҷиб» ошкор намуд.

С. Айнӣ дар асарҳои дар фавқ ишора кардаи худ, баробари муайян ва мушаххас намудани симои ин «одами аҷиб» ба мушоҳидаву пешниҳодҳои Аҳмади Дониш оид ба муҳорибаҳои артиши Россия бо билоди Мовароуннаҳр, бавижа аморати Бухоро, кундзеҳнию нобаладии умарову вузаро ва сарлашкарон, ки ба ҷойи ҷустуҷӯи тадбирҳои мушаххас ба айшу ишрат ва фисқу фасод машғул шуда, ягон тадбир ё чорае пешниҳод карда натавонистанд ва ҳатто аз пешниҳоду тадбирҳои манзурнамудаи ашхоси равшанбину ботадбир, ба мисли Аҳмади Дониш «беҳтар будани роҳи мусолиҳа ва мадоро бо ин душманони бонизоми қавӣ»-ро қабул накарданд.

Мулоҳизаву мушоҳидаҳои устод С. Айнӣ дар масъалаи сода кардани забон аз тарафи Аҳмади Дониш воқеан, диққатҷалбкунанда аст. С. Айнӣ дар бораи назму насри Аҳмади Дониш сухан ронда, онҳоро хеле содаву равон ва дар ин самт моҳир ба қалам медиҳанд, ки «Аҳмад-махдум дар навиштани назм ва насри сода хеле моҳир буд» [4, с.21]. Ӯ ҳам дар «Намуна...» ва ҳам дар «Ёддоштҳо» дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр ва аз он ҷумла, дар Бухоро таъсири зиёд доштани ашъори Бедил ва пайравию тақлид ба ашъори ӯ ва забони бисёр мураккаби аз ҳад зиёд арабишудаи ин даврро махсус иброз дошта, нақши

Аҳмади Донишро дар содакунӣ ва даст кашидан аз ин равияро борҳо таъкид мекунад.

Яке аз роҳҳо ва усулҳои тағйир додани маҷрои адабӣ дар нимаи дуюми асри XIX, ки ба ному кори Аҳмади Дониш иртиботи қавӣ дорад, ин пешниҳодҳо ва роҳҳои пешгирифтаи Дониш оид ба сода кардани забон ва аз пайравию тақлид даст кашидани шоирону адибони нимаи дуюми асри XIX аз услуби Бедил маҳсуб меёбад. Ба ҳамин муносибат, устод Айнӣ дар «Намуна…» ба масъалаи мазкур дахл намуда, шуҳрат доштани назму насри Бедил ва ҳар шахсе, ки ба даст қалам мегирифт, пайравӣ кардан ба Бедилро ба худ шоиставу шараф медонистааст, интиқод кардааст [8, с.201]. ва дар ин замина, мулоҳиза ва нуқтаи назари Аҳмади Донишро нисбат ба ин масъала баён карда, нисбат ба тақлиди услуби Бедил мубориза эълон кардани адиб ва содаю равон навиштанро ба ҳамзамонону ояндагон мукаррараран, талқин мекунад [8, с.201].

Аҳмади Дониш дар баробари рӯй овардани худ ба сода навиштану сода баён кардан ва ба мардум фаҳмо шудани навиштаҳояш ба ҳаммаслакону мусоҳибони хеш низ мутассил таъкид ва талаб доштааст, ки ба содаю фаҳмо будани навиштаҳояшон диққат диҳанд ва аз услуби Бедил, ки хоси вижаи иншои шоир аст, зеро: «Мусоҳибони худро низ аз тақлиди Бедил манъ мефармуд. Услуби Бедилро махсуси истеъдоду маслаки бедилӣ медонист. Ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳид Садри Сарир, домулло Абулфазли Сират ва Исомахдуми Муфтӣ, ки муосиру мусоҳибони Аҳмад-махдум буданд, ин талқинот беасар намондааст» [8, с.201]. Таъсири гуфтаву навиштаҳои Аҳмади Дониш оид ба масъалаи соданависию аз тақлид даст кашидан барои муосирони адиб ва ояндагон, бавижа адибони маорифпарвар бе таъсир намондааст.

Дар баробари ин, С. Айнӣ дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» доир ба масъалаҳои зиёде, ки аз «Наводир-ул-вақоеъ» барои худ сабақ гирифта, ба устод «таъсири аҷибе кардаанд» [7, с.548] накл намуда, ба хулосаҳои бисёр муҳим мерасад ва таъсири ин асарро дар зиндагии хеш чунин ба қалам медиҳад: «Ҷойҳои таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷойҳо буданд, ки

ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?» [7, с.548].

С.Айнӣ бобҳои таъсирбахши асари Аҳмади Донишро, бахусус масъалаҳое, ки ба аҳволи оилавӣ-ҳуқуқҳои зану модар, талоқ, васияти фарзандон, одоби никоҳ ва хусумати  модаршӯй, тасвири ногувори таълиму тадрис ва аҳволи устодони мактабу мадраса «Рисолаи Тамаддун ва таовун», ки оид ба бетартибиҳои дарбори амири Бухоро ва талаби ислоҳи онҳо аз тарафи амир, ҳамчунин тасвири аҳли бозор ва роҳҳои сарватғундорӣ ва бахусус тасвирҳо ва нақли яке аз сафарҳои Аҳмади Дониш ба Россияро, ки назари хӯрдабини Аҳмади Дониш ба ҷамъияти дворянӣ ва аристократии Россияро, ки муҳити маънавию фарҳангии ҷомеаи аристократии Россияро инъикос кардааст ва ба Айнӣ писанд афтода, назари жарфбини ӯро ба куллӣ дигаргун сохтааст, тасвир менамояд.

Хулоса, тасвири зиндагинома ва эҷодиёти Аҳмади Дониш аз нигоҳи Садриддин Айнӣ дар асарҳои илмӣ ва бадеӣ-таърихии «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920), «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923), «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» (1954)  бахусус, интихоб ва интиқоли порчаҳо ва шарҳу тавзеҳи онҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» дар «Ёддоштҳо» нишон медиҳад, ки ҳарчанд онҳо дар услуби эҷодӣ ва гузориши масъала дар мавқеъҳои мухталиф қарор дошта бошанд ҳам, устод Айнӣ барои ба хонандагон муаррифӣ намудан ва нишон додани шаҳомат ва даҳои Аҳмади Дониш, баъдан барои муайян кардан ва баҳо додан ба шахсияти эҷодӣ ва фардияти ӯ усули таҳқиқ ва хотироту ёддоштнависиро  истифода бурда, муайян ва мушаххас намуд, ки Аҳмади Дониш чун ситораи дурахшоне дар осмони торики Бухорои нимаи дуюми асри XIX  ҷилвагарӣ намудааст.

## 2.2.2. Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосираш

Муҳаққиқони эҷодиёти Аҳмади Дониш зикр кардаанд, ки ашъоре, ки бахшида ба даҳои ин «доҳии модарзод» иншо шудаанд, аз ҷиҳати ҳаҷму миқдор зиёд нестанд, вале аз нигоҳи мазмуну мухтаво ва мундариҷа қобили таваҷҷуҳ маҳсуб меёбад. Ашъори мазкури адибон дар анвои гуногуни назм, амсоли қасида, мухаммас, марсия ва қитъа иншо шуда, тамоми хислатҳои наҷибаи ин «ягонаи фазл»-ро як-як маънидод кардаанд.

Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Музтариб, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Абдураҳмони Тамкин, Таҳсин, Садри Зиё, Ҳайрат, Анбар ва дигарон дар шеърҳои худ хислатҳои наҷибонаи Аҳмади Дониш ва паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти илмиву адабӣ, нақши ӯ дар адабиёти давр ва дар маҷмуъ, мақому мартабаи адиб дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX-ро дар марсияву таърихҳои хеш хеле барҷаста тасвир кардаанд.

Дар байни ашъоре, ки дар васфу мақом ва манзалати Аҳмади Дониш чун фозилу донишманд мулоҳизаҳои ҷолиб баён шудааст, қасидаи Шамсиддини Шоҳин ва мухаммаси Музтариб ба ин қасидаи Шоҳин мебошад.  Сабаби асосии иншои шеърҳои мазкурро худи Аҳмади Дониш шарҳу эзоҳ додааст.

Аҳмад Махдуми Дониш дар муҳити онрӯзаи аморати Бухоро чун мутафаккири мутабаҳҳир ягонаву танҳо набуд. Шогирдону дӯстон, мухлисону  хайрхоҳон ва пайравони Аҳмади Дониш дар чунин вазъияти ба амал омада, адибро танҳо нагузошта, дар атрофи ӯ муттаҳид гардида, тавассути навишатаҳояшон ӯро ҳимоя намудаанд, ки яке аз онҳо Шамсиддин Махдуми Шоҳин мебошад. Шоҳин дар ин қасидаи худ Донишро бар рағми Афзал Махдуми Пирмастӣ «паямбари охирзамон», «гуҳарсанҷ»-у «сухандон» таъбир намудааст:

Эй як варақ зи дафтари фазли ту нуҳ фалак,
Сити камоли ту зи само рафта то самак.
Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт,
Бирҷис муҳр карду Аторуд навишт чак.

Авзои ҳафт ахтару атвори нуҳ сипеҳр,
Бар дониши баланди ту пайдост як ба як.
Эй фитратат ба сина, чу дар обгина май,
В-эй нуктаат ба хома, чу дар нобзан газак.
Нисбат туро ба Аҳмади мурсал ҳамин бас аст,
К-ин номи нек байни туву ӯст муштарак.
Чун иттиҳоди исму мусаммо муқаррар аст,
Гар хонамат паямбари охирзамон, чӣ шак?
Дидам «Наводир»-и туву аз сафҳаи хаёл,
Кардам вақоеи ҳукамои гузашта ҳак.
Бар ганҷи сеҳр меҳри гуҳарсанҷи ту калид,
Бар накди фикр табъи сухандони ту маҳак.
Гар лофи афзалӣ ба ту зад, аблаҳе чӣ бок?!
Танбури эътибори туро, к-ӯ бувад харак?!
Арбоби фазл бо ту наёрад ҳамсарӣ,
К-он ҷо уқоб ҳамла барад, чун кунад чапак
Шеъри малеҳ гар кашамат сад ҷамоза беш,
Саҳл аст, бо ту, чун ба қароқӯлиён намак.
Шоҳин, ки хомааш зи Аторуд қасаб рабуд,
Чархаш занад ба азми мадеҳи ту ҳайта лак! [52, с.300-301].

Дигар аз адибон ва ҳаммаслаконе, ки Донишро аз ҳадафи маломату таҳқири Афзал Махдуми Пирмастӣ ҳимоя намудааст, шоир Музтариб мебошад. Музтариб дар мухаммаси худ ба ғазали Шоҳин аз фазлу камолоти Дониш, шахси донишманду баландмартаба буданаш сухан ба миён оварда, ӯро «афзал-ул-афозил» ва «расул-ул-муҳандисин» ва мунтақиди ӯро, ки мункири фазлу камолоти шоир аст, «нокас», «хабис» ва ҳатто ба мисли «хасе» заррае эътибор надоштанашро (Афзал Махдуми Пирмастиро дар назар дорад- М.А.) ба қалам дода, нафрати беандозаи худро нисбат ба Афзали Пирмастӣ баён ва дуо кардааст, ки «ба як нони ҷав» муҳтоҷ бошад. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ин мухаммаси Музтариб ёд карда, изҳор намудааст, ки: «Шамсиддин

Махдуми Шоҳин, ки дар шеър аз ҷумлаи наводири аҳди худ буд... Аҳмад – махдумро ба қасида мадҳ кардаву Мулло Абдулмаҷиди Музтариб, ки муосиронаш аз қалами ҳиҷонависи ӯ ба ҷон омада буданд, ин қасидаро дар мадҳи мушориилайҳ мухаммас кардааст». Матни пурраи мухаммасро С. Айнӣ ба пуррагӣ дар «Намуна...» овардааст ва мо низ ба хотири ошноии хонанда (ҳарчанд ки хеле дароз аст) лозим донистем, ки мухаммасро ба таври пурра ин ҷо биёварем:

1

Бе занну ваҳму бе ламу бе лову райбу шак,
Бошад туро вуқуф зи омадшуди малак.
Табъи ту ангубини каромотро чалак,
Эй як варақ зи дафтари фазли ту нуҳ фалак.
Сити камоли ту зи само рафта то самак,

2

Бошад савоб, он чи туро дар хаёл рафт,
Рафтӣ ба манзиле, ки дар ӯ Дониёл рафт.
Дар сидқи ин мақол басе қилу қол рафт,
Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт.
Бирҷис муҳр карду Аторуд навишт сак,

3

Зоти ту ҳаст мухбири асрори нуҳ сипеҳр.
Пай бурдаӣ зи илм ба асрори нуҳ сипеҳр,
Донистаӣ маротиби адвори нуҳ сипеҳр.
Авзои ҳафт ахтару атвори нуҳ сипеҳр,
Бар дониши баланди ту пайдост як ба як.

4

Эй дафтари румузи ҳикамро намуда тай,
Дар шоҳроҳи олами асрор бурда пай.
Овозаи камоли ту бигрифт Руму Рай,
Эй фитратат ба сина чу дар обгина май.
В-эй нуктаат ба хома чу дар бобзан газак,

5

Ҳар кас ки ҳаст мункири фазли ту, нокас аст.

Дар чашми эътибор вуҷудаш кам аз хас аст,

Ҳон, суратат ба гавҳари маънӣ муҷаннас аст.

Нисбат туро ба Аҳмади Мурсал ҳамин бас аст,

К-ин номи нек байни туву ӯст  муштарак.

6

Азбаски покдинию қалбат мутаҳҳар аст,

Номи хушат ба манзили мақсуд раҳбар аст.

Некии ном фазли Худованди акбар аст,

Чун иттиҳоди исму мусаммо муқаррар аст.

Гар хонамат паямбари охирзамон, чӣ шак,

7

Аз нудрати саноии ту ақл гашта лол.

Ҳар як зи ҳам аҷиб бувад, кимёмисол,

Дода Худой зоти туро ин ҳама камол.

Дидам «Наводир»-и туву аз сафҳаи хаёл,

Кардам вақоии ҳукамои гузашта ҳак.

8

Аз руқъаҳои васфи ту офоқ пурнавид,

Созад Худой ҳикмати ту дам ба дам мазид.

Аз туст роҳи ҳикмати юнониён падид,

Бар ганҷи сеҳр фикри гуҳарсанҷи ту калид.

Бар нақди фикр табъи сухандони ту маҳак,

9

Он к-ӯ набуд ба мартаба наъли туро широк.

Ту дар фазои чархиву вай дар нишеби хок,

Нисбат дар ин миён зи само буд то самоқ.

Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок?

Танбӯри эътибори туро к-ӯ бувад харак.

10

Н-орад ба рӯйи кор чу ту чархи чанбарӣ,
Ҷоми Ҷамию лавҳи сафои сикандарӣ.
Хатм аст бар ту фазлу ба ҳазрат паямбарӣ,
Арбоби фазл бо ту наёранд ҳамсарӣ.
К-он ҷо уқоб ҳамла барад, чун кунад чапак?

11

Арбоби фазлро зи канори ту сина реш,
Бинҳода борҳо маҳаки имтиҳон ба пеш.
Гардида мунфаил зи хиҷолат ба фикри хеш,
Шеъри малеҳ гар кашамат сад ҷамоза беш.
Саҳл аст бо ту чун ба қарокӯлиён намак,

12

Ба ҳирзи шеър аз тани хуршед таб рабуд.
Баҳромро тапонча ба рух зад, салаб рабуд,
Аз чанги Зуҳра олати лаҳву тараб намуд.
Шоҳин, ки хомааш зи Аторуд қасаб рабуд,
Чархаш занад ба азми мадеҳи ту ҳайта лак.

13

Мадҳи ту нест дархӯри ҳар марди булфузул,
Анқо куҷо ба доми кабӯтар кунад ҳулул.
Аз чанбари хаёл бипечад сари нузул,
Мадҳи ту чун кабӯтари ёбоӣ аз катак.

14

Эй афзалулафозилу раъсулмуҳандисин,
Фазли Худо ҳамеша ба зотат бувад қарин.
Ояд бари ту туҳфа зи ҳуккоми Руму Чин,
Ё Раб, фурӯғи зоти ту монад бар замин.
Ҷовид чун талиаи хуршед бар фалак.

15

Дар олами фано нахурад аз ҳаёт бар,
Якборагӣ зи дафтари ҳастӣ шавад назар.

Руҳи хабиси ӯ ба ҷаҳаннам кунад мақар,
Ҳар хирасар, ки бо ту шарирӣ кунад чу хар.
Ҳар тирадил, ки бо ту бахилӣ кунад чу саг,
16
Дар солу моҳу ҳафта набинад рухи палав.
Умраш шавад тамом ба таҳсили нони ҷав,
Доим бисоти хонаи ӯ бод дар гарав.
Аз табъи сарди хеш шавад ҳамчу хар катав,
В-аз хӯи гарми хеш кунад ҳамчу саг тулак [8, с.202-205].

Дар бораи Аҳмади Дониш ва мақому манзалату даҳои ӯ аз ҳама хубтару бештар хонандаву муҳаққиқ аз навиштаҳои сиёсатмадор, олиму шоир, муаррих ва ҳомии аҳли илму адаби охири асри XIX ва ибтидои асри XX Шарифҷон Махдуми Садри Зиё (1867-1932) маълумоти зарурӣ ва муҳим пайдо карда метавонад, зеро «Аҳмади Дониш дар суҳбатҳои хонаи Садри Зиё ҳамеша ғоибона ҳозир буд» [35, с.106]. Устод Айнӣ дар бораи муҳаббати сӯзони Садри Зиё ба Аҳмади Донишу асарҳои вай борҳо изҳори андеша карда, дар тарғибу ташвиқи ғояҳои Аҳмади Дониш нақши муҳимму муассир гузоштанашро махсус қайд кардааст. Ӯ дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» муносибати беолоиш ва эҳтироми баланд, қадршиносии Садри Зиёро нисбат ба Аҳмади Дониш ва гуфтаву навиштаҳояш махсус таъкид намуда, навиштааст, ки: «Яке аз дӯстórони ӯ, ки ба ақидаи ман, аз ҳама бештар ба ӯ (Аҳмади Дониш-М.А) баҳои баланд медод, Шарифҷон-махдум буд...» [7, с.544]. Ҳамчунин, Садриддин Айнӣ нақши Садри Зиёро дар паҳн намудани нусхаҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, ки ҳатто ҳангоми дар қайди ҳаёт будани адиб байни аҳли илму адаб шуҳрати калон дошт ва дастрас набудани нусхаҳои мутааддиди онро зикр кардааст [7, с.547]. Аз тарафи Садри Зиё барои дар ғалатгирии ин асари муҳим раҳнамун шуданашро бо як ҳисси ифтихор қайд мекунад: «Аммо баъд аз тамомияти китобат Шарифҷон – махдум маро ҷеғ зада оварда, воқеаро (махфӣ будани онро қайд карда) ба ман ҳикоя намуд ва илтимос кард, ки дар тасҳеҳ ва татбиқи нусхаи Мирзо Абдулвоҳид бо

нусхаи аслии дастнависи муаллиф иштирок намоям ва ин корро бо ҳамроҳии Мирзо Абдулвоҳид ба анҷом расонам» [7, с.547-548].

Садри Зиё, пеш аз ҳама дар манзумаи «Тазкори ашъор» Аҳмади Донишро ба некӣ ёд карда, ӯро дар илму ҳунар беназиру беҳамто, хусрави мулки донишварӣ, машҳури офоқ, накӯном тавсифу таъбир намуда, зикр кардааст, ки азбаски адади васфи ӯ хеле зиёд аст, кадомашро васф намоям. Садри Зиё «Наводир-ул-вақоеъ»-и адибро аз муҳимтарин асарҳои адабиёти давр донистааст. Дар тазкира боби Аҳмади Донишро Садри Зиё «Зикри фаридуддаҳр вал офоқ Мир Аҳмади Махдуми Муҳандиси мунаҷҷими хаттот авроқ» унвон гузоштааст, ки он аз 56 байт иборат буда, чи тавре ки дар фавқ ишора намудем, аз фазилатҳои неки адиб ёдовар мешавад:

Дигар фозиле буд муғтанам,
Ба назди ҳасад пешгоми муттаҳам.
Мусаххар варо буд мулки сухан,
Бигӯям ман инро ба сирри амн.
Ки буд он ки машҳури офоқ буд,
Накӯном Мир Аҳмади Ӯроқ буд.
Ба дониш мусаллам шуд андар ҷаҳон,
Варо Дониш омад лақаб баҳри он.
Чу ӯ хусрави мулки донишварӣ,
Надидаст одам на ҷину парӣ.
Касеро, ки халлоқи Эзид таъол,
Карам кард з-ин гунаи фазлу камол.
Чӣ сон кард мадҳи варо сарсарӣ,
Киро месазад даъвии ҳамсарӣ....
Ва дигар аз он фозили мустатоб,
Муаллаф шуда чун «Наводир» китоб.
Ки дар қарнҳо ҳамчу ӯ хушбаён,
Китобе наёмад зи кас дар ҷаҳон [34]....

Дар баробари зикри чунин фазилатҳои неки Аҳмади Дониш ӯро дар шарҳу баён ва тафсилоти сухану суханварӣ дар маҳфилу анҷуманҳо беҳамто ва беназир ба қалам медиҳад:

Яқинам, ки дар шарҳу басти сухан,
Назираш набошад дар ин анҷуман [34]...

Садри Зиё дар ин шеъри худ аз он вазоифе, ки Аҳмади Дониш дар давраи салтанати амир Музаффар дошт, як ба як ёдоварӣ намудааст, ки ӯ дар вазифаҳои китобдори китобхонаи Ҷаъфари Нақиб, пас аз чанд муддат ба вазифаи қозии Наҳрпай, Хузор таъйин гардидан ва бинобар бофарҳангу огаҳӣ доштан аз ҳунарҳои зиёд ба ҳайати сафорат шомил шудани ӯ, аз тарафи императори рус навозишҳо дидани Аҳмади Донишро бо нудрат қайд мекунад:

Зи ҷинси ҳунар буд чунон бохабар,
Ба назди шаҳи Рус шуд муътабар.
Варо импротур навозиш намуд,
Дари лутфу эҳсон ба рӯяш г ( к) ушуд [34].

Ҳамчунин, пас аз ба тахт нишастани амир Абдулаҳадхон қозии Вобканд таъйин гардиданашро муфассал зикр намуда, пас аз се моҳ маъзул шудан ва бо ҳамин аз сиёсат дур гардидану машғули касби илму адабиёт ва бо фозилону донишмандони ҳаммаслаки хеш аз пайи суҳбатҳои адабиву илмӣ будани Донишро нишон додааст:

Шабу рӯз дар маҷлисаш як тараф,
Муҳайё будӣ тору танбуру даф.
Ба тарфи дигар чангу уду рубоб,
Мураттаб зи ҳар гуна нуқлу кабоб.
Ба тарфи дигар фозилони замон,
Яке шеъргӯву яке шеърхон.
Фариқе паи касби илму адаб,
Шабу рӯз машғули ҷидду талаб.
Гурӯҳе муқайяд будандӣ мудом
Ба шатранҷбозиву шурби мудом... [ 34, с. 85-87].

Аз шоирони дигари нимаи дуюми асри XIX, ки чанд муддат дар дарбори амир Абдулаҳад ифои вазифа намудааст, Абдураҳмони Тамкин (1851-1915) мебошад. Аҳмади Дониш дар радифи дигар донишмандони ҳамзамонаш ба эҷодиёти Тамкин низ баҳои сазовор додааст. Дар ашъори Тамкин мавзуъҳои иҷтимоӣ воқеан, мавқеи муҳим дорад. Зеро шоир баъд аз нокомиҳои зиёд, ҳасудию бахилии аҳли дарбор ба хулосаи муҳим расида, «фаҳмид, ки худи амир аз ҷиҳати идрок, бадахлоқӣ, ҷаҳолат ва нобакорӣ аз ҳамон муллоҳои фосид ақимондагӣ надорад» [36, с.8]. Чунин нафрату надомат ва ҳисси бадбиниву беадолатиҳои замона, ки дар ашъори Тамкин моломол аст, Аҳмади Донишро водор намудааст, ки ба чунин хулоса биёяд. Чунин руҳу равон шояд боиси ҳамақида будани Донишу Тамкин гашта бошад. Ин аст, ки баъд аз дастрас шудани ашъори интиқодии Афзал Махдуми Пирмастӣ нисбат ба Аҳмади Дониш ва ғазали ҷавоби Шоҳину мухаммаси Музтариб бар ғазали Шоҳин ба Тамкин ҳисси хайрхоҳӣ ва эътирофи ин алломаи даврон дар ниҳоди ӯ низ нафрату адоват ба Афзал Махдуми Пирмастӣ пайдо гардида, барои саркӯб кардани ӯ қасидае иншо намуд, ки дар он аз ягонаи фазлу камол буданаш, эътироф гардиданаш аз ҷониби аврупоиёну русҳоро хеле самимонаю дилчасп ба қалам додааст:

Дури муҳити камолӣ, ягонаӣ дар фазл,
Вале адонӣ надонанд қиматат афсӯс!
Зи истилоҳи ту кай пай барад ҳарифи ҳасуд,
Як аз луғоти фасеҳи ту гулшану қомус...
Ҳар он ки лофи саноатварӣ занад наздат,
Масал чу нисбати кукуи мокиён ба хурӯс!
Муқими маркази таслими шуҳраи асрӣ,
Муаррифанд ба ҳикмат туро фарангу рус.
Чу офтоби камоли ту ҳаст, нест ғаме,
Муҳок гашт агар кавкаби муҳаққиқи Тус.
Сазад, ки хонамат арши улумро Ҷабрил,
Чаро ки кам наӣ дар ақлу илм аз номус.

Шунида номи ту аз ҳар диёр меояд,
Ба остони шарафтавъамони ту ҷосус.
Ба рутбаи ту муқаллид куҷо расад ба ҳавас,
Ки дар ҳумо нарасад ҷаҳди парриши Қақнус.
Ба ҷуз ҷаноби ту Тамкин касе намегирад,
Ба зери оси мулавван ба як пахоли сабӯс [66, с.140].

Адибон ва ҳаммаслакон, мухлисону пайравон ва дӯстони Аҳмади Дониш баъд аз вафоти ӯ дар марсия ва таърихҳои худ бо афсӯсу надомат, сӯзу гӯдоз, бо як эҳтироми хосса нисбат ба даргузашти ӯ эътиқоду самимияти худро ифода кардаанд. Мирсиддиқхони Ҳашмат баробари дареғу афсӯс, аз фозили донишманд, олими комил, обид, зоҳид, шиносои фанҳои зиёд, дар ҳар санъат дарёи дониш, муҳандис, мунаҷҷим, дар нақшу тасвир ва таҳрир аз Беҳзоду Монӣ баландтар будани ӯро зикр намудааст:

Чӣ шуд он олими комил, ки фозил буд, ҳам зоҳид,
Чӣ шуд он омили моҳир, ки обид буд, деҳқоне.
На бар як фасл буд ӯро шиносоӣ, на бар як фан,
На бар як санъатон дарёи дониш буд-Уммоне,
Ба ҳар фан буд комил аз дигар фан бегумон Дониш,
Чунон комил нарӯяд дар ҳазорон даври кайвоне,
Муҳандис буд-сайри собиту сайёрро мекард,
Мунаҷҷим буд-бо хуршеду моҳаш гармҷавлонӣ,
Ба таррохӣ, ба тасвиру ба таҳзибу ба тақрираш
На ҳамто буд Беҳзоду на ҳамтарҳаш бувад Монӣ [220].

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат доир ба Аҳмади Дониш ва вафоти ӯ ду шеър эҷод карда, бисёр паҳлӯҳои дигари фаъолияти адибро кушода додааст, ки хеле воқеию самимӣ баён шудааст. Мураттиби «Ашъори мунтахаб»-и Ҳайрат профессор Р. Ҳодизода дар тавзеҳот ба ин қитъа навиштааст, ки: «Ба вафоти Аҳмади Дониш»-ин қитъа, ки бахшида ба вафоти Аҳмади Дониш навишта шудааст, дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ дарҷ ёфтааст (Куллиёт, ҷилди 7, саҳ. 464). Назар ба нақли С. Айнӣ, Ҳайрат ин қитъаро пас аз шиносоиаш бо «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш,

баъди се-чор соли вафоти муаллиф назм кардааст. Дар мисраи охирӣ, бо калимаҳои ба нохунак гирифташуда соли вафоти Дониш (1314 ҳиҷрӣ мутобиқ бо 1897 милодӣ) оварда шудааст» [46, с. 237].

Дар қитъаи мазкур, эҳсосоти пур аз ғаму ғусса, дарду алам, оҳу фиғон ва афсӯсу надомати ҳаммаслакону ҳамнишинони адиб ба миён омадаро бо ифодаву ибораҳои ҷонсӯз  тасвир кардааст:

Фарёд, к-аз самуми бановақти рӯзгор,
К-аз боғи сина ғунчаи олам вошукуфт.
Яъне, ба даҳри фазлу ҳунар он, ки тоқ буд,
Даҳре ба марги ӯ ба ғаму дард гашт ҷуфт.
Мир Аҳмади мунаҷҷими Уроқ, он ки з-ӯ,
Разми фунуну фазл набудеш дар нуҳуфт.
Сард аз баҳори олами ошуб кард дил,
Ҳам дар Ҳамал ба маҳмили танги лаҳад бихуфт.
Гар з-ин фироқ чок занам пираҳан, сазост,
Ғофил шудем, доманаш аз даст рафт, муфт.
Кардам суол соли вафоташ зи пири ақл,
«Гӯё бирафт равнақи илми нуҷум»,-гуфт» [46, с. 144].

Қитъаи дигари таърих, ки «Дар вафоти Аҳмади Дониш» унвон дорад, баъд аз шиносоии шоир бо «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш навишта шуда, афсӯсу надомати на танҳо Ҳайрат, балки тамоми ашхоси равшанфикри замони шоирро ифода мекунад:

Оҳ, аз ҷаҳон, эй дӯстон, Мир Аҳмади Уроқ рафт,
Он к-ӯ ба анвои ҳунар фикраш ҳамебишкофт мӯ.
Буд ӯ мунаҷҷим бегумон, буд ӯ муҳандис бил-аён,
Карда ба таслимаш равон  гарданфарозон сар фурӯ.
Сурии маънӣ чун камоли ӯ бубин таърихи ӯ:
Бо як ҳазору сесаду бо чордаҳ рафт, оҳ, ӯ » [46, с. 145].

Аз намояндагони дигари адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX  Анбар дар марсияи худ, ки як навъ ситоишномаеро мемонад, ба монанди шоирони дигар бо таассуфу надомати зиёд аз даргузашти ин

«донои вологавҳар», мумтози давр, дар илму фан забардаст, пеши бузургон муҳтарам ёдовар шудааст:

Афсӯс дори пурҷафо бирбуд он соҳибвафо,
Зоте, ки дар ҳар муддао донои вологавҳаре.
Фоиқ ба ҷамъи илму фан, мумтоз дар давру замон,
Лаълаш ба ҳангоми сухан месудмушку азфаре.
Дар ҳар улум аз кайфу кам, воқиф зи асрори ҳака,
Пеши бузургон муҳтарам, бо ҷумла ақрон сарваре,
Сити камолаш шуд маҳак, фаҳми Фалотун карда ҳақ
Ҳалли рамузи нуҳ фалак аз килки ӯ як дафтаре [46].

Хулоса, зикри Аҳмади Дониш ва даҳои ӯ дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ҳамчунин, дар ёддошту хотираҳои ҳаммаслакони эшон чун мутафаккири бузург, олими мутабаҳҳир, адиби забардаст, дар байни аҳли адаби замонаш соҳибэҳтиром муаррифӣ шуда, ва ба қавли Садриддин Айнӣ: «...дар муҳити онвақтаи Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ роҳбар ба шумор» мерафт.

# БОБИ III

# АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКИИ НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАДИДА

## 3.1. Ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна

Афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна асосан, дар нимаи дуюми асри XIX ба таври ниҳонӣ рушд намуда, заминаи бунёдии худро аз маорифпарварони асри XIX–и рус ва тотор гирифтааст. Маорифпарварии Осиёи Миёна бар поя ва ҳаракати озодихоҳонаи мардуми рус нарасида буд, аммо дар он руҳияи озодихоҳонаро метавон мушоҳида кард. Барои беҳтар намудани сохти сиёсии замон ва дигаргун сохтани ҳаракатҳои иҷтимоӣ бояд заминаи бунёдӣ мавҷуд бошад ва афкору назари маорифпарварони пешқадами давр ҳамвора мавриди назар ва бозомӯзии мардум қарор гирад. Маорифпарварони Осиёи Миёна худ аз табақаи миёнаҳоли аҳолӣ буда, дар маҷмуъ манфиатҳои синфи ҳоким ва дигар табақаҳои иҷтимоиро ҳимоя менамуданд. Онҳо дар тамоми фаъолияти худ ба масъалаи беҳ гардонидани зиндагии мардум талош варзида, манфиатҳои иҷтимоии мардумро дар мадди аввал мегузоштанд. Андешаҳои созанда ва бунёдкоронаи маорифпарваронро дар асарҳои ҷудогонаи онҳо метавон мушоҳида намуд.

Аҳмади Дониш сараввал дар асари машҳури худ «Наводир-ул-вақоеъ» дар бобҳои алоҳида доир ба афкори пешқадам ва зиндагии шоистаи мардуми Аврупо мисолҳо оварда, мардумро ба зиндагии шоистаи мардуми рус ошно намуд, ки мо инро дар бобҳои «Дар ҳикояти фаромӯшхона», «Дар ҳикояти Абулқосим-бӣ ва сафари Русия», «Дар сафорати Абулқосимбек ва баёни аҷобати базм ва ҷашни Русия» мушоҳида карда метавонем. Дониш ба таври пардапӯшона андешаҳои худро рӯйи

сафҳа оварда, то андозае диққати ҳаводорон ва дӯстдорони илму адабро ба омӯзиши илм ва дигаргун намудани сохти иҷтимоӣ ва сиёсии замон равона карда буд. Ба ҷуз аз Аҳмад – махдум, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Шамсиддини Шоҳин дар пайравӣ бо ӯ, сохти пӯсидаи амoратро дар асарҳои худ мавриди мазаммат қарор дода, чун табақаи бомаърифати замон омӯзиши илму донишро таблиғ намуда, тарафдори барҳам додани сохти пӯсидаи аморати Бухоро буданд. Агар дар маҷмуъ назар афканем, Возеҳ ва Шоҳин дар танқид ва фош намудани ғояҳои сохти феодалии давр хидмати шоиста карда бошанд, аммо нисбат ба Аҳмади Дониш ва андешаҳои созандаи ӯ дар зинае поёнтар қарор доштанд. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва дигар ҳамасрони ӯ тобиш ва рангу бӯйи бадеӣ ва ҷанбаҳои созандаю бунёдгароёнаро маҳз аз асарҳои Дониш андӯхта, онҳоро мавриди корбурд қарор дода, дар жанрҳои ғазал, қасида, рубоӣ мавриди истифода қарор доданд ва дар ин бобат, назари созандаи худро иброз намудаанд. Яке аз маорифпарварони пасин Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ чун пайрави асили Дониш ба майдони фарохи илм баромада, барои таблиғ ва омӯзиши илмҳои созандаи замон талош намудааст. Возеҳ аз овони таҳсил дар мадраса  истеъдоди баландро соҳиб буда, омӯзиши илмро ҳадафи асосии худ қарор додааст. Ӯ чун адиби сухандӯсту нуктапардоз ҳамвора омӯзиши забонҳои мухталифи оламро ба манфиати илм дониста, бо истеъдоди фитрии худ ба омӯзиши забонҳои форсӣ,  арабӣ ва туркӣ машғул гардидааст. Қори Раҳматуллоҳи Возеҳ пас аз омӯзиш ва аз худ намудани вижагиҳои забонҳои мухталиф ба саёҳати дуру дарози олам баромада, ба урфу одат ва фарҳангу маданияти халқҳои олам шинос гардидааст. Дар робита, ба омӯзиши забонҳои олам, бо се забон шеър иншо намудааст. Дар ин бобат, Возеҳ чунин нигоштааст:

Дар луғати форсиву туркиву лафзи араб,
Бурдам аз майдони маънӣ гӯйи сабку бартарӣ.
Ҳар қадар шеъре, ки бошад, худ дар ин се забон,
Андар ин даврон накарда ҳамчу ман гирдоварӣ.

Шеър гуфтам низ дар ин се забон дар ин замон,

Шоиреро нест ҷуз ман ҷуръати нутқоварӣ [161, с.84].

Возеҳ дар омӯзиши забон маҳорати воло дошта, истеъдод ва дониши худро ба таври ошкоро нишон дода, афзудааст, ки нест, касе ки ҳамсони ман ба се забони олам шеър иншо карда бошад. Ҳақ ба ҷониби шоир аст, зеро ки кам истеъдодҳое ба майдони фарохи назм қадам мегузоранду аз уҳдаи нигоштани шеъри вижа ба се забон ба хубӣ баромада тавонад. Дар баробари иншои шеър, шоир аз осори шуарои форсу араб ва турк ба хубӣ огоҳӣ дошта бошад ва таъкид бар он медорад, ки ҳама ашъори шуарои дар ин замон нигоштаро бо ин се забон гирдоварӣ намудам. Возеҳ омӯзиши забонро ягона роҳи раҳоӣ аз тангдастию бечораҳолӣ дар ғурбат диниста, омӯзиши забонҳои шуҳратёрро ба ҳадафи худ қарор додааст. Аз андешаҳои дар фавқ овардашуда ба мо маълум мегардад, ки шоир аз фарҳангу адабиёти миллатҳои мухталиф огоҳии комил дошта, дар гирдоварии осори шоирони машҳур ҳиссаи худро гузоштааст, ки мо инро дар мисраъҳои дар боло овардашуда, ба хубӣ мушоҳида намудем. Дар баробари шоирӣ ва донандаи хуби забонҳои мухталиф буданаш дар фазлу ҳунар низ яккатози замон буда, дар ин бобат чунин нигоштааст:

Гуфтамаш: «Фазлу ҳунар дорам ба ҷои симу зар,

Нест дар ин шаҳр чу ман гар ба диққат бингарӣ.

Ҳар кӣ дар як илму фан филҷумла дорад шуҳрате,

Бандаро дар ҳар ҳунар бошад каломи бартарӣ» [161, с.84].

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ҳунарро аз симу зар авлотар дониста, амсоли худ ҳунарманди чирадаст дар шаҳри худ касеро намедонад ва таъкид бар он медорад, ки агар инсонҳо дар як ҳунар маҳорат дошта бошанд, ӯ саропо ҳунару истеъдод аст. Шоирону олимоне, чун Возеҳ ҳамвора, дар пайи омӯзиши илм буда, барои беҳ гардидани зиндагии худ ва миллати азияткашидааш ҷаҳду талош мекунад ва амиру мақаррабони дарборашро ба адолату раиятнавозӣ даъват менамояд. Шоир дар замони

зиндагӣ ва фаъолияти эҷодиаш зиндагии бечораҳолона дошта, аз гардиши рӯзгор ва аз нобасомониҳои давр ҳамвора шиква намудааст, ки мо инро дар мисраъҳои зерин мушоҳида карда метавонем:

Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,
Аз фоқаву фақр саргаронам кардӣ.
Афкандӣ ба кунҷи узлат охир имрӯз,
Муҳтоҷ ба як порча нонам кардӣ [161, с.84].

Возеҳ аз гардиши ноҳамвори чархи даввор шиква намуда, сарсониву саргарониҳои худро ба он алоқаманд медонад. Аз мисраъҳои овардашуда ҳувайдост, ки шоир зиндагии сангину тоқатфарсо дошта, барои пайдо намудани қути лоямут ҳамвора сарсону саргардон буда, ба як пора нон муҳтоҷ будааст. Ашхоси поктинату соҳибфазл ҳамвора дар ҳама давру замон гӯшанишиниро ихтиёр менамуданд ва баҳри расидан ба дидори маъшуқ чаҳду талош меварзиданд, аммо ин гӯшанишиниҳо ҳеҷ ба муроди дили ӯ анҷом накард ва аз пештар дида, ба гирдоби фақру тиҳидастӣ ӯро ғӯтавар намуд. Возеҳ дар ғазали дигар аз тирагии рӯзгор ва ба машаққатҳои сахти рӯҳию равонӣ дар ватан гирифтор шудани худро иброз намуда, чунин нуктапардозӣ мекунад:

Аз даҳр кас надида бад-ин сон чафо, ки ман,
Ҳар дам ба доми ранҷу бало мубтало, ки ман.
Охир куҷост?! Ғамзадаи тирарӯзгор,
Андар ватан зи васли азизон чудо, ки ман…
Возеҳ, кадом сӯхтаҷону ситам насиб,
Хун хӯрдаву кашида басе ранҷҳо, ки ман [161, с.86].

Возеҳ бар он назар аст, ки дар олам касе нест, ки амсоли ман, аз чархи каҷрафтор азобу уқубатҳои сангину тоқатфарсо кашида бошад ва ҳамвора шоҳиди ранҷу мубталоҳои нав ба нав шуда бошад. Шоир, аз таъқиби амиру мансабдорони замон дар кулбаи худ кунҷи узлатро ихтиёр карда, дар ҳоли табоҳ умр ба сар бурдааст. Ӯ бар он назар аст, ки дар домони Ватан истиқомат кардану бо аҳли аёлу азизон нишастан, барои ҳар

инсон амали хушу хотирмон аст, аммо шоир дар ватан аз сухбати ёрону дидори дӯстон маҳрум будааст. Мавзуи дигаре, ки Возеҳ ба он мароқ зоҳир намудааст, ин руҳониёни мутаассиби динӣ ва суфиён буда, эшонро барои рибохӯрию мардумфиребиашон сахт дар зери тозиёнаи танқид гирифтааст:

Ин нокасон, ки даъвии роҳи Худо кунанд,

Андар либоси зӯҳд басе ҳилаҳо кунанд [161, с. 97].

Шоир дар ин мисраъҳо муллоҳои ҷоҳилу бехирад ва суфёни разили ба ном суфиро танқиду мазаммат намуда, онҳоро нокасу ҳилагар гуфта, ҳамагонро бар он ҳушдор медиҳад, ки аз фиребу найранг ва макру дасисаҳои онҳо худро канор гиранд, то дар доми найранги онҳо наафтанд. Возеҳ худ шоҳиди ҷаҳолату тирамағзӣ ва мардумфиребию риёкории муллоҳои бесаводу шариатфурӯш буда, ин табақаи муфтхӯри даврро дар шеърҳояш мавриди танқиду мазаммати сахт қарор додааст.

Мавзуи дигаре, ки шоир ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ахлоқу тарбия буда, доир ба ин масоил андешаҳои ҷолиб иброз намудааст. Шоир ба он назар аст, ки бояд инсон дар ҳама давр дар маҳфили аҳли сухан нишинад ва аз хирвори маърифату фазли эшон баҳраёб гардад:

Боадаб бош, эй дил, андар маҳзари аҳли сухан,

Чашми худ ҷое макун, ҷуз манзари аҳли сухан… [161, с.97- 98].

Возеҳ ҳамагонро бар он панд медиҳад, ки дар ҳамнишинӣ бо аҳли сухан ҳамеша боадабу нармгуфтор бояд буд ва яке аз вазифаҳои асосии инсони хираддӯсту илмталаб ҳам бояд ин бошад. Адиб бар он назар аст, ки инсон тамоми илму дониши дунёро аз ҳамнишинӣ бо аҳли сухан пайдо карда метавонад ва ба ин васила, дар ду олам ҷойгоҳу мақоми вижа касб мекунад. Шоир таъкид бар он медорад, ки ҳеҷ гоҳ инсон хостгори давлати фонӣ набояд бошад ва бар он бикӯшад, ки сазовори неъмати ҷовид гардад. Инсони комил бояд ҳамвора дар нишасти инсонҳои соҳибфазл бинишинад ва қалби худро чун оина софу муҷалло гардонад ва дилро аз кинаву буғз софу пок гардонад. Возеҳ омӯзиши илму донишро ба ҳамагон зарур

дониста, ҳамнишин будан бо аҳли илму ҳунарро дар ин кор хеле муҳим дониста, таъкид бар он медорад, ки аз суҳбати ин гуна инсонҳо бебаҳра нахоҳӣ монд. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ амсоли шоирони пешин ба мавзуи ишқ мароқ зоҳир намуда, дар ҳар мисраи ҷудогона тараннуми ишқи заминӣ намудааст:

Надидам чун ту шӯхе, офати рӯйи заминастӣ,
Балои ҷони ошиқ, фитнаи дунёю династӣ….
Зи мо бечорагон ҳам ёд овар гоҳ, эй ҳамдам,
Чу дар базми тарабхуш бо ҳарифон ҳамнишинастӣ [50, с. 78].

Возеҳ ҷамоли оинасону қомати мавзуни нигори худро ба риштаи тасвир кашида, дилбарро бо иборaҳои «балои ҷон», «фитнаи дунёю дин» қиёс намуда, бо тамоми ҳастӣ ба мавзуи ишқу муҳаббат мароқ зоҳир намуда, ҳисси дилбастагӣ ва муҳаббати бекарони худро нисбат ба парирӯёни дилрабо ба риштаи тасвир кашидааст. Возеҳ садои маъшуқро ба навои ҷонбахши булбул қиёс намуда, таъкид бар он медорад, ки агар булбул дар гулистон, муштоқи рӯйи гул бошад мани ошиқ пазмони рӯйи нигорам. Адиб дар кӯйи ишқ худро ҳақиру нотавон дониста, бо оҳанги имдодталабона аз маъшуқ хоҳиш мекунад, ки дар базми ҳарифонаи худ аз мо бечорагон ёд овар ва бо лутфу марҳамат назаре сӯйи мо намо ва моро шод гардон.

Дар баробари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ шоири тавонои ҳамасраш Шамсиддини Шоҳин низ дар майдони фарохи илму адаб қувваозмоӣ намуда, бо ашъори рангин ва каломи муассиркунандааш мардумро ба омӯзиши илм ва беҳ гардонидани зиндагии шоиста даъват намудааст. Ҳарчанд Шоҳин аз овони хурдӣ аз таълиму тарбияи падар маҳрум гардида бошад ҳам, аз замоне ки худро ҳамчун инсони комил шинохт, ба омӯзиши илм ҷиддӣ пардохта, то охирин нафас баҳри халқу миллати азизаш хидматҳои арзанда намудааст. Шамсиддини Шоҳин, ки худ таҳсилдидаи мадрасаҳои Бухоро буд, аз тарзи таълиму тадриси мударрисони мадрасаҳо қаноатманд набуда, дар шеърҳои ҷудогонааш мударрисони бесаводу

тиҳимағзро зери танқиду мазаммати сахт қарор додааст. Шоҳин аз он замоне ки ба ашъори баландмазмуни Аҳмади Дониш ошноӣ пайдо мекунад, фикру андеша ва ҷаҳонбинию донишаш афзун шуда, баҳодиҳиаш нисбат ба тадрис ва илми мударрисони мадраса дигаргун мешавад. Шоир мударрисони мадрасаро дар ҷаҳолату нодонӣ ва бесаводию гумроҳӣ аз дигар табақаҳои ҷомеа пешгомтар медонад. Ба андешаи адиб, тамоми қабоҳат ва разолатҳо танҳо аз рӯйи тирамағзӣ ва бесаводии мударрисон аст, ки онҳо боилм кифоя набуда, муллобачаҳоро таълиму тадрис дода, онҳоро низ чун худ гумроҳу нодон ва ҷоҳилу мардумфиреб тарбия мекунанд. Ба ин маънӣ, Шоҳин дар ғазали зерин чунин нуктапардозӣ мекунад:

Худоро, улуме, ки мо хондаем,
На илм аст, дар хутба дармондаем…
Зи асҳоби ӯ боди сиблат бубин,
Зи сират мапурс зи сурат бубин [161, с.129].

Шоҳин бар он назар аст, ки илмеро мударрисон ба мо тадрис мекарданд, ин илм буда наметавонад ва мо ҳамвора ба номи амир ва дигар ашрофони замон хутба мехондем ва моро Худованд хайру баракат ато кунад, ки ҷуз хутба хондан ҳеҷ манфиате бар мо набуд. Шоир бар он гила мекунад, ки ҷуз муқоваи китоб мо доир ба фаслу бобҳои он ҳеҷ маълумоте надоштем ва агар он садри китоб аз сафҳа пок бигардад, надонем, ки номи он китоб чӣ буд ва мурод аз таълими ин илм дар чист? Шоҳин мударрисонро ба чашмаи оби зулол ташбеҳ дода, шогирдонро чу сабӯбадастоне, ки бар талаби об мераванд, монанд кардааст. Ӯ бар он назар аст, ки мударрис он ҷуй аст, аммо ҷӯйи хушк ва шогирдон сабӯ дар даст бар талаби об мераванд, аммо он оби ҷӯй хушк аст ва ҳамвора фиреб хӯрда, вақти зиёд масруф мекунанд ва аз он ҷӯйи хушк чизе бо худ гирифта наметавонанд ва сабӯ тиҳӣ боз мегарданд. Адиб бар он назар аст, ки мударрис дар оростаю пероста ва босалобат гардонидани ришу фашаш соатҳои зиёдро масруф намуда, зоҳиран худро зебо намуда, диққати

ҳамагонро ба худ ҷалб месозад, аммо дар ботин чу инсони тиҳимағзу разил ва бехираду бедониш аст, ки кам касон аз бедонишию тиҳимағзиаш огоҳ шуда метавонанд. Шоҳин дар ашъораш мударрисони риёкору зоҳирпарастро танқиду мазаммат намуда, хислатҳои ниҳонии онҳоро фош намудааст. Шоир бар он назар аст, ки мударрисон аз илм баҳрае надоранд, шогирдон низ чу устодони худ бедонишу бехираданд ва аз ин тоифа умеди хайру баракат ва нишоне аз илму амал нест. Шоҳин ин тоифа мударрисони ҷоҳилу беилмро эҳтиром накарда, онҳоро дар тиҳимағзию масруф намудани вақти муллобачаҳо айбдор намудааст. Ба андешаи ӯ, муллоҳои бедониш дар баробари ин, ба ҷоҳилию мутаккабирӣ ном баровварда, ба тавре худро «алломаи давр» мепиндоштанд. Шоҳин ин ҳама разолату қабоҳати онҳоро бо чашми сар дида, нисбат ба ин тоифа нафрати бекарон пайдо намуда буд ва дар ҳар мисраи шеърaш онҳоро мазаммат кардааст. Шоҳин дар баробари омӯзиши илм ва шуҳратёр гардиданаш ба дарбори амир низ алоқа пайдо намуда, ӯро ба таври иҷборӣ бар рикоби амир баҳри хидмат таклиф намудаанд. Шоир бо андӯҳи гарон ва синаи сӯзон ҷабру зулм ва носипосию қадрношиносии амирро нисбат ба худ дар ашъораш ба риштаи тасвир кашидааст. Ӯ бар он назар аст, ки инсони бедордил ва бодонишу хирдадманд набояд рикоби амирро ихтиёр кунад ва худро як умр дар банди зиллату хорӣ гирифтор намояд:

Макун суҳбати подшоҳон тамаъ,
Ки ҳам зар ба ғорат равад, ҳам вараъ!... [161, с.145].

Шоҳин инсонҳои хирадмандро бар он панд медиҳад, ки суҳбати амир ва зимомдорони даврро ҳеҷ гоҳ ихтиёр накунанд ва то тавонанд, аз суҳбати онон бипарҳезанд. Шоир дар ҳирсу тамаъ ва оз синфи ҳукмрони даврро танқиду мазаммат намудааст. Ба андешаи шоир, амиру атрофиёнаш дар гирду ғун намудани молу сарват яке аз дигаре камӣ надоранд ва ҳамвора дар пайи гирду ғун намудани молу сарватанд. Онҳо ба ҳар роҳ халқи мазлумро ғорат намуда, бойигариашонро аз они худ менамоянд ва мардумро дар кӯйи фақру бенавоӣ ва муҳтоҷию тиҳидастӣ мубтало

месозанд. Шамсиддин Шоҳин аз синфи ҳукмрони давр норизо буда, барои беҳтар гардонидани зиндагии созанда ҳамагонро ба омӯзиши илм даъват намудааст. Ӯ таъкид бар он медорад, ки дар суҳбати аҳли хирад бинишин ва бо эшон суҳбат намо ва аз ҳамнишинии ноаҳлон парҳез бикун:

Ба нодон хамӯшу ба доно сарой,
Ки он хираруй асту в-ин чирарой.
Шикоят макун аз бузургони дин!
Махон осмонро ба ғафлат замин!
Ба шоҳон сухан аз сари кин магӯй,
Тазарвию пархоши шоҳин маҷӯй [161, с.147]!

Шоҳин таъкид бар он медорад, ки аз суҳбати инсонҳои бедонишу кинаварз дурӣ биҷӯй ва ҳамнишину ҳамдами инсонҳои хирдманду некманиш бош. Адиб бар он назар аст, ки аз бузургони дин набояд шикоят кард, балки аз илми созандаи онҳо бояд чизе омӯхт. Зеро омӯзиши илм инсонҳоро ба кӯйи мақсуд мерасонад.

Инсони бедордил набояд ба шоҳон аз рӯйи кинаву адоват сухан бигӯяд, балки ӯ бояд дар суҳбат нармгуфтору хушмуомила бошад. Ҳар шахси бедордил бояд вобаста ба мақом ва манзалати худ ва илму амали созандааш сухан бигӯяд ва ҳамқадами ашхоси бедордил бошад. Мавзуи дигаре, ки Шоҳин ба он мароқ зоҳир намудааст, инъикоси ҳиссиёти ошиқу маъшуқ аст. Шоир дар мисраъҳои шеърӣ ва ғазалҳои ҷудогонааш ишқи лоларухони моҳталъатро тасвир намудааст:

Имшаб чӣ шаб аст, ки ту дар оғӯши ман астӣ,
Дар сина чу дил, балки чу ҷон дар бадан астӣ…
Беҳуда қадам во магузор аз дили Шоҳин,
Азми сафарат чист, ки хуш дар ватан астӣ [161, с.153].

Шоҳин ба висоли маъшуқ расиданро дар мисраъҳои ҷудогона тасвир намуда, ҳисси дилбастагии худро нисбат ба маҳбубаи худ иброз намудааст. Ӯ бар он назар аст, ки расидан ба висоли маъшуқ чӣ шодию нишоти бекаронро ба миён меорад ва толибони роҳи васлро комгору

муваффақ мегардонад. Шоир ҳастии дилбари худро ба ҷони дар бадан монанд намуда, партави рӯйи нигорро ба шамъ ва худро ба парвона қиёс кардааст.

Мавзуи дигаре, ки дар эҷодиёти Шоҳин мавқеи вижаро соҳиб гаштааст, баррасии масоили иҷтимоист. Масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир дар доираи навмедию яъс ба назар расида, соҳибсухан гоҳ аз зиндагӣ шикваҳо намуда, гоҳе яъсу навмедиро дар худ эҳсос карда, аз ҳокимони давр ва табақаи ҳукмраво шиква намудааст:

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,
Биё, бубин, ки дилат ҳар чи хост, он шудаам.
Ба ғайри хору хаси меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чу оби равон равон шудаам.
Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чӣ суд, ки маҳруми бӯстон шудаам… [161, с.156].

Шоҳин аз зиндагии ношоиста ва чархи каҷрафтор шикваҳо намуда, шикастахотирию ноҷурӣ ва нотавонии худро ба риштаи тасвир кашида, рақибро бар он даъват намудааст, ки дили ту хостгори заифию нотавонии ман буд ва биёву ҳоли табоҳи маро бубин, ки аз меҳнату ранҷи шабонарӯзиам ҷуз хори ғам чизе ба душ надорам. Ӯ таъкид бар он медорад, ки гардиши айём ва нобасомониҳои давр маро тарбият намуд ва ҳамвора чун оби ҷӯй дунболи амир ва дигар муқаррабонаш равон будам. Шоҳин аз рӯзгори хотирмон гузарондаи худ ёдовар шуда, худро ба шохаи суман монанд карда, аз он таассуф мехурад, ки амсоли гул асту аммо аз наҳсии рикоби амир аз таровати гулҳои бӯстон ҷудову маҳрум аст. Шоир иброз медорад, ки ба касе майли суҳбат намоям аз ман канор меҷӯянд ва аз нобасомониҳои рӯзгор амсоли барги шабнам гирифта вазнину саргаронам. Ҳамнишинони Шоҳин бар он назаранд, ки шоир дар рикоби амир асту соҳиби эҳтирому қадршиносии хосса, аммо шоир таъкид бар он медорад, ки қадру манзалат ва муносибати ноодилонаи амир нисбат ба ӯ аз қишри поёни ҷомеа камтар аст.

Барои он ки ҷараён ва ё ҳаракати наве дар ҷомеа пайдо шавад, асос ва заминаҳои пайдоиши худро бояд дошта бошад. Заминаи ба вуҷуд омадани ин ҷараёни фарҳангиву сиёсиро Бертелс Е.Э. аз Аҳмади Дониш донистa, қайд мекунад, ки дар натиҷаи сафарҳои ӯ ба Россия (ба Петербург) рисолаҳои арзишмандаш ба миён омада, боиси пайдоиши ҳаракати мазкур дар Осиёи Миёна гаштааст. Дар натиҷаи ин сафарҳо ҷаҳонбинӣ, диди зебоишиносӣ ва назари эстетикии Дониш ба куллӣ тағйир ёфта, ба Амир Музаффар ислоҳот дар сатҳи давлату давлатдориро пешниҳод намуд. Ӯ аз корхонаю коргоҳҳо, театру осорхонаҳои Россия дидан намуда, онҳоро ба Шарқи мусалмонӣ, бавижа Бухоро муқоиса кард. Дар баробари Аҳмади Дониш, устод Садриддин Айнӣ низ дар қисмати дуюми «Ёддоштҳо» роҷеъ ба барномаҳои хушку бемантиқи мударрисони мадрасаҳои Бухоро бо таассуф чунин изҳори назар мекунад: «Мутолаакунандагони ин порчаҳо хоҳанд пиндошт, ки талабагони мадрасаҳои Бухоро модом, ки 19 сол бар болои як программаи маҳдуд кор мекардаанд, бояд дар илмҳои дар он программа зикрёфта мутахассиси замони худ шуда, мебаромада бошанд. Афсӯс ин гуна гумон кардан нодуруст ва пиндори хушк аст» [7, с.136].

Ҷараёни ҷадидия дар оғоз ҳамчун як неҳзати фарҳангӣ байни мардум муаррифӣ шуда, бо гузашти вақт он барои дигаргун сохтани давлатдорӣ ва сарнагун кардани аморат иқдом намуда, ҷавонони озодандешро муттаҳид намуд. Ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна бо роҳи таблиғу ташвиқ ва ҷалб намудани ҷавонон ба омӯзиш ва аз худ намудани илм оғоз ёфтааст. Ҷадидон фаъолияти таблиғотии худро дар Бухоро ҳамчун рамзи марҳилаи нав дар байни ҷавонон ташвиқ мекарданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки дар як муддати кӯтоҳ мардумро соҳиби хату савод ва илму дониш мегардонанд. Воқеан, ин ҷараён тавонист, дар фурсати кӯтоҳ мардумро китобомӯзу ҷаридахон намуда, дар ҳаёти сиёсии мамлакат таҳаввулоти сиёсиро ба миён оварад. Сарвари ҷадидони Осиёи Миёнаро Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва Абдулқодири Шакурӣ, дар Тошкант ин масъулиятро Мунавварқорӣ Абдурашидов ба зимма доштанд. Зикр бояд

кард, ки Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ пас аз хатми мадраса ба кишварҳои гуногун барои дидани оламу одам ва тарзи зиндагиву маишати онҳо сафарҳо намудааст. Масалан, солҳои 1903-1904 ба Қазон, Уфа, Оренбург сафар намуда, аз тарзи тадриси мактабу мадраса дар ин шаҳрҳо огоҳӣ пайдо мекунад. Ин буд, ки ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна, бахусус Бухоро ба кушодани мактабҳои усули нав мепардозад ва ҳомии чунин мактабҳо дар ин сарзамин мегардад. Мардум дар ибтидо ба мактабҳои усули нав мароқ зоҳир накарданд. Дар чунин мактабҳо фарзандони равшанфикрон, тоҷирон ва мардони озода ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Баъд аз андак муддате маълум гардид, ки мактабҳои усули нав дар муддати шаш моҳ толибилми хешро соҳиби хату савод мекардааст. Натиҷаи тадрис ва омӯзиши ин мактабҳои усули ҷадид сокинони Бухорою Самарқандро водор намуд, ки ба таҳсили фарзандон дар чунин мактабҳо шароит фароҳам оваранд. Агар дар мадрасаҳои Бухоро муллобача дар муддати нуздаҳ сол соҳиби хату савод гардад, пас дар мактабҳои усули нав толибилм дар муддати беш аз шаш-ҳафт моҳ соҳиби хату савод шуда, озод ҷаридаҳои даврро мутолиа мекард. Дар Бухоро ҷадидон бо мушкилӣ ва машаққат мактабдорӣ мекарданд. Яке аз чунин мактабҳои усули нав бо ташаббуси устод Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзим соли 1908 дар Бухоро ифтитоҳ ёфтааст. Садриддин Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзим ба таълиму тадрис ва кушодани мактабҳо даст ёфта, дар он баробари илмҳои динӣ омӯзиши илмҳои замони навро ба толибилмон мақсади худ қарор дода буданд, зеро, тарзи тадрис ва омӯзиши мадрасаҳо, омӯзиши якмаром ва ҳифзи қориёнаи муллобачаҳо, шаллоқу чӯбзаниҳои мударрисон, зулму озори пайвастаи муллобачаҳоро, ки устод бо чашми худ дида буд, боиси нафрати эшон гашт. Ҳамин тарзи тадрисро Садриддин Айнӣ дар «Мактаби кӯҳна» тасвир намуда, аз сабақи хеш ёдовар шудааст. Тарзи нави таълиму тадрис китобҳои дарсиро тақозо мекард. Ин буд, ки устод Айнӣ дар як муддати кӯтоҳ барои шогирдон китоби қироатии «Таҳзиб-ус-сибён», «Таътил-ул-Қуръон», «Заруриёти диния» ва ғайраро иншо намуд. Айнӣ пеш аз он ки мактаби усули ҷадидиро ифтитоҳ намояд, барои омӯзиши

усули таълим як муддат ҳамроҳи Саидраҳмони тотор кор мекунад. Ӯ дар ин мактаб вазифаи тарҷумониро иҷро мекард. Дарсҳои омӯзгорони тоторро барои толибилмони тоҷик баргардон менамуд, аз таҷрибаи онҳо баҳра мебардошт, ки ин барои ташкил намудани мактаби усули ҷадид замина гузошт. Мактаби усули нави устод Айниву Мунзим, ки дар ҷодаи тадрис ба комёбиҳо ноил гардида буд, аз чашми муллоҳои ҷоҳилу бесавод, хурофотпарасту тангназар дур намонд. Тавассути дасисаи онҳо амир салоҳи корро дар бастани мактабҳои усули нав дид. Бо фармони амир соли 1909 ин мактаб баста шуд. Толибилмони босавод тавонистанд дар ибтидо озодона ва баъдтар ба таври пинҳонӣ ҷаридаҳои гуногунро ҳам бо забони туркӣ–ӯзбекӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ мутолиа намоянд. 11 марти соли 1912 бо ташаббус ва дастгирии Мирзо Сироҷи Ҳаким аввалин шумораи рӯзномаи «Бухорои  Шариф» ба нашр расид. Дар ин рӯзнома, муаллифон роҷеъ ба мавзуъҳои мубрам ва муҳимми рӯз ибрози андеша мекарданд. Дар шумораҳои гуногун роҷеъ ба илм, фарҳанг, ҷуғрофия ва дастовардҳои гуногун дар соҳаи илму техника маълумоти зарурӣ дода мешуд. Муаллифон дар мақолаҳои хеш доир ба зарурати омӯзиши илму дониш маълумот дода, кушодани мактабҳои усули навро таблиғу ташвиқ мекарданд.

Боиси зикр аст, ки аввалин тарҷумаҳои осори адабони рус Л.Н.Толстой ва А.М. Горкий дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» ба нашр расида буданд. Мубаллиғон ва сарварони ин ҷараён: Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Мунаввар Қорӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон Ҳамдӣ ва дигарон дар кушодани мактабҳои усули нав саҳми хешро гузоштаанд. Донишмандон ва мунавварфикрони ибтидои асри XX дар асарҳои худ, ки бо диду нигоҳи тоза иншо меёфт, ҳаёти нав, омӯзиши пайвастаро тараннум кардаанд. Инсон табиатан, зебоидӯст аст, ин зебоӣ барои инсон модарзодӣ нест, онро аз муҳити иҳота намудааш ба даст меорад ё зиндагӣ ба ӯ медиҳад. Олам саросар пур аз зебоист, ин ҳама зебоиҳоро инсони комил бо чашми сар мебинад ва дар тарозуи ақл бар мекашад ва онро дар ҳаёти худ татбиқ

мекунад. Завқи эстетикӣ ҳангоми муошират, тарзи пӯшидани либос, ороиши манзили зист, аз худ намудани дониш ва ғайра зоҳир мегардад. Ҷадидон дар асарҳояшон тарзи таълиму тадрис, сабақгирии толибилмон, тозаю озода нигоҳ доштани китобҳои дарсӣ, муомилаю муоширати муадаббона бо ҳамсабақон ва дигар хислатҳои наҷиби инсониро талқин мекарданд. Омӯзиши забони русро ҷаҳолатпарастон ширк дониста, онро манъ мекарданд. Баробари вусъат пайдо кардани маорифпарварӣ ва ба роҳ мондани ҳаракати маорифпарварӣ ва равобити фарҳангӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои Аврупо, омӯзиши забони русӣ таълимоти диниро дар ин бобат рад намуд. Ин буд, ки омӯзиши забони русиро Аҷзӣ зарур ва судманд дониста, навиштааст:

Мусулмонон чаро дар мактаби рус,
Намехонанду месозанд номус?!
Забони ӯ туро н-орад ба ҷуз суд,
Расӣ аз илми русӣ сӯйи мақсуд [130, с.40].

Ҳангоме ки дар бораи зебоӣ ва арзишҳои он сухан меравад, бояд ду навъи он ба назар гирифта шавад: зебоии ботинӣ ва зебоии зоҳирӣ. Дар сурати тавъам гардидани ин ду зебоӣ инсони комилро дарёфтан мумкин аст. Маорифпарварон баробари таблиғи онҳо ҳиссиёти ватандӯстиро дар навиштаҳои хеш ташвиқ мекарданд. Ба андешаи онҳо муҳаббат ба Ватан бояд дар лавҳи хотири ҳар инсони нексиришт маскан гузида бошад. Ба ҳамин маънӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ин матлабро чунин баён кардааст:

Ободии ин Ватан ба мо фарз,
Бошад, ки адо кунем ин қарз.
Кошонаи худ кунем обод,
Рӯҳи падарони хештан шод [127, с.25].

Ба андешаи Холиқ Мирзозода «Завқи эстетикӣ дар ҳиссиёти ҳама ҳаст, вале мумкин каму зиёд бошад, тарбияи бо шууронаи зебоӣ метавонад дараҷаи онро баланд кунад, ки яке аз воситаҳои он адабиёти бадеӣ  ва образҳои ибратбахши он мебошад» [127, с.18]. Ин ҳиссиётро шахс

метавонад тавассути тарбияи бошуурона инкишоф диҳад. Ҷадидон дар баробари мақсадҳои дигари хеш ҳамин матлабро низ ҳадафи худ қарор дода, дид ва завқи зебоипарастиро ба воситаи асарҳои бадеӣ таҷассум намудаанд.

### 3.2. Назаре ба ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш

Муайян ва мушаххас намудан, баҳои воқеии илмӣ додан ва ба хонанда пешниҳод кардани афкори адабӣ-эстетикии классикони адабиёти тоҷик аз вазоифи муҳимми илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Чи тавре ки дар муқаддимаи рисола низ зикр намудем, оид ба ақидаҳои адабию эстетикии чанд нафар классикони адабиёти форсии тоҷикӣ як зумра адабиётшиносон, аз қабили А. Мирзоев [91], Х. Шарифов [214], Р. Мусулмонқулов [137; 138; 139], А. Сатторов [167; 168; 169; 167; 171], М. Шарифов [213], С. Амирқулов [61] ва дигарон андешаҳо баён кардаанд.

Ҳангоми мутоила ва баррасии мероси бойи мутафаккирони бузурги Шарқ: Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насруддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммади Родуёнӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш ва дигарон хонанда баробари дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба назарияи каломи бадеъ, бавижа илми шеъру шоирӣ ва санъати мусиқӣ ошноӣ пайдо мекунад.

Ақидаҳои адабиву эстетикии Аҳмади Дониш тибқи «фалсафаи хоси дунёгароии маънавӣ - ба ҳикмати тамаддун ва таовуни анъанавии форсии тоҷикӣ» бунёд ёфта, дар чаҳорчубаи фалсафи ислом танзим ва тадвин гардидааст. Аз ин нуқтаи назар, ҳикмати тамаддун ва таовун, ки ҷаҳонбинӣ ва ақоиди адабиву эстетикии Аҳмади Дониш бар мабнои он бунёд гардидааст, нақши шахс ва саъю талошҳои ӯ дар ҷаҳду аз худ кардани касбу пешаҳо воқеият пайдо мекунад.

Истеъдоди фитриву модарзодӣ ба Аҳмади Дониш имконият додааст, ки ба масъалаи шеъру шинохти он, хаттотиву дабирӣ, пайдо кардани маънои чизҳои хондааш, омӯзиши луғат ва қиёсу муқобалаи он аз давраи туфулият сару кор гирад. Аз рисолаву дафтарҳои мусаввадаи Аҳмади Дониш бармеояд, ки ин «доҳии модарзод» [8, с.201] аз давраи ба мактаб кашида шуданаш, яъне аз синни 7-8 - солагӣ дар баробари хондану навиштан, ба машқи шеър ва дарку маънии он завқу ҳаваси хосса доштааст

ва дар ин маврид, гуфтаи ӯ ба ин далолат мекунад: «… Пеш аз он ки маро ба дабиристон барои таълиму тааллум ниҳанд, дар хона ба ҳузури атфол пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахтаи лавҳ вуқуфе ба хат ва хондани он ва гоҳе ба мавзун сохтани қофия-бе он ки ӯро маъние бошад-бинобар истеъдоди фитрӣ баҳосил будааст...Дар ин ҳол, аз авохири Мусҳафи Маҷид то рубъ ҷузве боло рафта ва аз «Чаҳор китоб», ки таламмузи он мутадовил байни сибъён аст, рубъи аввала хонда. Ва нафси ман қонеъ набудааст, ки ба алфози зоҳираи оёт ва сувар қаноат кунам. Аз тафсири «Мавлоно Яъқуб» маонии он чи хонда, меҷустам.

Ва луғатро ба ҳамдигар татбиқу қиёс мекардам, ки маънии «қола»-«гуфт» ва маънии «яқулу» - «мегӯд» ва маънии «қул»-бигӯ ва маънии «аҳад»-«танҳо», маънии «самад» - «бениёз»... Ва ин ҳолат наздик ба марҳалаи нуҳуму даҳум аз умри ман воқеъ шуда» [19, с.182-183].

Аз ин гуфтаҳои Аҳмади Дониш маълум мешавад, ки истеъдоди фитрӣ ва азалӣ ба ӯ имкон додааст, аз даврае, ки худро шинохт  дар муҳити хонаводагӣ ба фазои илму маърифат кашида шавад, зеро ба таъбири шоир Музтариб «Зоти ту ҳаст мухбири асрори нуҳ сипеҳр, Пай бурдаӣ зи илм ба асрори нуҳ сипеҳр» [8, с.202]. Зиндагонии минбаъдаи А. Дониш то лаҳзаҳои вопасини умраш, - ҳарчанд  бекадрии шеъру шоир, хушомадгӯйии шуароро бо чашмони хеш дида, ба онҳо нафрат пайдо намуда, аз он даст кашид: «ва ман медидам, ки аксаре арбоби шеъру қофия мағрур ва мутакаббир буданд ва шеъри номарбути худро фазилате аъло эътиқод мекарданд ва ба ҳар дари касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва таваққуи  силаву ҷоиза мекарданд ва ғайри шуароро аз ҳаййизи эътибор соқит медонистанд…Бас, ман дар эҳрози асбоби он аз вазну қофия ва арӯз ҳеҷ кӯшиш накардам, балки надида ва нашунида, ки шеър чунин рисолаҳо ва чунин мизонҳо дорад. Ва он чи бар забони ман вуруд ёфта, дафъӣ ва бе такаллуф буда, ки дар маворид ва мавқеъ навиштаам ва беш дар ин санъат шуғл нанамудам» [19, с.208] гуфтааст, вале аз шеъру шоирӣ даст накашидааст, баръакс, шеъри гузаштагон маҳаки эҷод ва сарчашмаву манобеъи афкори илмиву андешаҳои интиқодии нобиғаро оро додаанд. Ин аст, ки Аҳмади Дониш

чун яке аз саркардагони ҷунбиши адабӣ ва интиқодӣ шинохта шуда, асоси воқеии осори бадеии ӯ, ёддошту хотирот ва ҳикояҳояш ба ташаккули адабиёти миллии тоҷикони Мовароуннаҳр мусоидат кардааст.

Ахмади Дониш дар рисола, дафтарҳои мусаввада, осори  манзум ва хусусан, рисолаи ҷомеи «Наводир-ул-вақоеъ» роҷеъ ба як зумра масоили муҳимми ҷомеа нукоти арзишманд ва ҷолиби таваҷҷуҳе оид ба шеър ва мақоми шоир баён кардааст. Аз ҷумла, «Дар васоёи фарзандон (ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо)» ном бахши ин асар дар бораи масоили шинохти шеър ва хусусиятҳои он баҳсу баррасӣ ва мунозира менамояад.

Аз муҳимтарин пешаҳое, ки Аҳмади Дониш шарҳу баррасии онро ба фарзандон муҳим ва донистанашро воҷиб мешуморад, шеър аст. Андешаҳои марбут ба накди шеър аз ҷониби Аҳмади Дониш бо чунин матолиб оғоз меёбанд: «Дигар пеша, ки аҳли қаламро бад-он мубоҳоту ифтихор  ояд ва маншаи тафаввуқ ва тафаззул гардад, муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун бошад…» [23, с.59].

Дар ин матлаби А. Дониш оид ба пешаи шеъру шоирӣ се нуктаи муҳим таъкид ва таъйид шудааст, ки аз он нуқтаи назари адабиву эстетикии Аҳмади Дониш дар бораи мақому мартабаи шеър дар зиндагиву ҷомеа ба мушоҳида мерасад:

1. Шеър ба аҳли қалам мояи мубоҳоту (фахру) ифтихор аст;
2. Шеър ба аҳли қалам бартариву фазилат мебахшад;
3. Маншаи ин ду – муқовалаи  ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун аст.

Аҳмади Дониш дар раванди чунин андешаҳои муҳимми худ шеър гуфтану офаридан, агар он дорои ситоишу сифатҳои нек ва дурусту аз панду насиҳат саршор бошад, аз хислатҳои ҳамида ва санъати писандида медонад «…алҳақ, шеър кардану гуфтан хислате ҳамида ва санъате писандида аст, агар муҳтавӣ бувад, бар ҳамду наът ва сифати ҳақ ва мавъизаю насиҳат» [23, с.59]. Дар баробари ин, ба андешаи Аҳмади Дониш шеърҳои шоироне, ки зишту носазо ва аз сухани беҳудаву бемаънӣ, инчунин дар ситоиши давлатмандону амирон гуфта шуда бошад, хислати

баду бемаънӣ аст, зеро «Агар муштамил бувад бар фаҳш ва лағву ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро бад хислатест ва номаҳмуд сифате…» [23, с.59].

А. Дониш барои собит сохтани чунин андешаҳои муҳимму мубаррои хеш аз ашъори гузаштагон далоили қотеъ ба хонанда манзур месозад. Дар ин маврид низ барои субути андешаҳояш аз «Нукот»-и Абулмаонӣ Бедил порчаи шеъриеро далел меоварад, ки ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст:

Эй басо маънии равшан, ки аз ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи асб (у) хари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Русиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд,
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад дар чоҳ аст.
Марҷаи маънии ин сустхаёлон дарёб,
То бидонӣ чи қадар фитраташон кӯтоҳ аст.
Модеҳи асли сафо бош, ки дар илми яқин,
Васфи ин тоифа тафсири Каломуллоҳ аст [23].

Аҳмади Дониш дар баробари баёни чунин мулоҳизаҳои судманд оид ба мақоми шеър дар бораи рисолат ва тааҳҳуди фарди қаламкаш ва қаламкеш андешаҳои муҳим баён намуда, таъкид бар он дорад, ки мумкин нест, ки домони поки қаламро ба нопокӣ кашид, зеро: «Покии домони ғино зеби кисвати тамкиннисбате, ки бо ҳарзатозии афсуни тамаъ, хоки роҳи ағниё бар фарқи номуси сухан набехт ва сафои гавҳари бениёзӣ тирози фитрати дарёҳиммате, ки ба талотуми амвоҷи эҳтиёҷ обрӯйи маънӣ дар пойи ситоиши дунон нарехт» (Ҳамон асар, саҳ. 60). Аз ин хотир, вай фаҳму дарки маъние, ки нишотовар ва осоишангез нестанд, як илми шайтонӣ ва беҳудаву ҳарза медонад. Зикр бояд кард, ки саросари андешаҳои Аҳмади Дониш мадҳгӯиву мадҳиянависии шуаро сахт мазаммат ва накуҳиш шудааст. Дар ин маврид низ адиб барои исботи мулоҳизаҳои худ ба Мирзо Бедил такя кардааст:

Эй ки таърифи салотин кардаӣ,
Машқи таълими шаётин кардаӣ.

Чист таълими шаётин?- Ҳубби ҷоҳ,
Эй шаётин муршидат, рӯят сиёҳ.
Фахри табъат мадҳи шоҳе беш нест,
К-он ҳама тахту кулоҳе беш нест [23, с.59]…

Аҳмади Дониш барои исботи андешаҳои худ ин абёти Абулмаониро оварда бошад ҳам, вале нисбат ба он чизе намегӯяд, ки ин маънои ҳамфикр будани адиб ба он андешаҳоро мефаҳмонад. Адиб ба ҳар роҳу васила кӯшиш кардааст, инкишоф ва ривоҷи илму маърифат, ки аз рукнҳои асосии мамлакат аст, ба амир фаҳмонад. Ин аст, ки А. Дониш дар як қасидаи ба амир Музаффар бахшидааш, бархилофи шоирону адибони маддоҳи дарбор, ки ба хотири нек шудан назди амир ва ба даст овардани фоидае салтанату давлатдориро бардурӯғ таърифу тавсиф менамуданд, эҳтирому тақдир намудани аҳли илму ҳунар ва дар ин замина, аз вазъияти ногувори худ сухан ба миён меорад:

Шунидаам зи ҳакиме, ки подшоҳонро,
Ба чанд тоифа бояд кушуд роҳи висол.
Ҳама ҳунарвару донишпажуҳу динпарвар,
Ҳама суханвари санҷидаи малеҳмақол.
Нахуст олими доно ба илми дин зи усул,
Фуруъро бишиносад ба ҷумлаи аҳвол [8, с.205]…

Аҳмади Дониш ҳарчанд шеъру шоириро пешаи худ қарор надода бошад ҳам, вале барои субути андешаҳо, тасдиқу баёни хулосаҳои худ чун адиби нуктадону маънифаҳм аз абёти классикон ва ҳамзамонони худ дар рисолаҳояш фаровон истифода намудааст. Дар баробари ин, дар лаҳзаҳои лозим ва зарур шеъру ғазал, қасида, рубоиву фардбайтҳое гуфтааст, ки аз онҳо шоири тавонову муқтадир ва мусаллаҳу донандаи вазну аркони шеърро мушоҳида метавон кард. Ин масъаларо адиб дар боби «Дар сафорати Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм ва ҷашни Россия»-и рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» хеле батафсил нақл намудааст, ки аз он ба маҳорат, табъи шоирӣ ва дар ҷодаи шеъру шоирӣ шахси тасодуфӣ набудани адиб бармало мушоҳида мешавад. Аз мутолиаи сатрҳои дигари

андешаҳои А. Дониш бармеояд, ки ӯ бинобар кӯфтагии роҳ, тағйири макону манзил чанд рӯз баъд, дар натиҷаи бозпурсиҳои мутарҷим Козимбек оид ба иншои шеър ба хулосае меояд, ки «Ман гумон кардам, ки мабодо маро имтиҳон кунад ва оҷиз ёбад» [22, с.172] ба масъала ранги ҷиддӣ дода, аз пайи навиштани муввашаҳ мегардад. Баъди муайян намудани исми арӯсу домод (Алфред ва Морӣ) «ҳар нуҳ ҳарфро ба аввали нуҳ байт мувашшаҳ намуда, ба дасташ додам…»:

Моҳи бурҷи шараф, эй духти шаҳи оламгир,
Кард бо муштарии саъд қирон аз тақдир.
Ин на он ақди никоҳ аст, ки ақли даррок,
Ҳусни анҷоми варо кард тавонад тақрир.
Рангҳо ҷумла намуданд зуҳур аз макман,
Бӯйҳо ҷумла гирифтанд буруз аз тастир.
Як ҷаҳон ҷамъ шуда ҳуру парӣ дар маҳфил,
Ҳама дар ҳусну сабоҳат дуввум бадри мунир,
Чашми анҷум зи хами тоқияи чархи масир.
Лаби соқӣ зи маи лаъл шуда шаккаррез,
Чашми шоҳид зи карашма ба ҷигарҳо зада тир.
Фалак анбошта аз баҳри муборакбодӣ,
Зи савоқиб ба сари халқ гуҳарҳои хатир.
Рафт овозаи ин базм ба ақтои ҷаҳон,
Кард кар гӯши фалак ғулғулаи ною нафир.
Дида бар қомати ӯ дид саводи таърих,
Худ куҷо рафт аз он қадди фатонаттахмир [22, с.172].

гуфтани Аҳмади Дониш ва таъкиди «мабодо маро имтиҳон кунад ва оҷиз ёбад» аз он гувоҳӣ медиҳад, ки воқеан, ин «доҳии модарзод» дар тамоми анвои шеъри адабиёти тоҷикии форсӣ нақши муаассиру мондагор доштааст.

Шеършиносони форсу тоҷик то замони Дониш низ ба таърифи шеър ва таъйини нақши он даст доштанд. Ин масъала аз назари Дониш низ ҷолиб аст: «Шеър турфа маҳакест, ки сара ва ғаши нафсеро биайниҳӣ (он

чӣ айнан ҳаст – М. А.) изҳор мекунад ва нафосату ҳабосати гавҳари инсониро маълум мегардонад» [22, с.60].

Дониш бар он ақида аст, ки барои дарку кашфи ҳақиқат ҳар нуктаро ноқидона бояд арзёбӣ кард, боварии кӯр-кӯрона ва муҳокимаҳои мухталиф касро ба сарманзили мақсуд намерасонад. Аз диди вай, олим бояд нақдбин бошад, аз гузаштаи муқаддамот маҳз натиҷа мақсуди ӯ бувад, на муқаддима. … ҷоҳил хирворе аз хазафреза дар анбон гирд орад, барои он ки 5-6 адад ҷавоҳиррезаи аслӣ аст. Олим бояд ҷавоҳирмайдаро баргузинад ва бидуни онро дарандозад.

Дониш дар баёни фасоҳату балоғат низ ҷонибдори андешаи Мирзо Бедил аст, ки мегӯяд:

Фасоҳат нест ҷуз фаҳми мизоҷи мустамеъ, в-арна,
Ба қубҳу васфи номафҳум дашноме намебошад [22].

Фасоҳату балоғат каломи мавзун гуфтан ва ба маонии борик расидан аст. Фасоҳат натанҳо баёни сухани пурмаънӣ, балки шинохтани мизоҷу хислати гӯянда дар каломи ӯст. Ин нукот дар шинохти арзиши адабию зебоишиносии афкори адиби маърифатпарвари тоҷик дорои аҳаммияти вижаанд.

Мусаллам аст, ки Аҳмади Дониш на танҳо дар насри фанниву бадеӣ, балки дар назму шеърпардозӣ низ истеъдоди нодир ва кареҳаи бепоён доштааст.

Аз муҳтавои «Девони ашъор»-и Аҳмади Дониш бармеояд, ки ӯ дар офаридани ашъори ғиноӣ низ маҳорати беҳамтое дошта, дар анвои гуногуни жанри лирикӣ қувваозмоӣ кардааст, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа метавон онро ба чор гурӯҳ ҷудо кард: а) шеърҳое, ки оҳанги иҷтимоӣ доранд; б) шеърҳои ишқӣ; в) шеърҳои ҳаҷвӣ ва танзомез; г) мухаммасҳои адиб.

Дар шеърҳое, ки оҳангҳои иҷтимоӣ доранд, Аҳмади Дониш аз беқадрии аҳли илму адаб, ноороми замона ва нуқсонҳои замонаш ва ислоҳи онҳо, аз умри сарфкардаи худ дар роҳи ҳаққу ҳақпарастӣ бо таассуф

изҳори норизоӣ мекунад, ки он махсусан, дар ғазалвораи «Ислоҳот» хеле хубу равшан арзёбӣ шудааст:

Сурати ислоҳ дур уфтода аз таҳрири мо,
Хомаи Монӣ надорад тоқати тасвири мо…
Мо зи саргардонии худ сар ба сар дар ҳайратем,
Ҳеҷ дасторе нашуд ҳосил ҳам аз тақвири мо…
Мо ситампарвардагон бо маҳди роҳат кай расем.
Ояд аз пистони гардун хун ба ҷои шири мо?...
Меваи ин Дониши мо сар ба сар афсурдагист,
Тозагӣ ҳаргиз набошад дар ҷавон то пири мо…
Умрҳо сарфи талаб кардем андар роҳи ҳақ,
Дар нишон ҳаргиз наёмад, Дониш, охир тири мо [27, с.34-36].

Воқеан, Аҳмади Дониш дар чунин шеърҳояш вартаи халосӣ аз нобасомониҳои рӯзгорро пайдо накарда, ба яъсу ноумедӣ меафтад ва нисбат ба беқадрии илму фазл дар замонаш изҳори назар мекунад:

Амалро саҳфа тай кардам, назар бо фазли вай кардам,
Амалро пой пай кардам, ки медонӣ замонамро [27, с.45].

Бо вуҷуди чунин андешаҳои ноумедона, Аҳмади Дониш дар ашъори назмиааш низ ба шӯр омада, далерона аз тираву торикии замонааш ва эҳтиром надоштани фарзонагон - аҳли илму донишро зикр намуда, замонро ҳезпарвар ба қалам медиҳад:

Ҳезпарваранд аҳли ин замон аз тирагӣ,
Кай шиносанд з-ин миён фарзонаи озодаро?...
Ришу сиблат ҳар киро диданд, мехонанд мард,
Фарқ натвонанд кардан шери нар то модаро [27, с.49].

Ё худ дар ҷойи дигар аз беқадрии илму дониш, ки дар замони адиб манзалату мақоме надошт, таъкид шуда, мағрур нашудан аз онро чун насиҳат зикр менамояд:

Ба илму фазлу ҳунар, эй писар, машав мағрур,
Ки илму Дониши ин давру ин замон ҳама ҳеҷ [27, с.80].

Аз ғазалу қасида, мухаммасу дигар анвои шеърии А. Дониш, ки дар «Девони ашъор» омадааст, хонанда ба куллӣ эҳсос мекунад, ки адиб дар иншои анвои шеърӣ муқаллид нест, андешаҳояш тоза буда, дар истифодаи иборaю вожаҳо навгониву навовориҳои зиёде дорад, худ ба ғазалҳои хеш, қасида, қитъа, фард меофарад, аз шеърҳои муламмаъ, ки бо арабию тоҷикӣ иншо кардааст, маҳорат ва донишу тасаллути ӯро ба забони тоҷикиву арабӣ мушоҳида метавон кард. Зикр бояд кард, ки А. Дониш дар истифодаи санъатҳои лафзиву маънавӣ ва баёни онҳо, истифодаи маъниҳои бикру ҷадид аз гузаштагони адабиёти тоҷикиву форсӣ камие надошта, аз ҳампешагони муосири худ бо андешаву омол ва маъниҳои барҷастаи хеш муқаддам аст. Чунончи, дар як ғазали худ, «Татаббуъ бар ғазали худ» унвон дорад, ва ҳикмати «сабр калиди пешравӣ»-ро хеле шоирона тасвир намуда, ба лабрез шудани он «сабр» ишора мекунад:

Сабраш ба ҳад расидаву тоқат шудаст тоқ,
Бишкаста тори чангу шикаста рубобҳо.
Бесабрие, ки доштам, охир натиҷа дод,
Инак, маро расонд ба манзил шитобҳо...
Осудагӣ ба хотири Дониш намондааст,
Валлоҳу аълам аст қариб инқилобҳо [27, с.25].

Ё худ дар ғазали дигари худ бо образҳои шоирона аз гузашти умру вақт ба мисли ҳосили нопухта ва ба ғизои мӯру малах шудани он, ғалларо дарав ва аз коҳаш ҷудо накарда, талаву тороҷ гаштанашро бо як сабку маҳорти хоси худ чунин ба қалам медиҳад:

Қисса кӯтаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқот рафт,
Момазо бигзашт, ҳол аз ҳол шуд, офот рафт....
Кишти мо нопухта шуд сармояи мӯру малах,
Хирмани мо каҳ ҷудо нокарда, бе ғаллот рафт...
Аз китоби умри мо маънӣ ҳама маъдум шуд,

Рамзи мазмуне, ки бошад, ҷумла дар абёт рафт... [27, с.66].

Аҳмади Дониш дар ашъори лирикиаш дар баробари мавзуъҳои иҷтимоӣ ба масъалаҳои одобу ахлоқ, меҳмону меҳмондорӣ, суҳбатҳои хоссаву расмӣ изҳори андеша намуда, мавқеъ ва мақоми онҳоро дар ҷомеа нишон медиҳад. Масалан, оини меҳмон шудан дар хонаи касе ё давлати дигареро хеле зираку борикбинона чунин тасвир мекунад:

Агарчи хона васеъ асту мизбон хушдил.

Сабук нишастану бархост ҳусни меҳмон аст [27, с.63].

Аз муҳтавои ғазалу мухаммасҳои ин адиби модарзод бармеояд, ки девони ашъори классикон, бавежа Ҳофизу Бедил ва дигарон дар зиндагиву рӯзгор ва эҷоди асарҳои мондагораш мудом ҳамдаму ҳамнафаси ӯ будааст ва ба руҳу арвоҳи ин бузургон ниёиш намуда, аз файзу баракати ашъори онҳо мадад ҷустааст:

Касе надорад аз ин гуфтугӯ хабар, Ҳофиз,

Бикун ба Дониши бе болу пар назар, Ҳофиз.

Ки аз забони ту хуш гӯяд ин хабар, Ҳофиз,

«Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм бар Ҳофиз,

Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст!» [27, с.70].

Ё худ:

Ба ин афтодагӣ хоҳам расидан то куҷо, Бедил?

Ба мақсад чун шавам восил мани бе дасту по, Бедил?

Ба саргардонии ман нест санги осиё, Бедил?

«Замингирам ба афсуни дили бемуддао, Бедил?

Дар он водӣ, ки манзил низ меафтад ба роҳ он ҷо» [27, с.54].

Дар як мухаммаси дигари худ аз нобасомониҳои давр, намондани қадру манзалати сухан, бефазливу беэътибории он, беэҳтиромӣ нисбат ба фузалои давронро таъкид намуда, аз Ҳофизу Ҷомӣ, Бедил, Фирдавсиву Низомӣ ва Хоқониву Нозими Ҳиравӣ ёд

мекунад ва аз фаро расидани замоне ки суханони ин бузургон қадру қиммат ва арзише намондааст, ёдовар мешавад:

Ҳофиз наво накарда ба фасли баҳору дай,
Ҷомӣ зи ҷоми фазл нахӯрдаст қатра май.
Бедил зи ҷон гузашта, накардаст саҳфа тай,
Фирдавсиву Низомиву Хоқонӣ ло ба шайъ,
Нозим ғалат навишта, хато карда соҳибаш.

Аз қадру манзалат ба сухан заравор нест,
Ин фахлро чӣ шуд, ки дар ӯ эътибор нест...[5]

Дониш, ту саъй карда давидӣ ба ҳар тараф,
Ҳаргиз наёфтӣ зи касе ҳурмату шараф,
Биншин ба гӯшае, ҳамаро соз бартараф,
Бархезу хеш зуд раҳо кун аз ин канаф,
Ин аст дар ҷаҳон ҳамагӣ аз ғаройибаш [27, с.107-108].

Дар осори назмии Аҳмади Дониш шеърҳои ҳаҷвӣ мавқеъ ва мақоми муайяне дорад. Маълум мегардад, ки адиб дар офаридани ин намуди ашъор малакаву маҳорати хубе дошта, ҳарчанд баъзе аз онҳо аз доираи одоб берун аст, вале нуқсонҳои давру замонро фошофош зери танқиди тезу тунд гирифтааст, устод С. Айнӣ ба ҳамин паҳлуи эҷодиёти адиб ишора намуда, навиштааст, ки: «он гуна шеърҳо дар замони Дониш танқиди тезу тунд буданд» [27, с.291].

Муҳаққиқи эҷодиёти А. Дониш адабиётшинос Р. Ҳодизода ҳангоми баррасии осори манзуми А. Дониш ба масъалаи шеърҳои ҳаҷвии адиб таваққуф намуда, зикр кардааст, ки: «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмади Дониш дар дафтарҳои мусаввадааш, инчунин дар баъзе ҷоҳои асарҳояш дар мавридҳои муносиб ба шакли қитъаву абёти ҷудогона

[5] Аз навиштаи таҳиягар бармеояд, ки се мисраи дигар тоза шудааст.

ба назар мерасад» [200, с.142]. Дар «Девони ашъор»-и А. Дониш чанд шеърҳои ҳаҷвию мутоибавии адиб омадааст, ки дар онҳо низ тезу тунд фош гардидани воқеаву ҳодисаҳои замон, ғорат гардидани халқ, дуздиву ғоратгарии табақаҳои боло, ҷаҳлу ҷаҳолат, табақаҳои муфтхуру фитнаангези замонашро чун «хирссурату» «хуксират» зимни танзи малеҳ ба қалам медиҳад. Чунончи, дар ғазале, ки ба тариқи танз гуфта шудааст, бо истеҳзо дар ин аср аз набудани «гӯши шунаванда ва дидаи нагиранда» (таъбири А. Дониш) ва ҳамчунин, «дар гӯши аҳли ғафлат» садои халқи оддиву заҳматкаш асаре надоштанаш, ки онро бо киноёҳои обдор баён кардааст, аз маҳорати адиб дар ин самт ва қалами буррои ҳаҷвнигории ӯ башорат медиҳад:

Як қатра з-оби лутфаш дар коми мо чаконад,
Дӯзах фурӯ нишонад тоҷи нигинаи мо.
Ҳамранги мо бароянд дар кӯҳу дашти имкон,
Шерони нар даронанд, ҷанги палангаи мо.
Дар гӯши аҳли ғафлат ҳаргиз асар надорад,
Сад сол агар навозанд, гӯши гарангаи мо.
Ин зоғсиратонро гунҷишк бемаҷол аст,
Бошад фиреб ҳарчанд, мурғи кулангаи мо.
Дар дида мӯри ланге, дар ғайб чун паланге,
Ё Рабб, чӣ ҳол дорад, қавли дурангаи мо?
Лутфаш магар ба ранге, созад салоҳи коре,
Дар ӯ асар набошад, захми фарангаи мо.
Дар ҷӯйи зиндагонӣ як қатра обрӯ нест,
Дар рутбаи адам рафт номусу нангаи мо...
Ҳарчанд шер бошад, бояд ҳазар намояд,
Дониш, баробарӣ кард, бо мӯри лангаи мо [27, с.50].

Ё худ, дар ғазали дигараш, ки ба тариқи танзу ҳазл гуфта шуда, он бо оҳанги иҷтимоӣ омехта тасвир ёфтааст, дар ин сабк маҳорату салиқаи шевои тасвиргарии адибро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин шеър, ҳарчанд чанд тан аз ашхоси замонаш–Шокир, Ҳоҷӣ Валӣ ва Абдуқодиру

Абдувоҳид зери тозиёнаи танқид гирифта шуда бошанд ҳам, вале тавассути ибораҳои халқии рехта, ба зимомдорони замон ишора намуда, онҳоро «сагон», «ғӯл», «ғӯли хаданг», «харон», «дузд», «нархар», «авлоди лӯливу мазанг», «гургон», «хирссурат», «хуксират» ва ғайра ба қалам медиҳад, ки аз он ҳисси нафрату адовати адиб дар маҷмуъ, ба тамоми қишри муфтхӯри ҷомеаи онрӯза равона карда шудааст. Ба хотири таассуроти пурра пайдо кардани хонанда нисбат ба андешаву ақидаҳои адабии Аҳмади Дониш дар офаридани шеърҳои ҳаҷвиву мутоибавӣ ва танзӣ, ки аз омилҳои асосии назари адабиву этетикии адиб маҳсуб меёбанд, зарур донистем, ки чанд байти ин шеърро дар ин ҷо пешниҳод намоем:

Гови чанбаршохи Шокир хуш биғуррад чун паланг,
Абдуқодир хирси худ донам ба саҳро чун маланг.
Чун Сулаймон ҳукмашон ҷорӣ бар ҳар деву парӣ,
Чӯбҳои ман бихӯрданду манам чун мӯри ланг.
Ҳокими эшон бувад гӯсолаи Ҳоҷӣ Валӣ,
Ҳамчу ӯ ҳаргиз намебошад яке хуки каданг.
Аз мусулмонӣ надорад зарре ҳаргиз хабар,
Хешро одам шуморад аз сари ҷаҳлу ҷаланг...
Дар куни эшон манори Вобканд то шуд адам,
Кай кунад таъсир бо ин нархарон чӯби пашанг.
Ҳар куҷо чӯбу дарахте дида: «Аз мо» гуфтаанд,
Бе далелу бе санад бобояшон буда наҳанг...
В-аз миёни ин ҷамоат Абдувоҳид бедиранг.
Абдуқодирро намедонам, ки дар аҳвол чист?
Аз нигоҳаш фитна меборад, чу неши пеши ханг.
Он дигар хурдон, ки бинам аз бароҳимзодагон,
Хирссурат, хуксират гӯиё з-аҳли Фаранг.
Он яке моро ба хори сурх хӯрдан рӯй кард,
Аз сари хонаш нахӯрдастем як пои куланг.
Донишо, бар мо далерӣ ин сагонро баҳри чист?
Нест ҷуз беорагӣ моро дигар шӯру шаранг [27, с.114].

Масоили муносибати ҳаммаслакону ҳамзамонон ва шогирдони А. Дониш доир мақому мартабаи ӯ дар муайян намудани ақидаҳои адабиву эстетикии адиб нақши муҳим дорад. Дар замони Аҳмади Дониш воқеан, бозори фазлу ҳунар касод шуда, мартабаи «ноқисфитратони табақаи аҳли қалам» боло рафта, ба ҳар роҳу восита ба Дониш барин «доҳии модарзод» тавассути василаҳои гуногун эроду хусумат гирифта, мекӯшиданд, ки мақому мартаба ва обрӯи онҳоро паст зананд. Яке аз чунин шахсони «намакхӯрдаи намакзада» шогирди худи Аҳмади Дониш  Афзал Махдуми Пирмастӣ буд, ки баъд аз ворид шудан, ба доираи дарбор бо чанд «шеъру қофия мағрур ва мутакаббир»-и худ шуда, ба интиқоди устоди хеш даст задааст. Доир ба ин масъала, А. Дониш андешаҳои муҳимме баён намуда, навиштааст, ки: «Ваҷҳи хусумати домулло ҳеҷ маълуми ман нашуд, ҷуз ин қадар ки баъд аз китобати «Наводир-ул-вақоеъ» аз муаллафоти ман, ки ба фармуди маликзода кардаам, ба ҷои он ки ҷои ман бишносад, бештар нашнохт ва хусумат овард, бинобар он ки ноқисфитратони табақаи аҳли қалам ба мустаидони аҳолии худ душман шаванд, аз он ки маъшуқаи маонию маориф дар канори мисли худ дидан натавонанд» [25, с. 291].

А. Дониш нисбат ба «Қасидаи Шоҳин тахмиси Музтариб» нуқтаи назари худро баён кардааст, ки аз он нуктадонӣ ва ба шеъру шоирӣ, воқифии тамом аз санъатҳои бадеӣ,  иртиботи қавиву бевосита доштани адибро мушоҳида метавон намуд. Дониш баъд аз иқтибоси қасидаи мазкур зикр мекунад, ки: «Ин қасида агарчи бар услуби забони омма воқеъ шуда, аз аҷобат холӣ нест. Муроати истилоҳоти тавоифи халқ ва татабуи луғати омма аз саноеи бадеаи шеър аст…» [25, с.294]. Ҳамчунин, доир ба мадҳияе, ки Тамкин ба Аҳмади Дониш бахшидааст, эрод гирифта, дар ибтидо қайд мекунад, ки соҳиби шеър: «матлаъро муносиб наоварда»-аст ва дар ҳошияи байти «Зи истилоҳи ту кай пай барад ҳарифи ҳасуд, / Як аз луғоти фасеҳи ту «Гулшан»-у «Қомус» бо ибораи «хуб гуфтааст» нуқтаи назари худро баён мекунад.

Баҳои А. Дониш ва нуқтаи назари ӯ ба шеъру шоирӣ, дар маҷмуъ ба фазлу ҳунарро дар тамоми навиштаҳояш мушоҳида намудан мумкин аст.

Баъд аз ёддошти мадҳияи Тамкин А. Дониш назари худро доир ба ин масъала баён сохта, беқадрии аҳли илму ҳунар ва фазлу донишро бори дигар хотиррасон мекунад: «Дар он замон ки мо будем, бозори фазлу ҳунар нороиҷ ва касод буд» [27, с.295]. Шоирони муқтадири давр будани Шоҳин, Музтариб ва Тамкинро бавижа таъкид намудааст, ки «Шоҳин ва Музтариб ва Тамкин аз шуарои муқаддами он замона буданд ва ҳеҷ кадомро ба ин ҳақир мухолатат ва муҷоласат наяфтода, магар ба нудрат гоҳ-гоҳе. Ва он чи гуфта ва набиштаанд, ҳам аз забони омма буда ва баъд аз мулоқот аз дилу ҷон эътироф менамуданд» [27, с.296].

Дар бахшҳои дигари «Наводир-ул- вақоеъ» накду назари муаллиф пураҳамиятанд. Аз ҷумла, дар бахши «Дар наводири ҳолати касоне, ки аз ҷанги сибоъ (ва аз дасти duздон) раҳоӣ ёфтаанд», мехонем: «муҳаррири сутур гӯяд, (ки) «ман дар ин ҳикоёт инкоре доштам, ки як мард, агар ҳама аз фӯлод бувад, асберо бад-ин ранг натавонад бардошт, магар ки муболиға бошад ва ифтиро. То дар «Унсур»-и бедилӣ дидам, ки Мирзоқаландар, амми Бедил, асби савории худро назди кӯфтагӣ ва мондагӣ аз як сои кӯҳистон бардошта гузаронида. Он гоҳ эътиқод кардам, ки дар бани навъи инсон амсоли инчунин зӯроварон ба ҳар давре ва қарне ба вуҷуд меомадаанд, аҷоиби қудратро».

Бахши дигари муҳимми рисолаи Аҳмади Дониш, ки сирати наққодии ӯро намоён мекунад, шарҳу тафсири адабии Мирзо Бедил аст. Ин бахш «Дар таҳрири маонии баъзе адабиёт, ки баъзе афозили (аср) итидъо намуда буданд», унвон дорад. Аҳмади Дониш аз боби барҳам хӯрдани роҳҳои шинохти шеър дар замонаи худаш изҳори ташвиш менамояд. Ҳимматҳо ба ҷои «дарёфти маонии абёти дақиқа» «ҳама масруфи таҳсили обу нон шуда». Ба ҳамин ҷиҳат, «гоҳе ки мардуми маънирас ба ҳамдигар бармехуранд, имтиҳонро аз ҳамдигар чизе аз маонии байтҳо мепурсиданд, ба фикри он, ки бубинам, то чӣ мегӯяд».

Ба ин тарз, шарҳу тафсири адабиёти гузоштагон дар асар мавқеи намоён дорад. Маслан, дар шарҳи қитъаи Наҷмиддини Кубро-шоир ва мутафаккири мутасаввири форсу тоҷик:

Марди дарвеш, ки барои ситами фоқа кашад,

Ба дами марг ҳамоно, ки сабукбор ояд.

В-он ки дар роҳату осонию осоиш зист,

Мурданаш з-ин ҳама шак (к) нест, ки душвор ояд [27].

чунин менигорад: «Агар ба маргу мурдан тарку узлат гирӣ, муносиби мақом ояд. Ва роҳату осоиш, ки шоир ба марди мутамаввил нисбат дода, ба муқтазои табъу басирати авом аст ва илло машаққату тааб, ки арбоби дунё дар касбу ҷамъи он мекашанд, агар ташхис кунанд ва тааммуқ намеоянд, азоби охират намунае аз он аст». Муҳаққиқон ин бахши назарияҳои Аҳмади Донишро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои муҳим расидаанд. Дар рисолаи Р. Ҳодизода фасли алоҳидае «Бедил ва Аҳмади Дониш» унвон дорад, чунин бармеояд, ки Аҳмади Дониш мухлис ва тарғибгари бе назири афкору осори Мирзо Бедил аст. Вай дар замимаи фаҳмиши дуруст ва сиҳатии моҳияти ҷаҳоншиносии Бедил ва пешгирии тақлид пайравиҳои пучу ботили муосиронаш ба осори Бедил саъйю кӯшиши фаровоне кардааст.

Дар ин маврид, ба бахши марбут ба Аҳмади Дониш аз китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ, ки дар шинохти ин маорифпарвари бузурги тоҷикон қадами арзишманд гузоштааст [8, с.201].

Устод Айнӣ аз таъсирот ва сабақи ин амалкарди Дониш ба ҳамзамонаш ихлосмандона ҳарф зада, навиштааст, ки: «ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Домулло Абулфазли Сират ва Исо Махдуми Муфтӣ… ин талқинот беасар намонд. Эшон баъд аз ин ки дар авоили ҳол дар назм ва наср Бедилро тақлид карда буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд» [8, с.201].

Хулоса, Аҳмади Дониш дар саросари навиштаҳо, фаслу бобҳои нотамоми дафтарҳои мусаввада ва ёддошту хотираҳояш чун як ихлосманди осору афкори Бедил аз ӯ иқтибоси фаровоне мекунад, дар исботи андешаҳояш далел ва аснод меоварад.

Муҳимтарин кори вай дар вароқу сафҳаҳои парешон, шарҳу тафсири байту мисраъҳои шоир аст. Инҳо баёнгари онанд, ки аз тамоми гузаштагон

ба  Мирзо Бедил ҳусну таваҷҷуҳи бениҳоят калон ва иродати комиле доштааст. Вай то ба охири умр бо Мирзо Бедил буд, Мирзо Бедилро мехонд ва тани сардашро бо даму нафаси Мирзо Бедил гарм мекард. Метавон гуфт, ки Аҳмади Дониш як умр осори Мирзо Бедилро рӯйнавис мекард ва дар бештари маврид раъю фикри ӯ бо андешаи Мирзо Бедил мувофиқат мекард ва онҳоро ба кор мегирифт.

Дар яке аз таълифоти охири Аҳмади Дониш «Меъёр-ут-тадайюн» муҳимтарин паҳлуҳои накди адабии ин маорифпарав дар шинохти ҷойгоҳи андешамандони гузашта, аз ҷумла, Мирзо Бедил ҷой гирифтаанд. Вай Мирзо Бедилро ба радифи андешамандони бузург, шоирони барҷаста ва назарияпардозони амиқназари фалсафаву тасаввуф гузошта, маншаи таълифоти ӯро ҷустуҷӯ мекунад:

Фитратат, Бедил, ҳамон оинаи муъҷизнамост,
Ҳар  сухан к-аз хомаат меҷӯшад, илҳом асту бас [142, с. 12].

Дар ибтидои  қарни бист дар байни зиёиёни Осиёи Миёна, бахусус фарҳангиёни тоҷик ҷустуҷӯи ҷиддие барои офаридани тарҳу усулҳои «адабиёти нав» (С. Айнӣ) оғоз гардида, ба ташаккули ҷараёни ҷадиде боис гардид. Муҳтавову мундариҷаи ин ҷустуҷӯро ислоҳотталабӣ, ватанпарварӣ, шинохти миллӣ, мазҳабӣ  ва баёни равону содаи бетакаллуф ташкил менамуд. Натиҷаи ин тозаназарӣ буд, ки адабиёт тавсифи «ҷадида»-ро гирифт. Ҷадидизм дар ҳамаи риштаҳои ҳаёти ҷомеа зуҳур карда, баробари мураккабии савияи сиёсӣ ва миллиаш чун ягона неҳзати пешқадами миллатгаро шинохта шуд, ки тағйири иҷтимоии кишварро ба роҳи ҷомеаи мутамаддин чун ҳадафи воло қарор дод.

Аз андешаҳои фавқ бармеояд, ки Аҳмади Дониш дар таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX тавассути асарҳои насриву назмиаш тавонист, нисбат ба воқеаву ҳодисаҳои замонаш - ноорoмии давр, қашшоқии мардум, талаву тороҷ гардидани халқи бечора, беадолативу ҷоҳилӣ ва ҷаллодии зимомдорони замон, муфтхӯриву порагирии қозиву муфтӣ ва дигар анбои замон, дар баробари ин аз беқадрии илму дониш ва паст рафтани мақому манзалати шеъру шоирӣ мушоҳидаву мулоҳиза ва

андешаҳои тозаву бикри худро баён намудааст. Аз ақидаҳои адабиву эстетикии адиб бармеояд, ки гуфтаҳои ӯ, ки гӯё камтар ба шеъру шоирӣ машғул будааст, як навъ аз шикастанафсии А. Дониш буда, воқеан, «аз қоидаву зобитаҳои шеър ва назарияи назми классикӣ ба хубӣ воқиф будааст. Аз тарафи дигар, манзумоти Дониш ба хубӣ собит мекунад, ки ӯ дар шеър низ сухани матину зебо ва санъати баланде доштааст» [200, с.143].

Дар ҳамин вазъият, назму насри Абдурraуфи Фитрат, Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Тошхоҷа Асирӣ, мақолот, намоишнома ва китобҳои дарсии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва Абдулқодир Шакурӣ ба миён омаданд, ки аз тасвири воқеӣ, оҳанги баланди иҷтимоӣ ва ҳаҷвиву мутоибавӣ бархурдор буданд.

### 3.2.1. Тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ

Омӯзиши илм, тарғиби мактабу маориф яке аз рукнҳои асосии ақидаҳои адабиву эстетикии адибони ибтидои асри XX маҳсуб меёбад. Ин масъала дар эҷодиёти Тошхоҷаи Асирӣ низ мақому манзалати хоссаро доро аст. Тошхоҷаи Асирӣ яке аз адибони намоёни охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор рафта, зодаи шаҳри бостонии Хуҷанд ва солҳои 1864 - 1915 зиндагӣ ва эҷод кардааст: «Адиб аз овони наврасӣ ба омӯзиш машғул буда, дар назди хаттоти машҳури хуҷандӣ Мирсалими Муҳркан машқи хат мекунад ва ин санъатро ба осонӣ соҳиб мешавад» [10, 5]. Адиб дар мадрасаи «Шоҳӣ»-и шаҳри Хуҷанд таҳсил намуда, аз илмҳои маъмули замонаш бархурдор гардидааст. Асирӣ аз донишҳои гирифтааш қаноатманд нашуда, баҳри такмили дониш ба шаҳри Хуқанд сафар мекунад ва дар мадрасаи Хоним муддати ҳашт сол ба омӯзиш машғул мешавад. Ӯ тавассути рӯзномаҳои машҳури вақт, монанди «Тарҷумон» ва «Вақт», ки аз Туркистон ба аморати Бухоро пинҳонӣ ворид мешуданд, дастрасӣ пайдо карда, ҳамчун шахси маорифпарвар ғоя ва ақидаҳои пешқадамро дар аввал пинҳонӣ ва баъд ба таври ошкоро таблиғ намудааст.

Андешаву ақидаҳои адабиву эстетикӣ ва маорифпарварии Асирӣ дар шеърҳои «Ба тараққиёт руҷуъ кунед», «Эҷоди ҳадиқа», «Насиҳат ба фарзанд», «Мазаммати мактаби кӯҳна» ва ғайра хеле хуб инъикос ёфтааст. Адиб ба воситаи қосидон ва сайёҳон, доир ба тараққиёти бемайлони илму техника пайваста воқиф будааст. Асирӣ дар радифи маорифпарварони замонаш Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдулвоҳиди Мунзим, Абдурраufи Фитрат ва дигарон кушодани мактабҳои усули ҷадид ва омӯзиши илмҳои дархури замон, бавижа забони русиро дар асарҳояш таблиғ намудааст. Андешаҳои адабӣ-эстетикии адиб дар ниҳоди аҳли савод тавассути нашр дар ҷаридаҳои онрӯза, эшонро водор мекард, ки ҳампояи мардуми Аврупо бошанд ва илмҳои ба манфиати оммаи халқ зарурро омӯзанд. Асирӣ тараққиёти бемайлони ҷомеаи Аврупоро дида, дар қиёс миллати худро (аз ҷиҳати илм) садсолаҳо қафомонда маънидод карда, ҷавонони бедордилро ба омӯзиш ва ривоҷ додани илм, омӯзиши забонҳои гуногун даъват намудааст, ки мо инро дар шеъри «Ба тараққиёт руҷуъ кунед» мушоҳида карда метавонем:

Чу омад асри нав, кӯшиш намоед,  
Мутобиқ бар ҳамин ҳиммат физоед.  
Кушода чашми худ бар илми дунё,  
Бинокории нав созед эҳё [17, с.402].

Асирӣ ҷавонони дар вартаи ҷаҳолату нодонӣ қарордоштаро ба омӯзиш даъват намуда, аз сар дур намудани андешаҳои кӯҳнаро талқин мекунад. Ба андешаи шоир, омӯзиши илм инсонро аз ҷаҳолат дур андохта, сатҳу сифати зиндагии онҳоро шоиста месозад ва ҳаёти орому осударо ба онҳо эҳдо мекунад. Адиб ақида дорад, ки ҳар аср ба худ талабот ва пешравиҳои ҷадидро тақозо мекунад, зеро ин дархост ва матлаби аҳли замон аст. Лозим аст, ки ҷавонон аз илмҳои маъмули замон воқиф гашта, ба навоварию ихтироъкорӣ машғул шаванд ва сатҳи зиндагии халқро дигаргун созанд, зеро танҳо омӯзиши илм чашми инсонҳоро кушода,

онҳоро ба бунёдкорию созандагӣ раҳнамун месозад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҷавонони ватандӯсту ватандор бояд арзишҳои меъморию фарҳангии гузаштагонро бо ҷон ҳифз намуда, ба омӯзиши илм ва бунёди мактабҳо иқдом намуда, ҳунари шаҳрсозию меъмориро ба талаботи асри нав мутобиқ кунанд ва ворисi арзандаи ниёгон будани худро собит созанд. Асирӣ пайваста таъкид менамояд, ки ба омӯзиши илм ҷадал бояд кард ва баҳри аз худ кардани илми нав ба Чин ва ё Маскав сафар намуда, аз илми мошинсозию меъморӣ ва дигар илмҳо, ки дар ин мамлакатҳо ривоҷ ёфтаанд баҳраёб бояд гардид:

Сари кори наве бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза шояд пеш рафтан!
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан паи таҳсили икмол [17, с.403].

Адиб таъкид бар он медорад, ки насли замони нав бояд роҳи тозаи омӯзиши зиндагиро ихтиёр намуда, бо ин роҳ пеш раванд. Асирӣ чун маорифпарвари асил ба масъалаҳои дархури замон монанди обу замин, масъалаҳои обёрӣ ва ғайра, хеле таваҷҷуҳ доштааст. Масъалаи обу замин дар аморати Бухоро яке аз соҳаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Ин соҳаи муҳимро ашрофону давлатмандон соҳибӣ карда, намегузоштанд як порча замини ҳосилдеҳ ва боғҳои меҳнаткашон ва деҳқонон аз об шодоб гардад. Ин буд, ки ҳосили ба ҳазор заҳмату ранҷ парвадаи барзгарон дар фасли гармо аз беобӣ сӯхта маҳв мешуд. Адиб ин ҳолатро чун шоҳиди воқеии он рӯзгор дониста, онро чунин тасвир кардааст:

Хушку беобу ҷамъ пажмурда,
Сабзаҳо шуд ба марг чун беда.
Севуним моҳ шуд сабза ба хок,
Ҳоли ҳам як буғм наёзида.
Киштаҳо хушк шуд, надодӣ об,
Бод умрат чу кишти хушкида [115, с.125]!

Аз порчаи мазкур маълум мегардад, ки деҳқонон моҳҳо аз об маҳрум буда, дар ҳолати дастрасӣ пайдо накардан ба об, аз ризқу рӯзии худ ва аёлашон маҳрум мешуданд. Дар ибтидои асри XX деҳқонон ва муҳандисони рус ба сохтмони канали Мирзочӯл – ҷӯйи Бекобод иқдом намуда, музофоти Хуҷандро ба об таъмин намуданд. Асирӣ пеш аз бунёди ҷӯйи Бекобод бо итминони комил суханронӣ намуда, ҳосилхез будани заминҳои Осиёи Миёнаро ёдовар мешавад, вале аз нарасидани об ва нодонии аҳолӣ шиква намуда, ин иқдомро яке аз комёбиҳо дар соҳаи зироатпарварӣ медонад:

Хусусан, Азяи Вусто- замин аст,
Замини пурбаҳо ганҷофарин аст...
Арозӣ қобили заръ асту камбоб,
Аҳолӣ камсаводу чашм дар хоб... [115, с.123].

Шоир доир ба ҳосилхез будани заминҳои Осиёи Миёна андеша ронда, заминҳои ин сарзаминро қобили кишт донистааст. Ба андешаи Асирӣ, ин гуна заминҳои ганҷофарин дар олам андак буда, соҳибони ин замин аз илму ирфон бебаҳра мондаанд ва усули кишт кардану ҳосил ғундоштанро намедонанд, зеро онҳо аз илм бархурдор нестанд ва дар хоби ғафлатанд. Асирӣ таъкид мекунад, ки ҳама ҷавонони мо дар хоби ғафлатанд ва аз омӯзиши илм ва касби камолот фарсаххо дур. Ба андешаи адиб, уламои тангназар, ҷоҳилу бесавод, пастфитрату дунҳиммат, раиятро мутеи худ намуда, пешрафт, навоварӣ ва ихтироъкориро бидъату куфр дониста, мардумро ба вартаи ҳалокат раҳнамун месохтанд. Назари кӯҳна, дониши нокифояи исломӣ, бухлу ҳасудӣ, худнамоии муллоҳои ба ном шариатдӯст, ки бо бастани саллаи калон тақвою диндор будани худро, гӯё нишон медоданд, зери тозиёнаи танқид гирифта, дар шеъри «Саллаи панҷ карат бузург» онҳоро фош мекунад:

Бад-ӯ гуфтам: «Ба сар ин борат аз чист?»
На салла, қуллае, ин корат аз чист? »
Ҷавобам дод, к – ин таъби кином аст,

Шиори суннати хайруланом аст [17, с.405].

Диндорони ҷоҳил ба дигар муллоҳои дар донишу ҷаҳонбинӣ ҳампояи худ такя намуда, ҳадису фатвоҳои бофтаю ғалатро бо лаҳни гӯшхарош, ба сомеон мерасониданд ва гӯё, бо ин роҳ таблиғи дини мубини ислом мекарданд.

Мавзуи дигаре, ки дар эҷодиёти адиб мавқеи муҳим дорад, ин танқиду мазаммати синфи ҳоким аст. Асирӣ ба амирони мутаассибу тангназар, ҷоҳилу бесаводи манғит бо чашми нафрат нигариста, амалҳои зишту касифи онҳоро фош менамуд. Зеро Асирӣ ба ҳаммаслакони худ маорифпарварони тоҷик қиммату манзалати амирро аз як мирӣ ҳам пасттар дониста, ҳатто ба мисли як дона ҷав арзиш надоштани ӯро тасвир месозад ва таъкид мекунад, ки ҳеҷ гоҳ мутеъ, ниёзманд ва фармонбардори чунин амирони тангназару тиҳимағз нестам ва нахоҳам шуд:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав!

Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав,

Гарчи номи ман Асирӣ, хуш асираш нестам,

Варна медод ӯ азоби беҳисобам нав ба нав [10, с.6].

Асирӣ чун падари дилсӯз меҳрубон ба фарзандаш дар шеъри «Насиҳат ба фарзанд» бо ихлосмандӣ омӯзиши илмҳои асри навро талқин намудааст:

Биё, эй нури чашму ҷону дида,

Зи ман бишнав яке панди ҳамида.

Зи илму касби обо тӯша андӯз,

Дигар илми замони аср омӯз!

Ҳамон илме, ки дунё созад обод,

Туро созад зи банди ҷаҳл озод... [17, с.409].

Адиб омӯзиши илмҳои муҳимми асрро тақозо намуда, меафзояд, ки он илмеро бояд омӯхт, ки инсонро аз нодонӣ раҳоӣ дода, ӯро аз банди ҷаҳолат озод намояд, зеро:

...Зи ман омӯз илми ин саноат,

Ба хондан бо риёзат кун қаноат,

Ба илми дунявӣ кӯшиданат беҳ!

Аз ин оби бақо нӯшиданат беҳ... [17, с.409].

Асирӣ аз фарзандаш талаб мекунад, ки пайваста риёзат дар омӯзиш ва қаноат дар нафсро пешаи худ созад. Зеро риёзат ва қаноат инсонро ба қуллаи мақсуд мерасонад. Адиб дар шеъри «Мазамммати мактаби кӯҳна» чун маорифпарварони замонаш мактабҳои усули кӯҳнаро танқиду мазаммат намуда, усули қадимаи таълимро ба зери интиқод гирифта, таҳсил накарданро дар чунин мактабҳо афзалтар медонад:

Махон ту мактаби деринаро мумидди камол,

Ҳазор мартаба з - ин роҳ фаротар асту баид... [117, с.126].

Асирӣ мактабҳои усули кӯҳнаро ба маҳбас монанд карда, аз илму маърифат ва донишҳои навин дур будани онҳоро таъкид мекунад. Мударрисони мадрасаҳо ягона роҳи ҳифзи сабақро дар зулми атфол медиданд, ки ин амалашон ба нафъи омӯзиш набуда, баръакс роҳҳои илмомӯзии толибилмонро баста мегардонад ва яъсу навмедӣ ва тарсро дар дили онҳо ҷой мекард. Ин ба ҳолати равонии толибилм таъсири манфӣ мерасонад. Асирӣ таъкид мекунад, ки ҷараёни таълиму тарбия ва илмомӯзии чунин муҳассилин бар зарари мардум ва ҷомеа аст. Адиб дар ҷойи дигар ҷиҳатҳои хуби мактаби навро таъкид намуда, усули ҷадиди омӯзишу парваришро беҳтару хубтар медонад:

Зиҳӣ тариқи муқаддас раҳи усули ҷадид,

Паи вусули мақосид чу саъи роҳи ҳамид.

Зи ҳусни тарбияташ дар тамоми як – ду моҳ,

Закову ҳадс фазояд ба кӯдакони балид.

Зи қайди ҷаҳду сафолат наҷот мебахшад.

Ба боби маърифату илму дониш аст калид,

Ба илми ҳандасаву ҳайат устод шаванд.

Кунанд марказу ақтори арзро таҳдид [115, с.125],

Адиб ба мактаби кӯҳнаи динӣ ба назари нафрат нигоҳ намуда, тарзи тадриси чунин устодонро бе мақсуд медонад. Мавзуи ишқ ва ошиқӣ дар ашъори Асирӣ моҳияти вижа дорад. Шоир ба олами пурфасонаи ошиқу маъшуқ ва шару шӯри он мароқ зоҳир намуда, дар ашъораш ишқи поку самимиро ба риштаи тасвир кашидааст:

Дидам ҷамолат девона гаштам,
Рухсори шамъат парвона гаштам.
Бас ки лаби ту ширинишакар,
Як бӯса кардам, мастона гаштам.
Аз ишқи Лайлӣ расвои Маҷнун,
Бар халқи олам афсона гаштам [10, с.88].

Ба андешаи шоир, ошиқи ҳақиқӣ онест, ки бо нигоҳе дил аз даст медиҳад ва чеҳраи маъшуқ дар пеши назараш ҷилвагар мегардад ва то охирин нафас дамсозу ҳамрози дилдодааш гашта, чун қиссаи Лайлию Маҷнун афсонаи оламиён мегардад. Асирӣ ҷамоли маҳбубаашро ба офтоб қиёс намуда, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ҳиҷоб аз рӯй бардорад:

Аз офтоби чеҳра барафкан ниқобро,
Бардор моҳи ман зи миён ин ҳиҷобро.
Дар ҷону дил зиёда макун меҳнати фироқ,
Вайрон чӣ мекунӣ, дилу ҷони харобро [10, с.83)?!

Шоир аз маҳбубааш хоҳиш дорад, ки дар дилаш азоби фироқ наандозад ва дилу ҷони абгори ӯро наёзорад. Аз дурии маъшуқ ошиқ ранҷ мекашад, дарду алами ҳиҷрон боло мегирад, ҷисму ҷонаш ранҷур мешавад ва ӯро дилхастаю афгор месозад. Асирӣ амсоли гузаштагон ба мавзуи табиат ва зебоиҳои он мароқ зоҳир намуда, фасли фараҳфизои баҳорро бо тамоми нозукиҳояш ба риштаи тасвир кашидааст:

Биё, ки фасли баҳори фараҳфизо инҷост,
Замони сайри гулу вақти дилкушо ин ҷост .
Ба ёди сарвқадони гузашта афғон кун,
Ба доғи лоларухони боғ шав, ғизо ин ҷост [10, с.75].

Ӯ аз омадани баҳор шодмонӣ карда, нигорро ба сайри боғу чаман ва ба хуш гузаронидани вақт даъват намудааст. Тамоми чакидаҳои хомаи Асирӣ накҳати баҳор дошта, инсонро ба офариниши зебоӣ ва накӯ доштани баҳор даъват намудааст. Тошхоҷаи Асирӣ ҳамчун шоири нававари маорифпарвар ба тамоми мавзуъҳои муҳим мароқ зоҳир намуда, дар ашъораш кушодани мактабҳои усули ҷадид, тавсифи тараққиёти бемайлони илму техника, васфи баҳор ва зебоиҳои онро инъикос намудааст. Ақидаҳои маорифпарварӣ ва ҳисси зебоиписандии ӯро аз ҳар мисраи ашъори шоир метавон дарёфт:

Магӯ ҷадиду макун эҳтироз аз дарсаш,
Ки дилситони қадим аст, дар либоси ҷадид [10, с.70].
Магӯ, сиқоти Бухоро ҷадидро бастан,
Зи хавфи он ки насозад қадимро танқид [10, с.71].

Асирӣ аз ҳамиллатони худ тақозо менамуд, ки аз бастани мактабҳои усули ҷадид озурда нашаванд, зеро ин амали диндорони шариатфурӯш буда, ҳадафашон аз байн бурдани мактаби усули нав мебошад. Адиб ба омӯзиши илмҳои дақиқ ҷавононро ҳидоят намуда, аз онҳо даъват ба амал меорад, ки дар ҷодаи омӯзиши донишҳои асри нав ҳампояи мардуми Аврупо бошанд ва бо ихтироъҳои ҷадиди худ мардумро аз вартаи ҷаҳолату нодонӣ раҳоӣ бахшанд. Тошхоҷаи Асирӣ чун маорифпарварони замони хеш бо ихлосмандӣ ва самимияти зиёд нисбат ба фарҳангу адабиёти қадимаи миллати кӯҳанбунёди худ таваҷҷуҳ намуда, усули таълими ҷадидро мавриди ташвиқу тарғиб қарор додааст. Ҳадафи асосии Асирӣ кушодани мактабҳои усули ҷадид буда, дар баробари ин аз бар намудани илмҳои нав ва омӯзиши забонҳоро яке аз ҳадафҳои асосии хеш қарор додааст ва ба андешаи мо, адиб дар роҳи расидан ба ҳадафҳои созандаю бунёдкоронаи худ муваффақ гардидааст.

### 3.2.2. Ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷи Ҳаким

Мирзо Сироҷи Ҳаким адиби забардасти замони худ буда, солҳои 1878 - 1914 зиндагӣ ва ба фаъолияти эҷодӣ машғул гаштааст. Шоир аз синни панҷсолагияш ба омӯзишу парвариш фаро гирифта шудааст, ки дар ин бора дар «Туҳафи аҳли Бухоро» маълумоти хубу равшане овардааст: «Махфӣ мабод, ки ин банда дар овоне, ки панҷсола будам, падарам маро ба дабистон ниҳод, то ба синни даҳсолагӣ саводи форсиам баромада, ҷузъи хату саводи форсиро доро шудам» [47, с.10]. Аз андешаҳои фавқ маълум мегардад, ки падари бузургвор ба таълиму тарбияи фарзандаш таваҷҷуҳи махсус дошта, ҳатто барои омӯзонидани баъзе аз илмҳои муҳимми давр ба хона омӯзгор даъват кардааст чунончи: «Баъдҳо қариб ба ду сол дар манзили худ пеши як нафар муаллими босавод, баъзе мутолиаи кутуби форсии ахлоқӣ тавориху ашъор ва ҳисобу луғати арабӣ ва ғайра менамудам» [47, с.10]. Пешаи аҷдодии Мирзо Сироҷиддин саррофӣ буд. Бо тавсияи падар чанде дар дукон ба тиҷорат машғул будааст. Завқи баланд ва шавқу истеъдоди волояш ӯро ба омӯзиши илм ва хондану навиштан раҳнамун сохт. «... Ағлаби шабҳо дарс мегирифтам ва бар аксари газетаҳои русӣ ва туркӣ обуна (муштарӣ) гардида, туркиро ҳам хуб балад шудам» [47, с.10].

Дар ақидаҳои адабӣ-эстетикии шоир омӯзиши забон мавқеи муҳим дорад. Ӯ ба омӯзиши забонҳои гуногун таваҷҷуҳи хосса дошта, омӯзиши забонҳои русӣ, туркӣ, фаронсавиро ба наслҳои оянда таблиғ намудааст. Мирзо Сироҷиддин забондонии худро баён намуда, ба ин роҳ таблиғи омӯзиши забони давлатҳои мутараққӣ намудааст. Илму ихтирооти тозаи халқи рус дар Осиёи Миёна ӯро ба омӯзиши забон водор намудааст. Мирзо Сироҷиддини Ҳаким пас аз омӯзиши забонҳои маъмули замон, саравval шаҳрҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Фарғона, Тошканд, Хӯқанд, Чимканд ва Андиҷонро саёҳат карда, доир ба ҳар шаҳру навоҳӣ мушоҳидаву андешаҳояшро баён намуда, оид ба забти шаҳри Хӯқанд, ки пойтахти

Фарғона будааст, ишора мекунад ва оид ба тавонои миллати рус андеша баён намуда навиштааст, ки: «Дар паҳлуи Хӯқанд рус шаҳри тоза ба таври дилхоҳи худашон, мутобиқи нақшаи плони ҷадид сохтаанд. Хеле ҳам махориҷот намуда, хуб обод кардаанд, ки садчанд аз шаҳри аввалӣ беҳтар аст ва муртар» [47, с.11].

Адиб тиҳимағзӣ бесаводӣ, худхоҳу тангназар будани амирони манғитро аз ҷаҳолати онҳо дониста, бе ягон истиҳола ба зери интиқод мегирад. Иллати табоҳӣ, тангдастӣ ва дарвешии халқи мазлумро Мирзо Сироҷ дур будан аз омӯзиши илм дониста, бар он назар аст, ки косибону ҳунармандони Фарғона заҳмати зиёд мекашанд, вале беилмӣ садди амалҳои созандаю бунёдкоронаи онҳо гардида, эшонро танбалу танпарвар намудааст: Адиб ҳангоми сафари худ аз омӯзиши илм даст накашидааст ва бахусус ба омӯзиши илми тиб таваҷҷуҳ намуда, баъди бозгашт ба Бухоро ба муолиҷаи ҳамватанонаш машғул шудааст, ки дар ин бора адабиётшинос Расул Ҳодизода навиштааст: «Мирзо Сироҷиддин дар вақти сафарҳояш низ аз омӯхтани илмҳои гуногун боз наистод. Вай дар вақти дар Теҳрон, Тифлис ва Сабзавор буданаш илми тибро ҳам ба усули фанҳои шарқ, ҳам ба тарзи нави аврупоӣ омӯхта, табиби хеле бомаҳорат шуд... Аз ин ҷо ӯ бо лақаби «Ҳаким» ва «Доктор Собир» низ машҳур аст» [201, с.407 - 408].

Мирзо Сироҷиддини Ҳаким ба ҳар кишваре, ки расида истиқомат ихтиёр мекард, зиндагии мардуми он маҳалро ба риштаи тасвир мекашид ва аз илмҳои маъмули давр воқиф мегардид. Ӯ санъати меъморӣ, наққошӣ, тарҳи кӯчаю бозорҳоро ба мушоҳида гирифта, назофату тозагии ҷӯйҳои дохилишаҳрӣ ва обҳои заҳбуру заҳкашҳоро бе каму костагӣ ба қалам медод. Адиб чун сайёҳони Аврупо ҳамеша ба санъати меъморию шаҳрсозии халқу миллатҳои олам ба чашми заррабин нигариста, ба хулосаҳои муҳим расида дар ёддоштҳояш сабт мекунад.Мирзо Сироҷ фавоиди сафар ва ҷаҳон диданро дар як шеъри худ хеле нозук ба риштаи тасвир кашидааст:

Чист сафар мояи илму ҳунар,

Чист сафар таҷрибаи хайру шар.

Ҳаст сафар мояи анҷомҳо,

Ҳаст сафар пухтакуни хомҳо.

Ҳар ки сафар кард, хӯрд заҳру қанд,

Ҳар ки сафар кард, шавад ҳушманд [47, с.25].

Шоир сафар карданро сароғози пухташавии хомҳо ва омили пойдории илму фазл медонад. Ба андешаи ӯ, сафар баҳри инсони бедордил таҷрибаи хуби зиндагист ва сайёҳ дар ҳар мулк метавонад, ба аҷобатҳо дучор шавад. Сафар кардан, камию норасоиҳои сайёҳро мукаммал гардонида, ба шодию нишоти оламиён ҳамтақдир мешавад ва дар ин радиф инсони ҳушманд мегардад. Мирзо Сироҷиддин дар аснои сафар, дидаву шунидаҳояшро бе каму кост дарҷ менамуд. Дар бештар маврид таҷрибаи сайёҳони Аврупоро сармашқи сафари худ намудааст. Мирзо Сироҷиддин яке аз омилҳои тараққиёти халқи рус ва Авруупоро аз аҳолии бомаърифат ва сайёҳони нуктасанҷ медонад. Адиб сабаби ба саёҳати дуру дарози мамолики Авруупо баромадани худро дар доштани дӯстони залилкунандаю қадрношинос ва рақибони сангдилу разил донистааст: «... он чи аз неку бад дар аснои ин сафар дида мулоҳиза кардам, баъзеро ба тафсил, бархеро бар сабили иҷмол дарҷи ин авроқ намудам» [47, с. 26]. Мирзо Сироҷиддини Ҳаким аз шаҳри Красноводск дидан намуда, баъди роҳпоии ҳабдаҳсоата ба Бодкуба (Боку) расидааст. Адиб хусусиятҳои ҷуғрофии шаҳри номбурдаро шарҳ дода, маҳалли ҷойгиршавии аҳолӣ, захираҳои табиии онро шарҳ додааст. Адиб ободкор будани мардуми Бодкӯбаро дар сабзу хуррам гардонидани боғҳои миллӣ медонад. Пас аз сайёҳати шаҳр ба роҳ баромада, баъди як шабонарӯз ба Тифлис мерасад: «Тифлис шаҳрест обод ва хушбоду ҳаво ва сабзу хуррам. Боғу бӯстонҳои бисёр дорад. Яке аз шаҳрҳои қадимаи Қафқозия маҳсуб аст» [47, с.30]. Мирзо Сироҷ бо тафсил ҳудуди ҷуғрофии Қафқозро баён намуда, тамоми пешравии ин минтақаҳоро аз баракати илми рус медонад. Маҳз халқи кабири рус дар Қафқоз кӯҳҳоро сӯрох карда, аз миёни он роҳ бароварданд ва роҳҳои оҳани хуб сохтаанд.

Шоир ва сайёҳ пас аз тамошои шаҳри Ботум ба параход савор шуда, озими Истамбул мегардад. Ӯ бо ихлосмандӣ ин шаҳри қадимаро васф намуда, нуктаҳои муҳимми аз ин шаҳр дидаю бардошт намудаашро рӯйи сафҳа овардааст. Пас аз тамошои Истамбул озими Фаронса шуда, аз шаҳри Порис боздид кардааст. Мирзо Сироҷиддин бо аламу андӯҳ ҳангоми тамошои шаҳри Париж ободии ин мамоликро дида, ҳамвора қашоққию бенавоии миллати худро пеши назар оварда, бо афсусу надомат навиштааст: «Афсӯс бар мо! Афсӯс бар мо! Банда ҳар қадар Порисро сайругашт мекардам, бисёртар ватани азиз ба хотирам расида, ҳама вақт ашк аз чашмонам мерехт....маъюс ва муқаддар шудам, ки чаро аз чунин маҳалли ираммонанд хориҷ гардида, аз инчунин мардумони бо илму ботарбият, ки тамоми аҳли олам, ки рашки онҳоро доранд, дур мешавам ва меравам, миёни як ҷамоа мардуми бетарбият ва биноҳои касиф ва хонаҳои маҳруба. Ва орзу мекардам, ки эй кош, мо ҳам андак тарбият шуда, аз фалокат ва накбат халос мегардидем» [120, с.125].

Мактабу маориф яке аз вижагиҳои ақидаҳои адабиву эстетикии шоирро ташкил медиҳад. Ӯ бо таассуф ва дилмондагӣ иброз медорад, ки агар мо соҳиби илму дониш мебудем, ҳеҷ гоҳ дар чунин вартаи ҳалокатбор зери таънаю маломат намемондем. Баъд аз саёҳати Порис озими Шветсария шуда, аз мактабҳои бо усули ҷадид сохташудаи ин мамлакат дидан намуда, ба хулосае меояд, ки чунин мактабҳои типи нав дар дигар давлатҳо мавҷуд нест. Мирзо Сироҷ ҳамвора мекӯшад, ки ҳамиллатонаш соҳиби хату савод бошанд. Кушодани мактабҳои усули навро ягона роҳи халосӣ аз муфлисию тиҳимағзӣ медонист. Ба андешаи ӯ, мардумро бояд соҳиби илму дониш кард ва ягона роҳи ҳалли мушкилоти замонро дар босавод гардонидани аҳолии осоишта бояд донист ва таҷрибаи мардуми Аврупоро сармашқи зиндагии худ бояд кард. «Дар аксари Аврупо таҳсили ибтидоӣ маҷбурӣ аст. Аҳде аз раоё наметавонанд, фарзанди худро ба мактаб диҳанд» [120, с.125]. Мирзо Сироҷи Ҳаким ба масъалаи ахлоқ низ

дахл намуда, ахлоқи волои мардуми Швейцарияро тараннум ва вайронии ахлоқи ҷомеаи Бухоро, умуман мусалмононро аз бемаданиятӣ медонад.

Шоир макру фиреб дурӯягию мардумфиребии ҳаммилатони худро дида, дар қиёс мардуми Швейцарияро, ки ғайридинанд, хеле боинсофу бодиёнаттар тасвир намудааст. Хулоса, Мирзо Сироҷиддин бардошти сафари тулонии худро рӯйи сафҳаҳо дарҷ карда, ҳамзамонон ва ояндагони миллати худро панди судманде додааст, ки ба мисли халқу миллати Русу Аврупо ба омӯхтани илм, кушодани мактабҳои ҷадид, омӯзиши забонҳои русӣ ва аврупоӣ ҷидду ҷаҳд намоянд, то ки ҷомеаи онрӯзаи Бухоро ва соири кишварҳои мусалмонӣ ба зинаҳои баланди инкишофу тараққиёт ноил гарданд.

Ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷро мо дар ашъори манзуми ӯ, ки аз ҷавонӣ ба он майлу рағбати беандоза доштааст, боз бештару хубтар мушоҳида карда метавонем. Аз муҳтавои мероси манзуми шоир бармеояд, ки аз овони наврасиву ҷавонии худ ба иншои шеър ҳавасу рағбати беандоза доштааст ва онҳо дар матбуоти вақт бо тахаллуси «Сироҷӣ» ба табъ расидааст. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ ба ҳамин ишора намуда навиштааст, ки: «Сироҷӣ тахаллуси сухансанҷи сухандон, дар муомила чобук ва чистони мусаммо ба Мирхон, ки аз аҳдофи Мирзо Хурдоди сарроф аст...» [31, с.168]. Аз муҳтавои ашъори Мирзо Сироҷ бармеояд, ки бо вуҷуди меҳру муҳаббати беандоза ба мероси гаронбаҳои назмии гузаштагон ва эътиқоду самимият ба онҳо чун фарзанди «сухансанҷу сухандон»-и замони худ ба муқобили тақлиду тақлидкорӣ, истифодаи образҳои кӯҳнаву обшуста ва аз баҳри «узрову чашмони шаҳло» гузаштан баромад намуда, дигар кардани услуб ва ба вуҷуд овардани ғояи наву тозаро ба миён мегузорад:

Мо ҷумлаи шоирон саросар,
Аз пой фитодаем яксар.
Дар васфи узору чашми шаҳло,
Гуфтем қасидаҳои ғарро.
Дар гӯшаи ишқҳои мавҳум,

Кардем басе раҳи талаб гум.
З-ин гуна абас ғазалсароӣ,
Мондем ба рӯзи бенавоӣ.
Ҳастем кунун забонбурида,
Дар гӯшаи узлат орамида.
Ҳолия чу он рафиқи ҳамроз,
Карданд ҳама дари сухан боз.
Мо ҳам ба ҷавоби он хирадманд,
Бишкаста қалам кунем пайванд.
Услуби дигар кунем бунёд,
Созем равони Рӯдакӣ шод.
Равнақ бидиҳем илму фанро,
Обод кунем ин ватанро [201, с.409].

Аз мазмуну маоли шеъри мазкур бармеояд, ки Мирзо Сироҷи Ҳаким «ақидаи офаридани услуби тозаеро, ки дар равонию салосат шабеҳи шеъри Рӯдакӣ ва сабки хуросонӣ бошад, пеш рондааст» [79, с.69].

Чунин андешаҳо оид ба тағйир додани мазмуну мухтаво дар шеъру навиштаҳои адибони маорифпарвари ибтидои асри ХХ-и тоҷику афғон ва эронӣ, амсоли Аҷзӣ, Мирзо Сироҷ, Фаёзи Хуҷандӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, М. Тарзӣ, А. Мустағнӣ, А. Довӣ, Н. Юшиҷ, Тақи Рифъат, Мирзодаи Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор ва дигарон низ ба мушоҳида мерасад, ки эшон назми даврони худро наздик ба воқеоти зиндагӣ ва саршор аз ғояҳои баланду олӣ дидан мехостанд.

Маҳз сафарҳои зиёди Шарқу Ғарб ва муқоисаи онҳо ба Аморати Бухоро Мирзо Сироҷро ба хулосаҳои ҷиддиву муҳимме оварда буд, ки мардумро ба бедорию ҳушёрӣ ва бедор шудан аз хоби гарон даъват кардааст: То чанд ба хоби маст бошед? Танпарвару худпараст бошед?

Ба ҳамин монанд, Мирзо Сироҷ дар шеъри дигари худ бенизомию ғафлатзадагии мардуми ватанашро аз нодонӣ, бесаводӣ ва дар хоби ғафлат будан дониста бошад ҳам, вале сарчашмаи ба вуҷуд омадани ҳамин нуқсону камбудӣ, нодонӣ ва ғафлатзадагии ҳаммеҳанонашро дар ибтидо

кушоду равшан  нагуфта, дар байти охир ҳамаи онро аз нодонию ғафлат донистааст:

Боиси ин дарди бедармон намедонам, кӣ шуд?
Саъйи ин ҷумлагӣ нуқсон намедонам, кӣ шуд?
Ҳодии ин роҳи бепоён намедонам, кӣ шуд?
Муқтадои ин ҳама нодон намедонам, кӣ шуд?
Рост гӯям, боиси ин ҷумла хусрон ғафлат аст,
Ин қадар паст мондани ин қавми нодон ғафлат аст [47].

Мирзо Сироҷ чун шоири тозагӯю тозауслуб дар ашъори худ ба мазаммати шоирони кӯҳнапараст баромада, таъкид ба онҳо дорад, ки маслаку пешаи шоирон дар ин замона аллаккай дигаргун гаштааст ва бар замми ин, шоир чун бохабар  аз авзон ва қофияву саҷъи русиву англисӣ, ки ба майдони адабиёт ворид шудааст,   аз онҳо даъват ба амал меоварад, ки ба гуфтани шеъри софу равиши нав камар бубанданд:

Кӯҳнапарстию таассуб биҳил,
Покзабон бошу каме покдил!
Маслаки ашъор дигаргун шуда,
Қофияҳо яксара ворун шуда.
Қофияи русию саҷъи фаранг,
Кард чу майдони сухан бо ту танг.
Шеър бигӯ бо равиши гелакӣ,
Нест туро нисбате бо Рӯдакӣ [123, с.129].

Профессор Х. Мирзозода ба ҳамин паҳлуи масъала, яъне пайдо шудани нуқтаи назари нави эстетикӣ дар ҷомеа ишора намуда навиштааст, ки: «Дар адабиёт пайдо шудани нуқтаи назари нави эстетикӣ дар ҷамъият пайдо шудани одами навро ифода менамояд. Пас, санъат ва адабиёти нав дар ҳаёт зуҳур кардани одами нав аст» [123]. Аз ҳамин дидгоҳ, агар ба ақидаҳои адабиву зебоишиносии Мирзо Сироҷи Ҳаким баҳо диҳем, воқеан ӯ чун одами нави ҷомеаи ибтидои асри XX ба тамоми воқеаву ҳаводиси ҷамъияти замонаш бо диду назари ҷадиду тоза баҳо медиҳад ва дар осораш онҳоро аз як тараф мавриди интиқоду накуҳиш қарор диҳад, аз ҷониби

дигар барои пешравию аз ғафлату хоби гарон бедор шудани мардуми ҷомеаи онрӯза андешаву мулоҳизаҳои муҳим баён мекунад.

Дар ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷ ба масъалаи зебоиҳои табиат ва назокату латофатҳои мамолики сафаркардааш, ки дар «Туҳафи аҳли Бухоро» (дар фавқ низ оид ба ин масъала ишора рафт- А. М.) бо як маҳорати шоирона ба қалам додааст, ки хонанда аз он як ҷаҳон лаззати маънавӣ мебардорад. Бахусус, аз андеша ва тасвирҳои шоиронаи адиб мутоилакунандаи асар мутаҳаййир мешавад. Зеро хонанда аз тарзи баён, тасвири пейзаж, маълумоти мушаххасу дақиқ, асноди мудаллал, ҳунармандиву тарбияти воло ва ахлоқи накӯю дигар вижагиҳои мардуми Фаронса дунёе лаззати эстетикӣ мебардорад ва андешаҳояшро тавассути порчаҳои шеърӣ, байтҳо тақвият мебахшад Ба ҳамин маънӣ, адиб зикр мекунад, ки: «Порис маъдани илм асту ҳунар... Порис корхонаи одамсозист, ки ҳайвонро мешавад тарбият намуд. Чӣ расад ба инсон...

Он ки як бор дар ин шаҳр гузораш афтод,
То қиёмат наравад лаззати ӯ аз ёдаш [47, с.67-68].

Ё худ ҳангоми тасвири боғи миллии Фаронса адиб чунон шефтаю мафтуни он гаштааст, ки худро дар олами дигаре медид «Вақте инсон дар хиёбонҳои он боғ гардиш мекунад ва ба ҳар тарафи он назар меандозад, худро чунон моту маҳви он гулҳои қашанг ва он обу ҳавои ираммонанд ва он имороти дилписанд ва он сарву ашҷори сарбаланд медид, ки аз камоли ваҷд ва сурур аз худ рафта, худро дар олами дигар медид...

Таолиллоҳ чӣ боғи дилкушое,
На боғе, бал биҳишти дилрабое.
Ҳавояш босафо, абраш гуҳаррез,
Насимаш дилкушо, хокаш тарабхез.
На обу хоки ӯ аз мову тин аст,
Ки хокаш мушку обаш ангубин аст.
Парирӯён зи ҳар сӯ даста-даста,
Камар бар куштани ушшоқ баста [47, с.71].

Дар ин порчаи шеърӣ шоири маорифпарвар эҳсосоти зебоипарастиро талқину ташвиқ намуда, ба ин восита баояндагон-ҳаммеҳанони худ аз мавҷуд будани чунин табиати гуворо, боғу бӯстонҳои фараҳафзо, зиндагии осоиштаи мардум, хоку оби мусоиду дилкаш ва амсоли ин дарак медиҳад ва ба андешаи мо, шоир ҳангоми тасвир ва навиштани ин андешаҳои худ шояд орзу ҳам карда бошад, ки дар Мовароуннаҳр низ замоне чунин боғҳои мусаффову дилкаш, гулҳои рангорангу озодии мардону занон ба мисли мардуми фаронсавӣ рӯзе ба миён меояд.

Дар ақидаҳои адабию эстетикии Мирзо Сироҷи Ҳаким, дар маҷмуъ назми ибтидои асри XX бедориву худшиносӣ, ифтихор аз ватану ватандорӣ яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Дар ашъори шоирони маорифпарвари ин марҳала, дар баробари Мирзо Сироҷ дар ашъори Аҷзии Самарқандӣ, Абдурраууфи Фитрат, Ҷуръат ва соири дигар низ ин масъала хеле хубу барҷаста инъикос ёфтааст. Ба андешаи мо, дар шеърҳои Мирзо Сироҷ ин масъала андаке ба гунаи дигар, яъне мафҳуми ватан аз доираи маҳаллу шаҳр - Бухорову Самарқанд - берун рафта, ба маънои васеи он-кишвар, мамлакат истифода шудааст. Чунончи:

Ободии ин ватан ба мо фарз,
Бошад, ки адо кунем ин қарз.
Кошонаи худ кунем обод,
Руҳи падаронаи хештан шод [127, с.25].

Мушоҳидаву андешаҳои адиб воқеан, дар бораи ватану ватандорӣ ва ободии он дар адабиёти маорифпарвӣ ва ҷадидии ибтидои асри XX нақши муаассиру мондагоре гузоштааст, зеро аз рӯйи фаҳмиши адиб: «Мо қадри ватани азизи худро надониста ба ободӣ ва ислоҳи он намекӯшем. Айб дар ватани мо намебошад, айб дар худи мост... » [47, с.87].

Хулоса, Мирзо Сироҷи Ҳаким чун яке аз шахсиятҳои бомаърифату ватандӯсту ватанхоҳ дар ашъори назмиву насриаш ба ҳама паҳлуҳои зиндагии ҷомеаи замони худ бо нигоҳи наву тоза назар андохта, мехост, ки ватани ӯ низ мисли мамлакатҳои Русу Аврупо дар тамоми самтҳо – забондониву забономӯзӣ, техникаву технология, мактабу маориф ва дигар паҳлуҳои зиндагӣ пешрав бошанд ва мардум озоду аз он неъматҳои бебаҳо ва фаровони табиати афсункори Ватани худ истифода намоянд.

### 3.2.3. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Абдурrауфи Фитрат

Абдурrауфи Фитрат (1886-1938) яке аз чеҳраҳои намоёни ҷомеаи ибтидои асри XX маҳсуб ёфта, чун нависанда, муаррих, адабиётшинос, забоншинос, санъатшинос, сиёсатшинос ва арбоби намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ эътибору шуҳрат пайдо кардааст. Эҷодиёти ӯ густурдаву фарох буда, масъалаҳои муҳимми адабиёти классикиву муосир ва ҷомеаи онрӯзаро фарогир аст. Ӯ дар асарҳои назмию насриаш бо як ихлосмандӣ мардуми Бухороро, дар маҷмуъ ҷомеаи замонашро ба омӯзиши илму маърифат даъват намуда, омӯзишро ягона василаи раҳоӣ ёфтан аз ҷаҳолату гумроҳӣ донистааст.

Абдурrауфи Фитрат дар ашъори хеш, бавижа офаридани шеър, дар маҷмуъ дар ашъори ғиноиаш ҳамчунин дар мақолаву асарҳои бадеии худ низ бо мулоҳизаву андешаҳои ҷадиду рангин, мавзуъҳои муҳим ва мазмунҳои бикри вобаста ба замон андешаҳое баён кардааст, ки аз ҳузури ақидаҳои адабию эстетикии ӯ башорат медиҳад.

Дар асарҳои бадеиву илмӣ ва драматургияи ба забони тоҷикӣ ва узбекӣ иншонамудаи А. Фитрат «Мунозира» (1909), «Сайҳа» (1911), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1911-1912), «Мавлуди шариф ё худ миръоти хайр-ул-башар» (1914), «Роҳбари наҷот» (1915), «Мухтасари таърихи ислом» (1915), «Оила» (1916), «Шӯриши Восеъ» (1927), «Аморати Бухоро» (1930), «Муҳаббати самимӣ» (1919), «Қиёмат» (1923), «Ошубгарони Ҳинд» (1920), «Абулфайзхон» (1924), «Арӯз ҳақида» (1936) ва мақолаҳои зиёдаш вобаста ба мақому манзалати шеър андешаҳои муҳимму судманд баён шудааст.

Маълумоти аввалинро оид ба тахаллус, ашъори ошиқонаву шеърҳои миллӣ ва ватандӯстонаву шӯрангези Фитрат ношири тазкираи «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб» Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ Мирзо Салимбеки Салимӣ соли 1914 ҳангоми чоп дар ҳошияи тазкираи мазкур овардааст, ки «Мумоилайҳ дар авоили ҳол «Миҷмар» тахаллус карда, шеърҳои ошиқона бисёр навишта. Алъон, тарки он карда. Шеърҳои миллӣ ва ватании шӯрангез менависад» [185, с. 152]. С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик»

баъди 15 соли чопи тазкираи мазкур ҳамин андешаҳои Салимиро тақвият бахшида, навиштааст, ки Абдурrауфи Фитрат: «дар мактаби таҷаддуду инқилоб тарбият ёфтааст. Дар авоили ҳол «Миҷмар» тахаллус мекард. Ҳарчанд пеш аз давраи интибоҳ ҳам ғазалу қасида месуруд, ин обутобу сӯзу гудозро, ки ҳоло дорад, надошт...» [8, с. 307]. Пас, маълум мегардад, дар сарнавишти Фитрат, ки «ниҳоят зираку пайгир ва рамузфаҳму шеършинос буд» (Валӣ Самад), муҳити оила ва баъдтар мадраса нақши муассир гузоштааст.

Аз рӯйи маълумот ва пажуҳишу таҳқиқи фитратшиносон Абдурrауфи Фитрат шеърҳои давраи то соли 1913-и худро дар низоми шаклу поэтикаи адабиёти классикии тоҷикии форсӣ офаридааст, ки онҳо дар «услуб, тарзи баён, ифодаи афкор» ҳамчунин, дар «риояти вазну қофия бар ваҷҳи акмал, муболиға, ташбеҳот ва саноеи лафзия айнан ба тарзи кӯҳна» офаридааст, ки ин хулоса ба ашъори баъдинаи адиб, яъне ба фаъолияти давраи пантуркистӣ, панузбакӣ ва ҷадидии ӯ низ тааллуқ дорад. С. Табаров ба ҳамин паҳлуи эҷодиёти адиб ишора намуда, навиштааст, ки: «...ибтидои эҷодиёти шоирии ... Фитрат дар мадраса бо равия ва услуби маълуми назми классикии форс-тоҷик оғоз ёфта, дар давраҳои рушду камолоти фаъолияти шоириаш дар давраи ҳаракати пантуркистӣ ва ҷадидӣ хусусиятҳои нав ва тару тозаи мундариҷавӣ, тематикиву ғоявӣ ва эстетикиву услубӣ пайдо кардааст» [185, с. 157].

Дар бораи мавқеъ ва мақоми Фитрат дар адабиёт ва ҷомеаи ибтидои асри XX қабл аз Салимбеки Салимӣ ва С. Айнӣ яке аз маорифпарварон ва шахсиятҳои нодири ин давра Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар «Тазкори ашъор»-и худ, дар боби «Зикри фозили комили саропо фитнат Ҳоҷӣ Абдурrауфи инқилобчӣ Фитрат» истеъдоди нодиру фитрӣ, ашъори нобу ватанхоҳӣ ва миллии адибро, ки метавон онро ба ду қисмат ҷудо намуд: а) фаъолияти пешазинқилобии А. Фитрат; б) ва он корҳо ва фаъолияте, ки А. Фитрат баъд аз ба ҷараёни пантуркистӣ гаравиданаш, яъне баъди соли 1917-ро чунин тасвир намудааст:

Зи шоирфанони замон Фитрат аст,

Ки будаш ба аҳли ҳунар ибрат аст.
Ба зеҳни баланду ба табъи дақиқ,
Ба ақсоми шеъру ба анвои фан.
Назираш набошад дар ин анҷуман,
Ба иншои шеъру ба иншои наср.
Фариди замон асту мумтози аср,
Ба дарки ишороту фаҳми рамуз.
Дар ин хитта мислаш накарда буруз,
Талиқуллисону фасеҳулбаён.
Адофаҳму ширинсухан, нуктадон,
Ба таснифу таълиф Эзид таъол.
Варо додон қадр ҳусни мақол,
Агар ҳар қадар мекунӣ ҷустуҷӯ.
Наёбӣ, касе дар ҷаҳон мисли ӯ,
Ба олам зи аҳли фазоил басе.
Бидидам, назираш надидам касе,
Лақаб Фитрату ном Абдуррауф.
Ба абнои ҷинсаш рауфу атуф,
Забардасти офоқ дар кулли боб.
Ба фазлаш бувад муътариф шайху шоб,
Ба талқи лисону ба ҳусни баён.
Дар ин аср н-омад чу ӯ дар ҷаҳон,
Аз ӯ гашт тасниф чандин китоб.
Ба лафзу маонӣ ҳама лоҷавоб,
Китобе, ки «Раҳбар» бувад, бар «наҷот».
Бувад умда таълифи он некзот,
Ба ашъори миллӣ, ба аҳкоми дин.
Ба эҳсони суннат, ба рои матин,
Ба аъдои миллат басе қилу қол.
Намудӣ ба сад ҷаҳд дар бадви ҳол...» [34, с. 164-165].

Адабиётшинос А. Маҳмадаминов дар муқаддима ба китоби «Мавлуди шариф ё худ миръоти хайр-ул-башар»-и А Фитрат ҳамин паҳлуи эҷодиёти адиб, яъне қисмати дуюми фаъолияти эҷодии ӯро хеле воқеиву муассир ба таҳлил гирифта, зикр мекунад, ки: «баъди ба ботлоқи пантуркизм фурӯ рафтани А. Фитрат, аз роҳи дину шариъат дур шуданаш, бо таъсири туркигароӣ бо халқи тоҷик ва забону адабиёти он хиёнатҳои азим карданаш ва ба аъмоли ношоиста даст заданаш аз ҷониби Шарифҷон –махдуми Садри Зиё мавриди накӯҳиши сахт қарор мегирад...» [42, с.15].

Воқеан, Садри Зиё дар ин қисмат аз фаъолият ва хизматҳои ношоиста, фасод ва аз дину шариат дур шудани Фитратро барҷаста муаррифӣ кардааст, ки аз он хонанда ба мақому мавқеи ӯ баҳо медиҳад. Ба хотири ошноӣ пайдо кардани хонанда зарур донистем, ки қисмати дуюми ашъори ба Фатрат бахшидаи Садри Зиёро, ки аз накӯҳишу накбат ва маломату афсӯс иборат аст, ин ҷо биёварем:

Пас он гаҳ зи роҳи салоҳу садод,
Баромад, даромад ба роҳи фасод.
Фурӯ рафт андар хатои зилал
Аз ин роҳ омад ба динаш халал.
Ба дунё зи дин барнагирад ҳисоб,
Ба уқбо надонам, чӣ гӯяд ҷавоб.
Паси ҳикмате довари бениёз,
Ки дорои халқ асту донои роз.
Ба як лаҳза олам ба ҳам зад чунон,
Ки ҳайрони ӯ гашт пиру ҷавон.
Асоси ҳукумат ба шурои халқ,
Бадал шудлибоси шаҳӣ ҳам ба далқ.
Чу шуд андар ин сарзамин инқилоб,
Ба олимаротиб бишуд комёб.
Ба таҳсилу молу ба такмили зар,
Ҳамекард ҷаҳду ҳамебурд бахр.
Чу Фиръавну Қорун ба молу манол,

Намедид касро қарину ҳимол» [34, с. 166].

Андешаву афкори назариявии Абдурраруфи Фитрат роҷеъ ба адабиёту санъат дар маҷмуъ, ақидаҳои адабиву эстетикии ӯ бештар дар асарҳои назмиву насрии адиб баён ёфта, мақоми вижае доранд ва онҳо бо мазмуну мундариҷаи худ ба инкишоф ва тараққиёти афкори эстетикиву бадеии ҳамзамононаш ва ояндагон нақши муайяне гузоштаанд.

Фитрат чун аз «шоирфанони замон»-аш бо «зеҳни баланду табъи дақиқ», ки дар «ақсои шеъру анвои фан» дар замонаш беназир будааст, дар шарҳу тавҷеҳи асосҳои назариявии шеър фалсафаи гузаштагон, ба хусус «Поэтика»-и Арасту ва назариячиёни арабу форсу тоҷик: Халил ибни Аҳмад, Абӯ Сибавайҳ, Ал-Ахфаш, Ибни Сидқий, Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Ибни Ҳоҷиб, Насируддини Тусӣ, Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиддадини Ватвот ва дигаронро омӯхта, ақидаву андешаҳои хешро баён ва рисолаҳояшро дар заминаи онҳо иншо кардааст.

Фитрат бо вуҷуди дар шеъру шоирӣ, назарияи шеършиносӣ донишманди мумтоз буданаш дорои як маҷмуаи ашъор бо номи «Сайҳа» (Истанбул, 1329 ҳ.қ.=1910 м) буда, ба андешаи устод Айнӣ: «... асар ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ дошт, ҳаргиз муболиға накардаем...» [4, с.102]. Андешаву мулоҳиза ва пажуҳишҳои Фитрат асосан, доир ба арӯзии туркӣ-ӯзбакӣ рӯйи кор омадааст. Академик М. Шакурӣ ба ҳамин паҳлуи эҷодиёти Фитрат ишорае намуда, навиштааст, ки: «Аввали солҳои сӣ Фитрат хоҳише изҳор кард, ки дар бораи арӯзи форсӣ китобе бинависад. Нашриёти Тоҷикистон ин пешниҳоди ӯро низ напазируфт ва чунин китобе нонавишта монд. Ҳамон солҳо Фитрат дар бораи арӯзи туркӣ китобе навишт» [218, с. 203].

Воқеан, Фитрат чун назариячии мусаллаҳ ва донандаи авзони шеъри арабию форсии тоҷикӣ ва туркӣ дар баробари иншои китобҳои дарсиву таърихи адабиёти узбек, амсоли «Адабиёт қоидалари», «Узбек адабиёт намуналари», «Ӯзбек классик мусиқаси ва унинг тарихи» ва яке аз мақолаҳои дар ин самт машҳури ӯ «Шеър ва шоирлиқ» китоберо ба номи «Аруз ҳақида» навишта, соли 1936 манзури хонанда ва муҳаққиқони узбек

гардонид, ки он чун китоби дарсӣ барои мактабҳои ӯзбекӣ то имрӯз чандин маротиба гаштаю баргашта, нашр гардидааст.

Ба нашр тайёркунандаи рисолаи мазкур Ҳ. Болтабоев дар муқаддимаи китоб мавҷуд набудани рисолаҳо дар бораи арӯз ба забони узбакӣ, зарурат ва эҳтиёҷи мутахассисону хонандаи узбек ба чунин асари назариявӣ дар бораи арӯзро махсус зикр намуда, менависад: «Бу даврда (солҳои 20-30-уми асри XX- А. М) форс ва араб тилларида бир неча «рисолаи арӯз» лар яратилган бӯлса ҳам, аруз қоидаларнинг туркий шеърда қӯлланилишга доир ҳеч қандай қайдларни учратмаймиз. Бундан ташқари, 20-йилларнинг бошларида авж олган арузга қарши ялпи курашлар бир оз тийилиб, бу вазн ӯзбек шоирларнинг тажрибасидан қайта ӯтгандан сӯнггина Фитрат томонидан яратилган арузнинг «назарий ёқларидан сабоқ берувчи» бундай вужудга келишига эҳтиёж туғилди» [45, с.3-4]. Аз андешаҳои фавқ ва дигар навиштаҳои ин муаллиф бармеояд, ки солҳои 20-30-уми садаи XX дар атрофи шеъри узбекӣ ва авзони он «бармоқ» ва татбиқи авзони аруз ва воридшавии он ба шеъри туркӣ баҳсу мунозираҳои зиёде мавҷуд будааст. Чопи рисолаи Фитрат ба ҳамаи он баҳсу талошҳо як навъ хотима бахшидааст ва дар баробари ин: «Фитрат рисоласи нафақат аруз тарихи ва техникаси, балки умуман, вазн назарияси ва унинг қӯлланилиш тарихидан сабоқ берувчи назарий қулланама ҳам ҳисобланади. Чунки олим ӯз асарида шеър вазни масаласига шеърий асарни юзага чиқарувчи энг зарурий бадиий бирлик сифатида қараган» [45, с.4].

А. Фитрат дар муқаддима ба ин асари худ, ки: «Ёзувчидан бир-икки сӯз» унвон дорад, мақсад аз иншои ин рисоларо хеле мухтасар тавзеҳ дода, зикр кардааст, ки он барои хуб ошноӣ намудани шоирони ҷавон ва нависандагон ба вазни арӯз ва муҳокимаи васеи хонандагони узбек равона шудааст, зеро шоирони узбек тамоми вазнҳои арӯзро истифода накардаанд.

Аз муҳтавои рисолаи «Аруз ҳақида» бармеояд, ки ӯ ба таъбири Садри Зиё чун «фариди замону мумтози аср» андеша ва ақидаҳои адабиву

эстетикии назариячиёни Юнону араб ва форсу тоҷикро хеле хуб омӯхта, онро дар заминаи шеъру адаби араб ва форсии тоҷикӣ дар шеъри туркӣ-ӯзбекӣ эҷодкорона татбиқ ва ҷорӣ намудааст. Фитрат дар фасли «Аруз ва аруз вазни» ба масъалаи «илм-уш-шеър» дар адабиёт таваққуф намуда, ба хонандаи туркизабон моҳияти онро тавзеҳ додааст, ки ин масъаларо назариячиёни араб ва форсу тоҷик ба се қисм ҷудо кардаанд: 1. Таърифи шеър 2. Вазни шеър 3. Қофия дар шеър. Ва муаллиф вобаста ба ин доир ба истилоҳи «арузи арабӣ» ва «арӯзи форсӣ» андешаҳо баён намуда, дар охир ба хулосае меояд, ки: «Бу кун бизда аруз деганда араб, эрон шеърларидаги вазн системасининг қоидалари (араб, эрон метрикаси) англашилгани каби араб, эрон вазнлари системасига кирган вазнларга «аруз вазни» исми берилган. Демак, бу кун бизда шеърнинг икки вазн системаси бор:

1. «Бармоқ вазни» системаси. 2. «Аруз вазни» системаси» [45, с.16].

Фитрат ба хонандаи туркизабон пеш аз ҳама аз вижагиҳои вазни аруз ва фарқи он аз вазни бармоқ маълумот дода, мақоми ҳиҷо ва фарқиятҳои он дар вазни арузу бармоқро бо тамоми нозукиҳояш дар асоси мисолҳои мушаххас ва бо схемаҳообяш хеле содаву фаҳмо маънидод мекунад.

Ҳамчунин, Фитрат дар фаслҳои дигари китоби худ (Аруз вазнинг тарихий усушига бир қараш, аруз вазнларининг тузулиш қоидалари, аруз вазнлари ва намуналари, рубоъи вазни, ктобдаги аруз вазнлари) дар асоси маводи фаровони назариявӣ оид ба таърихи пайдоши вазни арӯз дар адабиёти арабӣ ва форсӣ ва гузариши он ба шеъри туркӣ, баҳсу мунозираҳои шеършиносони ӯзбек дар атрофи авзони арӯз ва нақши он дар адабиёти узбек, мулоҳизаҳо ва шарҳу тавзеҳоти истилоҳи «байт», «мисраъ»,«рукн», «рукнҳои аслӣ», «рукнҳои фаръӣ», «зиҳофот», баҳрҳо, ҳамчунин дар бораи нақши забон ва қонуну қоидаҳои он дар шеъри узбекӣ ва ғайра андешаҳои муҳим баён кардааст.

Аз муҳокимаҳо ва шарҳу тафсилоти Фитрат оид ба авзони шеъри туркӣ бармеояд, ки замина ва асоси онро арузи араб ва форсии тоҷикӣ ташкил додааст. Ин масоил – шеър, авзони шеърҳои арабӣ, форсию тоҷикӣ ва воридшавии он ба шеъри туркӣ ва дигар қоидаву қонунҳои он дар

ақидаҳои адабию эстетикии Абдурraуфи Фитрат нақши муҳимму муассир дорад ва таҳқиқи мавзуи нақши Фитрат дар баррасиву пажуҳиши арузи туркӣ-узбекӣ, ки аз доираи пажуҳиши мо як андоза берун аст, вазифаи ояндаи пажуҳишгарони ҷавон махсуб меёбад.

Андеша, нуқтаи назар ва ақидаҳои адабиву эстетикии Абдурраyфи Фитрат дар баробари дар асару мақолаҳои илмиаш чун шеършинос мунъакис ёфтанаш, дар ашъори назмиву насрии адиб низ инъикоси барҷастаи худро пайдо кардааст.

Адиб дар давраи аввали фаъолияти худ, яъне то соли 1914 чун маорифпарвари асил тавассути шеърҳои нобу ҷаззобаш, ки дар маҷмуаи шеърҳои аввалину охирини ӯ «Сайҳа» (1910), ки дар Истанбул ба чоп расидааст, шуҳрат пайдо мекунад. С. Табаров ба ҳамин паҳлуи эҷодиёти адиб ишора намуда, навиштааст, ки: «Фитрат ба эҷоди шеърҳо дар давраҳои булуғу рушди ҳаёташ, яъне дар солҳои ҷавониву таҳсилаш дар мадрасаи Бухоро, ки ба давраи то сафараш ба Туркия (1909-1914) рост меомаданд, ба мисли ҳамаи шоирони давраи худ ҳам ба равияи шуарои гузашта ва ҳам шуарои замонаш такя карда, бештар бо тахаллуси Миҷмар ғазал ва қасидаҳо офаридааст» [185, с.153]. Аз рӯйи баҳои Садри Зиё, С. Айнӣ ва пажуҳиши муҳаққиқони эҷодиёти Фитрат бармеояд, ки чи ашъори ошиқона ва чи шеърҳои миллӣ ва ватанхоҳонаю шӯрангези шоир то давраи ба ҷараёни пантуркистӣ гаравиданаш - дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва низому қоидаҳои поэтикӣ-вижагиҳои услубиву шаклӣ, тарзи баён, вазну қофия ва ғайра аз доираи назми классикӣ берун нарафтааст. Аз муҳтавои ашъори давраи баъдинаи Фитрат (давраи ба ҷараёни пантуркустиӣ гаравиданаш-А.М.) маълум мешавад, ки онҳо вижагиҳои тоза дар мазмуну мундариҷа мавзуву ғоя ва услуб пайдо кардаанд.

Дар ҷомеаи ибтидои асри XX, ки ба вуҷуд омадани таҳаввулоту инқилобҳои бузург одам-инсони нав, яъне инсоне, ки ҷаҳонро бо нигоҳи дигар, бо назари тоза медид, ба вуҷуд овард. Ҳамин омилҳои тозаву нав дар адабиёт боиси пайдоиши нуқтаи назари нави эстетикӣ гардид. Ҳангоми мутолиаи шеърҳои А. Фитрат, бахусус шеъри «Хиттаи Бухор» аз

ҳиссиёти эстетикии шоир нисбат ба ватан, муҳаббати беандозаи ӯ нисбат ба диёр, ки тавассути санъатҳои бадеии ташбеҳ, тавсиф, кинояву маҷоз, лутфу тазод дар мағзи хонанда ҳиссиёти мушаххасу амиқеро пайдо мекунонад.

А. Фитрат дар масъалаи муҳаббат ба зодгоҳ ба маънои васеъаш Ватанаш Бухоро, ҳиссиёти эстетикии хонандаро ба ин шаҳри қадиму мутамаддини тоҷикон, мақому манзалати он равона карда, тавассути ташбеҳу тавсифҳо ва дигар санъатҳои бадеӣ диққати асосиро ба он равона мекунад. Шоир зебоию нафосати Бухоро ва мояи ифтихор ва макони нусратбору файзбахш будани онро чунин ба қалам медиҳад:

Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор,
Эй бо ту ифтихораму в-эй бо ту эътибор.
Эй кӯҳи илм, баҳри шаҳомат, фазои файз,
Саҳрои маҷд, боғи ҳунар, соҳаи виқор.
Арши шараф, сипеҳри саодат, биҳишти адл,
Лавҳи сафо, ситораи из (з), бурҷи иқтидор.
Рӯҳӣ, чаро чу колбади мурда мондаӣ.
Зери суми сутури ду се дуни нобакор ?! ... [37, с.21] .

Адиб хиттаи Бухороро ба Модар қиёс намуда, ин макони муқаддасро чу модар азизу гиромӣ, онро чун кӯҳи илм, макони донишу фазои файз тасвир ва арҷгузорӣ мекунад. Ба андешаи Абдуррауфи Фитрат, Бухоро замоне миъодгоҳи илму маънавияти оламиён буда, имрӯз ба ҳоли зоре гирифтор гардидааст:

Аршӣ, вале хоки ҷаҳонӣ ба чашми ман,
Имрӯз дар заминату бинам фитода зор.
Охир, на дар бинои адолат будӣ асос?
Охир, на дар асоси мурувват будӣ мадор?
Эй он, ки аз ту буд қароре замонаро,
Баҳри чиат замона чунин кард беқарор?!
Уммедгоҳи халқи ҷаҳон будӣ, ҳол чист?
Аз ҳар касе барои чӣ гаштӣ умедвор?! [37, с.21]

Шоир дар ин шеър тавассути ибораву ифодаҳои шинаму ҷаззоби кӯҳи илм, баҳри шаҳомат, фазои файз, саҳрои маҷд, боғи ҳунар, соҳаи виқор, арши шараф, сипеҳри саодат, биҳишти адл, лавҳи сафо, ситораи изз, бурҷи иқтидор, бинои адолат, асоси мурувват, уммедгоҳи халқи ҷаҳон ҳиссиёти эстетикии хонандаро нисбат ба зодгоҳу ватан бедор намуда, «уммедгоҳи халқи ҷаҳон» будани Бухорои онрӯзаро махсус таъкид мекунад.

Чунин тарзи нави ифодаву баён, яъне арҷ гузоштан ба зодгоҳу ватан ва муқаддасоти онро шоир дар таркиббанди дигари худ ифода намудааст. Ӯ бо мушаввашию парешонҳолӣ, вале бо дили саршор ва ихлосу самимият даъват бар он намудааст, ки боре тавофи ватани ӯ намуда, ин саҷдагоҳро зиёрат кунанд:

Бинмо саҳаре азми тавофи ватани ман,
Ах - ах, чӣ ватан саҷдагаҳи ҷону тани ман.
Ҳам маъмани осоишу иззу шарафи ман,
Ҳам Каъбаи ман, қиблаи ман, ҳам чамани ман.
Он к-аз ғами ошуфтагии ҳоли харобаш,
Оғушта ба хун асту хароб аст, тани ман.
То панҷаи зулми дигарон дод харошаш,
Чок аст зи сарпанҷаи ғам пираҳани ман...[8, с.356].

Дар таркиббанди фавқ, эҳтирому арҷгузорӣ, меҳру самимияти адиб нисбат ба Ватан инъикос ёфтааст. Фитрат Бухороро макони осоиш дониста, онро ба хонаи Каъбаю ба қибла ташбеҳ додааст. Ӯ, ки шоҳиди бевоситаи кашмакашу набардҳои амирони тиҳимағзу бедониши манғит буд, аз чунин ҳолат хешро ноҳинҷор эҳсос ва вуҷудашро харобу оғӯшта аз хун тасвир мекунад. Шоир бӯса задан ба хоки Бухоро ва ба дару деворашро бо арзи эҳтиром баён мекунад:

Он к-аз пайи тахлиси гиребони ҳаёташ,
Дераст фитодаст ба дӯшам, кафани ман.
Рав, ҷабҳаи табҷил фурӯ мол ба хокаш,
Зан бӯса ба девору дараш аз даҳани ман.

Аввал бирасон аз тарафам арзи дуоро,

В-он гоҳ бинамо лобаву баргӯй: «Бухоро!» [8, с.356-357].

Аз мисраъҳои боло маълум мегардад, ки шоири дур аз Ватан, муттасил дар ёди Ватан будааст. Адиб аз шарикдарсу дӯсташ хоҳиш мекунад, ки сараввал, салом ва дуруди ӯро ба азизонаш расонида, баъд аз дару девори он бӯсаҳо бизанад. Аз порчаҳои шеърӣ эҳтиром, арҷгузорию ватанпарастии шоири худогоҳу меҳандӯстро метавон эҳсос кард. Хонанда дармеёбад, ки каломи шоир мавзун буда, суханаш бурроӣю таъсирпазир ва вуҷудаш саропо аз обу гили Ватан сириштаю парварда шудааст.

Мавзуи дигаре, ки дар ашъори шоир мавқеи муҳим дошта, дар он ақидаҳои адбиву эстетикии адиб нақши муҳим дорад, ин эҳтиром ба арзишҳои миллӣ мебошад. Фитрат эҳёи суннатҳо ва арзишҳои миллиро ягона омили худогоҳии шахс маънидод мекунад.

Ба ашъори миллӣ, ба аҳкоми дин,

Ба эҳёи суннат, ба рои матин.

Ба аъдои миллат, басе қилу қол,

Намудӣ ба сад ҷаҳд дар бадви ҳол... [34, с.164-165].

Ӯ боварию эътиқодро дар омӯзиши урфу одат ва эҳёи суннатҳои миллӣ як шохаи расидан ба маънавиёт донистааст. Дар ашъори Фитрат мавзуи ғаму кулфат ва яъсу навмедӣ низ мақоми вижа дорад. Шоир замоне хошҳолу беғам зиндагӣ кардааст, аммо гузашти рӯзгор ва дами гарму сарди он ғубори ғаму кулфатро сӯйи ӯ овардаю қалбашро кабоб кардааст:

Хуррам диле, ки дар шарори ғам кабоб шуд,

Обод хонае, ки зи ҳасрат хароб шуд.

Ҷоне, ки як дақиқа тапидаст, зинда аст,

Биност дидае, ки шаби хасми хоб шуд.

Дил нест санги кӯҳна, мазор аст, он чи ӯ,

Ноошнои коргаҳи изтироб шуд.

Ҷуз оҳи гарми сӯхтагони амал набуд,

Нуре к-аз ӯ муҳити ту пуробутоб шуд.

Моро сарои айш фазои маломат аст,

Ҷоно, дигар магӯй, ки он ҳам хароб шуд [8, с.307].

Дур будан аз ёру диёр ва дӯстону наздиконро омили асосии ғаму андӯҳ медонад. Шоир андешаи онро дорад, ки диле агар баҳри ёру диёр наметапад, он монанд ба санги мазор аст. Фитрат бар он назар аст, ки сарои айш баҳри мо миодгоҳи ранҷу маломат аст ва дигар наметавонад, аз ин неъматҳои фаровони зиндагӣ истифода намуд, зеро он ҳама барои ӯ хароб шудааст. Фитрат ба мавзуи ишқ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Ӯ бо самимият ва ихлосмандии бепоён ишқро тараннум намуда, зебоию лаззати дунёро дар дӯст доштан донистааст. Зуд омадану рафтани дилдодаро адиб ба боди сабо қиёс намуда, навиштааст:

Эй боди сабо, сӯи мани зор надидӣ,

Якбора чӣ шуд, к-аз мани ғамнок рамидӣ?

Ҷуз зикри накӯи ту набурдам ба забонам,

Боре ту бигӯ, аз мани мискин чӣ шунидӣ ?

Ту саҳнаи ҷавлонгаҳи ҳар хавфу раҷоӣ,

Ту соҳаи мазруаи ҳар биму умедӣ.

Бӯйе набарад аз гули мақсуд ба олам,

Он кас, ки ту дар кохи димоғаш навазидӣ... [8, с.356].

Шоир дар ин мисраъҳо ба маҳбубааш хитоб карда, аз чӣ ранҷидани маҳбубаашро пурсон мешавад, зеро ҳамвора номи накӯю хулқи зебояшро ситоиш кардааст. Фитрат оразй зебои маҳбубаашро ба гул ташбеҳ дода, дидори ӯро мояи оромии ҷону тан медонад. Шоир дар мухаммаси дигаре, ки бар ғазали Ҳасрат бастааст, мавзуи ишқ ва ҷавониро пайгирӣ намуда, пойдору устувор мондани худро дар ин ҷода, баён намудааст:

Дилбохтаам, тарки муҳаббат киву ман кӣ,

Фикри худу парвои саломат киву ман кӣ?

Савдоии дардам, ғами сиҳҳат киву ман кӣ,

«Кулфатзадаам, бодаи ишрат киву ман кӣ?

Бемори ғамам, бистари роҳат киву ман кӣ... [8, с.306]?»

Аз ин банд ва бандҳои дигари мухаммас бармеояд, ки Фитрат «дар мисраъҳои мухаммасбастааш ҳолати рухӣ, муҳаббати пурсӯзу гудоз, вазъияти пур аз фақру ғам ва эҳсосоту эҳтиросоти амиқи дардасару кулфатзада, дар маснади хорӣ мондаи қаҳрамони лирикиро нисбат ба халқу ватани хеш баён менамояд» [185, с.191].

Ақидаҳои адабиву эстетикии Абдурраууфи Фитратро дар шеърҳое, ки ба табиат ва фаслҳои сол бахшидааст, хонанда хеле хубу муассир қабул намуда, дар ҷаҳонбинӣ ва лавҳи хотири онҳо воситаҳои ҳаётдӯстиро бедор мекунад. Аслан, чунин шеърҳои шоир баъд аз баргаштан  аз ҷараёни пантуркистӣ барои китобҳои дарсӣ ва қироати солҳои сиюм иншо шуда, баъзе аз онҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои вақт нашр гардидааст. Чунончи, шоир дар шеъри «Баҳор», ки он бо оҳанги шӯхе иншо шуда, дар ин фасл ҳар лаҳза тағйир ёфтани обу ҳаворо хеле хушу гуворо тасвир кардааст, хонанда аз  тасвири сабуку равони ин шеър як ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирад:

Омад баҳорон, омад баҳорон
Бо абри гирён, бо барқи хандон.
Шуд кӯҳсорон, ҳам ҷӯйборон,
Аз гул гулистон, аз атр бӯстон («Раҳбари дониш», 1930, №6-с.18)

Фасли тобистон-айёми хуби фаслҳои сол маҳсуб ёфта, табиат рангу намуди дигаре пайдо мекунад, авҷи гармии ҳаво ва пухтани баъзе намудҳои меваю сабзавот, ҳосилғундории марди деҳқон аз гандуму ҷави бо заҳматҳои зиёд кишт кардааш фаро мерасад. Фитрат низ дар шеъри ба ин фасл бахшидааш ҳиссиёти эстетикии хонандаро ба он равона карда, аз манзараҳои диловез ва файзу баракати ин фасл, ки айёми гулгулшукуфии табиату сайругашт аст, ба хонанда маълумот медиҳад:

Гузашт фасли баҳору расид тобистон,
Зи офтоб шуда синаи замин бирён.
Зи ранги себу анору биҳию зардолу
Чӣ хуб ҷои тамошост боғу ҳам бӯстон.

Расид гандуму ҷав, пухта меваҳо яксар,
Ки музди меҳнати яксоларо барад деҳқон
Бирав, ба доманаи кӯҳе канори оби равон,
Ба сояйе биншину китоби хеш бихон [33, с.38].

Муаллифони китоби «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Назму насри солҳои 20» (ҷилди 1) [112] ҳангоми баррасии шеърҳои пейзажии адабиёти солҳои бистум ба хулосае омадаанд, ки: «Фитрат ба сифати санъаткор ба дараҷаи идеалҳои олии ҷамътяти нав нарасида буд. Вай, ба эътибори идеали ҷамъиятию эстетикӣ ва назариёти иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ҳанӯз ба дараҷаи маорифпарварии кӯҳна меистод».

Муаллифони мазкур, мазмуну муҳтавои чунин шеърҳои тасвирӣ-ба васфи табиатбахшидаи шоирро, ки хеле равону сабук буда, ба фаҳмишу дарки хонандаи хурдсол наздик аст, ба гузаштаи на чандон дури адиб, яъне ба мавқеи ӯ дар ҷараёни пантуркистӣ иртибот медиҳанд ва зикр намудаанд, ки: «Баъзе ақидаҳои пештараи ӯ, хусусан фикрҳои иҷтимоӣ, ки дар аввали солҳои бист дошт, имкон надоданд, ки воқеияти нави иҷтимоӣ ва образи одами навро дарк кунад, дар роҳи фарогирии эстетикии муҳимтарин ҳодисаҳои замон кӯшиши ҷиддие зоҳир намояд» [112, с.150]. Чунин андешаҳои муаллифони китоби мазкур, ба назари мо, андаке тасҳеҳ мехоҳад. Зеро, шеърҳое, ки ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида мешавад, бояд равону сода, фаҳмову дилчасп ва аз калимаву иборахои мураккубу муғлақ орӣ бошад, сонияи дар чунин шеърҳо ҷой додан ва ё ғунҷоиши андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки аз фаҳму дарки хонанда дур аст, инъикос наёбад ва баъдан, аз истифодаи санъатҳои бадеии баланду боло шоир бояд худдорӣ кунад.

Дар шеъри ба фасли зимистон бахшидааш Фитрат манзараи умумии ин фаслро, ки бо барфу хунукиҳои қаҳратони худ дар маҷмуъ, тамоми ҷонзодро маҷбур мекунад, дар хонаву лонаҳояшон маскун шаванд, тасвир мекунад ва дар ин фасл, ба ғайр аз хондани мактабу омӯхтани илм кори дигар накарданро тарғиб мекунад:

Зимистон расидаст, ҷони бародар,

Ҷаҳонро гирифтаст, сармо саросар.

Ҳама дар атҳи барф гардида пинҳон,

Чӣ кӯҳу чи саҳро, чи девору дар.

Чунон абр бебок гардида ин фасл,

Ки хуршед аз бар н-орад бурун сар.

Чӣ ёро, ки оҳу ба саҳро занад сум,

Чӣ ҳадде ки пашша занад, дар ҳаво пар.

Бирав, мактабу тан ба омӯхтан деҳ,

Дар ин фасл ҳаргиз макун кори дигар [33, с.40].

Тарғиби меҳнату меҳнатдӯстӣ ва кӯшиши кор дар ақоиди зебоипарастии шоирон аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Фитрат дар шеъри «деҳқонӣ ганҷ аст» ба муқобили зардӯстию зарпарастӣ меҳнати ҳалолу софдилонаро муқобил мегузрад. Аз муҳтавои шеър бармеояд, ки шоир бинобар тағйир ёфтани замону вазъият ва вобаста ба он нав шудани муносибатҳои истеҳсолӣ ва характери тоза касб кардани меҳнат онро василаи тарбияи инсони нек медонад ва оммаро барои корҳои неку манфиатдор ташвиқ менамояд:

Зар-зар чӣ гӯӣ, эй хирадманд?

Зар чист, ки дил ба ӯ кунӣ банд?!

Бигзашт замони зарпарастӣ,

Акнун пайи кор зан ду дасте!

Зар сохтук асту позаи ту,

Сандуқи зар аст, козаи ту.

Рав, гов бигир, поза бардор,

Бинмой замини хеш шудгор.

Дандонаву мола рону дон пош,

Аз гурӯснагӣ ту дар амон бош!

Хирман-хирман бигир ҳосил,

Бар нуқраву зар чаро диҳӣ дил? [33, с.67].

Дар баробари ин, адиб дар шеъри «Донишу зӯр» ташвиқ менамояд, ки барои меҳнат ва дӯст доштани он ду омил: дониш ва зӯри бозу муҳимму зарур аст:

Ба ту, ҷоно, ду чиз даркор аст:

Зӯри бозуву дониши бисёр [33, с. 67].

Хулоса, аз мутолиаи ашъори то давраи панкутуркистӣ (1917) ва баъди пантуркистии шоир (1925) бармеояд, ки Фитрат дар мавзуъҳои гуногун шеърҳои ноб эҷод кардааст, ки онҳо бо содагию равонӣ, дилчаспию таъсирпазирии худ ба дилу дидаи хонанда зуд ҷой гирифта, дар тарбияи эстетикии онҳо нақши муассиру мондагор мегузорад.

Ақидаҳои адабиву эстетикии Абдурраufи Фитрат дар баробари ашъори назмиаш, дар асарҳои насрии ӯ «Мунозара», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Роҳбари наҷот», «Оила», «Мухтасари таърихи ислом», «Мавлуди шариф ё худ миръоти хайрул-башар», «Шӯриши Восеъ», «Фирдавсӣ» ва ғайра низ инъикоси худро пайдо кардааст. Зеро «ҳар як эстетика бо вазифаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии замони худ алоқаи зич дорад» [123, с.166].

Фитрат чун фарзанди замони худ дар асарҳои насрӣ ва илмиву публисистии худ ба масъалаҳои муҳимми иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию ахлоқии ҷомеаи замони худ аз нуқтаи назари як фарди ислоҳотхоҳ, одами замони нав, таҷаддудхоҳи миллату ватани хеш бaромад намуда, нисбат ба онҳо андешаҳои муҳимме баён кардааст. Махсусан, ақидаву пиндорҳои адиб дар бораи Ватан ва ватандӯстӣ, дар бобати ақлу хирад, ҳаёт ва ғояи он, моҳияти илм, илми фиқҳ ва қисматҳои он, таърих, ҷуғрофия, тибб, фалсафа, сидқу садоқат, қаноат, молу сарват, санъатҳои гуногун- зироат, нақлиёт, тиҷорат, оила ва оиладорӣ ва амсоли ин, фикру мулоҳиза ва мушоҳидаҳои худро ба хонанда шарҳу тафсир ва баён кардааст, ки аз он назари адабиву эстетикии муаллиф барало ҳувайдо мегардад. Масъалаҳои дар фавқ ишорарафта дар рисолаи С. Табаров «Ҷаҳони андешаҳои Абдурраufи Фитрат» [185] аз ҷиҳати илмӣ хеле хуб таҳлилу баррасӣ ёфтааст. Дар як фасл муайян намудани ақидаҳои адабиву эстетикии адиб,

хосса дар наср аз имкон берун аст. Назар ва андешаҳои эстетикии Фитрат дар наср таҳқиқи алоҳидаро тақозо дорад ва умедоверем, ки ин паҳлуи эҷодиёти адибро пажуҳандагони оянда мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор хоҳанд дод.

### 3.2.4. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ

Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Сиддиқии Аҷзӣ аз масъалаҳои муҳим маҳсуб ёфта, дар адабиётшиносии тоҷик ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар мақолаву рисолаҳои Х. Мирзозода оид ба зиндагиномаи Аҷзӣ оид ба ин масъала танҳо ишораҳо шудааст. Сиддиқии Аҷзӣ ҳарчанд дар бораи назарияи шеър, чигунагии он, мусиқӣ, забон ва адаб ба таври мушаххас андешае баён накарда бошад ҳам, ақидаҳои адабиву эстетикии шоирро аз шеъру достонҳои ӯ бояд ҷустуҷӯ кард. Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ аз равшанзамирони адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX маҳсуб меёбад. Адиб зодаи шаҳри бостонии Самарқанд буда, солҳои 1865-1927 зиндагӣ ва эҷод кардааст. Сиддиқии Аҷзӣ ҳамчун мубаллиғи ғояву ақидаҳои нав дар байни аҳли пажуҳиш машҳур аст. Ӯ пешравию тараққиёт, инкишофи ҷомеа ва саводнокшавии мардумро дар кушодани мактабҳои усули нав дида, барои омӯзиш ва таълиму тадрис дар мактабҳои усули ҷадид омӯхтани забон, бавижа забони русиро муттасил таблиғ менамуд. Ин буд, ки Аҷзӣ пас аз омӯзиши илмҳои маъмули замон, ба омӯзиши забони русӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин ҷода то ҷое ҳам муваффақ шудааст. Холиқ Мирзозода нисбат ба забондонии Сиддиқии Аҷзӣ ишора намуда навиштааст, ки: «Нахустин касе, ки аз маорифпарварони тоҷик забони русиро аввал ба тариқи худомӯзӣ ва баъд дар курси махсуси тайёркунандаи муаллимони забону адабиёти рус омӯхт (охири асри XIX) шоири маорифпарвари самарқандӣ Саидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзӣ буд» [127, с.5-6].

Дар ашъори Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ (ҳам давраи пеш аз инқилобӣ ва ҳам баъди инқилобӣ) тавсифу тарғиби маданияти нав, одоби

ҳамида, ахлоқи тозаву ҷадид, образи одами нав, омӯзиши забон, таҳсил дар мактабҳои усули нав-ҷадид мақоми шоистаро ишғол кардааст.

Яке аз рукнҳои асосии ифодагари андешаҳои адабиву зебоипарастии Аҷзӣ ин омӯзиши забон аст. Ӯ чун маорипарвар ва инсони равшанфикру одами замони нав бо таблиғи омӯзиши забони русӣ мехост, нишон диҳад, ки яке аз роҳҳои асосии аз фалокат наҷот додан ва аз муфлисию қашшоқӣ раҳонидани мамлакат ин тарбияи насли нав, илмҳои дунявӣ, забонҳои гуногун, бавижа забони русӣ маҳсуб меёбад. Диди эстетикӣ ва амалҳои зебоиофарии шоирро метавон, аз ҳар мисраи шеъраш пайдо намуд. Ӯ дар достони «Анҷумани арвоҳ» ҳамчун шахси ҷаҳондидаю мунавварфикр доир ба омӯзиши забонҳо, кушодани мактабҳои усули ҷадид ва омӯзиши ҳунарҳои ниёзи мардум ақидаҳои муҳимму ҷиддӣ баён мекунад:

Дигар ин фикр моро буд дар ёд:
Ба навъи тоза созам олам обод.
Лисони давлати ҳамсоягонро,
Низоми ҷумла шоҳони ҷаҳонро.
Ба ҳар ҷо ҳар ҳунар бошад биёрам,
Миёни мардумон онро гузорам.
Бино созам ман аз анвои мактаб,
Кунам ҳосил аз он ҳар гуна матлаб [ 11, с.128].

Воқеан, Сиддиқии Аҷзӣ бо тамоми ҳастӣ ва хиради волои инсонӣ ҷонибдори дигаргун сохтани таълиму тадрис дар мактабҳои хурофотзадаю қафомондаи Самарқанду Бухоро будааст. Ӯ аз уламои тангназару бемаърифати давр даъват ба амал меорад, ки пешравию тараққиёти кишварҳои дуру наздикро бубинанду биомӯзанд ва ба ҳар роҳе, ки бошад, ватанро обод сохта, мардумро аз вартаи тирамағзию ҷаҳолат раҳо намоянд. Адиби нуктасанҷ, эшонро зери тозиёнаи танқид гирифта, амалҳои ношоистаи онҳоро ошкоро баён кардааст:

Бубин, найранги онҳо аз чӣ гун аст,
Дилам то ин дам аз ин қисса хун аст.
Барои нафъи шахсишон ҳазорон,

Бароҳин аз ҳадису нафси Қуръон [ 11, с. 128-129].

Сиддиқии Аҷзӣ муллоҳои мутаассибу шариатфурӯш, қорибачаҳои камсаводро бо тамоми кирдори разилонаашон тасвир намуда, дину шариатро чун бозичаи дасти онҳо медонад. Чунин ашхос, барои халқи мазлум аз фатвою ҳадисҳои сохтаю бофтаашон ҳадс зада, мардумро аз иҷрои шуғли хайр боз дошта, барои нафъи хеш аз андешаҳои бардурӯғи дар ҳадису оятҳои Қуръон набуда, истифода мекунанд:

Маро он девсирт салладорон,
Ба сурат инс, бадфитрат зи шайтон.
Ба гардан ресмони макр бастанд,
Шукуҳу шаъни султонӣ шикастанд [ 11, с.129].

Ҳамчунин, барномаи таълими мактабу мадрасҳои кӯҳна, усули таълими фанҳои мавҷуда, ки муллобачаҳо муддати бист сол, яъне бидуни омӯзиши саҳву наҳв ягон таълими дурурстро фаро намегиранд, мавриди интиқоди сахти Аҷзӣ қарор гирифтааст:

Дар он дорулфунунҳои мунаққаш,
Имороти баланду хубу дилкаш
Чӣ мехонанд, медонӣ? Бикун гӯш,
Шунав, бо гӯшу маҳкам гир бо ҳуш:
Ба наҳву сарф умре сарф созанд,
Ба рӯзе як сабақ гиранду бозанд.
Бувад ҳар рӯзашон як ҷумла таҳсил,
Ки дар ҳар ҳафта аст, се рӯз таътил.
Мисоли дарси якрӯзина з-ин амр,
Фақат аз мушти Зайду каллаи Амр.
Бад-он рафтори мушкил солҳо чанд
Бихонанду бихонанду бихонанд.
Ба деги салла пӯхта каллаи худ,
Фузуда ҳар замон дар саллаи худ [11, с.106].

Муҳаққиқи эҷодиёти Аҷзӣ профессор Х. Мирзозода дар муқаддимаи худ ба «Зубдаи ашъор»–и адиб ҳангоми барқарор намудани тарҷумаи ҳоли

шоир дар назди муаллими хусуси омӯхтани забони русӣ, баъд аз зиёрати Макка-ҳаҷ кардан, аз баъзе шаҳру мамлакатҳои Шарқу Аврупо ва Россия бозбинӣ кардани Аҷзӣ маълумот дода, «ба илму ҳунари ҳайратбахши рус ва адабиёти он боз аз наздик шинос шудан» ва омӯзиши забони русиро талқин кардани шоирро зикр мекунад:

Ба тарғиби улум эълон намудам,
Зи фан тавсифҳо чандон намудам.
Забони русиро тавсиф кардам,
Барои хонданаш таклиф кардам... [11, с.119].

Шоир чун шахси ҷаҳондида ва тараққипарвар роҳи наҷотро аз дунёи кӯҳану ақибмонда дар хондан ва омӯзиши забон, бавижа забони русӣ дида, ба хонанда илқо мекунад, ки аз омӯзиши забон кас ба мақсад мерасад ва он ба толибилм дар аз худ кардани илмҳои тиҷорат, тибб, ҳандасаву зироат-кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ба хотири боз ҳам мушаххастар нишон додани нуқтаи назари эстетикии Сиддиқии Аҷзӣ, як порчае аз маснавии «Миръоти ибрат», ки зарурат ва аҳамияти омӯхтани забони русӣ хеле барҷаста инъикос ёфтааст, аз манфиат холӣ нест:

Мусулмонон чаро дар мактаби рус
Намехонанду месозанд номус?
Забони ӯ туро н-орад ба ҷуз суд,
Расӣ аз илми русӣ сӯйи мақсуд.
Бихонӣ, дар макотибҳои русӣ.
Шавӣ, алломаи машҳури Тӯсӣ.
Биёмӯзад туро илми тиҷорат,
Зи илми ихтироу тиббу ҳикмат.
Дигар илми зироатро надонӣ.
Яқин дон, доимо муҳтоҷи нонӣ... [11, с.108].

Хонанда аз чунин тасвирҳои содаву зебо як ҷаҳон лаззати маънавӣ гирифта, ӯро ба дуруст фикр кардан, оид ба забондонӣ водор менамояд. Аҷзӣ тавассути истифодаи ибораву истилоҳҳои русии мошин громофон, телефон, телеграф, оташароба ва ғайра диққати хонандаро ба худ ҷалб

намуда, дар онҳо ҳисси ошноӣ ва дидан аз онҳоро бедор менамояд, ки ин ҳам як василаи бедории онҳо шуда метавонад:

Намебинӣ, магар асбобу олот,
Мавошинҳо, гиромуфуну соот.
Тилефун, тилигроф, оташароба,
Чӣ махмалҳои зебову духоба?
Чӣ гӯям? Ҷумла санъатҳо, ки донанд,
Тариқаш ҷумла дар мактаб бихонанд... [ 11, с.108-109].

Аҷзӣ дар натиҷаи сафарҳояш ба мамлакатҳои Шарқу Аврупо ва рус муҳиммияти донистани чандин забонҳоро эҳсос кардааст, ки гаштаю баргашта, ҳатто донистани сесад забонро аз манфиат холӣ намедонад, зеро онҳо рӯзе ба кор меоянд. Ва дар баробари ин, шахс бояд пеш аз ҳама аз забони давлати худ, яъне забони модарӣ бояд пурра огоҳ бошад. Чунин андешаҳои шоири маорифпарвар, ки инъикосгари ақидаҳои адабиву эстетикии ӯ маҳсуб меёбанд, албатта ба хонанда бетаъсир буда наметавонад:

Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, зарар чист?
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд [ 11, с.109].

Дар афкори адабиву эстетикии Сиддиқии Аҷзӣ масъалаҳои мактабу маориф ва таваҷҷуҳ ба он нақши калидӣ дорад. Адиб ҳам дар ашъори ғиноӣ ва ҳам маснавиҳояш ба низоми омӯзиш, мактабу маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Ӯ, пеш аз ҳама ишора ба низоми омӯзиш дар мактабҳои динии онрӯза ва мадрасаҳои Бухоро намуда, ниёз ба ислоҳу таҷдид доштани барномаҳову низоми таълим мекунад:

Ба ислоҳи мадорис чора ҷӯед,
Ба гӯши ҳар ки дар ин бора гӯед [11, с.136].

Дар баробари ин, таклиф ба миён мегузорад, ки шумораи мактабҳои усули навро зиёд намуда, халқро ба омӯхтани фанҳои нави дунявӣ омода намоем, зеро ба андешаи шоир  агар ба зиндагии хубу осоишта ва беҳтар

умед дошта бошем, аз мардуми Аврупо қафо намонем ва ҳар чи онҳо медонанд, бояд аз худ кунем ва донем:

Макотибро адад бисёр созанд,
Халоиқро ба фан тайёр созанд...
Агар аз зиндагӣ доред уммед,
Урупо ҳар чӣ медонад, бидонед [11, с.136].

Дар шеъри поён бошад, шоири маорифпарвар ҳиссиёти зебоидӯстиро талқин намуда, мактабро ба ҷаннат, қутти ҷону қуввати дил ташбеҳ медиҳад. Дар принсипҳои эстетикии Сиддиқии Аҷзӣ мактаб ин - тарбиятгари тамоми хислатҳои неки инсон, ҳосил шудани матлабҳои нек, тарбият кардани ахлоқи бад, осонкунандаи тамоми душвориҳои зиндагӣ, бахшандаи умри ҷовид, марҳами дарди дил инъикос ёфтааст. Ба андешаи мо, дар ин ғазали шоир тамоми меъёрҳои эстетикаи мардумӣ, ки ба муқобили танбалӣ, муфтхӯрӣ, ғурури ноҷо, бемаърифатӣ ва амсоли инҳо равона шудааст, нигаронида шудааст:

Дар ҳақиқат нигарӣ, ҷаннату ризвон мактаб,
Қути ҷон, қуввати дил, равнақи имон мактаб.
Ҷаҳл дар маҳлаки ваҳшат кашад инсониро,
Чӣ шудӣ, гар набудӣ восити инсон мактаб...
Ту макаш пой зи мактаб, гарат инсон шуданист,
Сабаби тарбияти олами инсон мактаб [11, с.36].

Дар маснавии «Анҷумани арвоҳ» ба таври хулоса рӯ ба мардум оварда, хоҳиш ва даъват ба амал овардааст, ки:

Диҳед атфоли худҳоро ба мактаб,
Зи мактаб мерасанд охир ба матлаб [11, с.135].

Дар ақидаҳои зебоишиносии Аҷзӣ аз мавзуъҳои муҳимме, ки ба он таваҷҷуҳ мекунад, ин дӯст доштани Модар – Ватан аст. Шоир бо тамоми ҳастӣ ашхоси ватандӯсту меҳанпарастро ситоиш намуда, дар «Достони муборизаи халқи Серб» бар зидди истилогарони турк аз муколамаи як ҷавони ватандӯсту ҳақталоши Серб бо модар ёдовар мешавад:

…Магу, «тарк кун лашкари ҳарбро»

«Марав сӯи душман», - бигӯӣ, чаро?

Ба дастам бувад байрақи ғолибӣ.

Барои чӣ, модар, маро толибӣ? [11, с. 141].

Адиби равшанзамир бо тамоми ҷузъиёт муқаддасоти ватанро тасвир намуда, озодӣ, шаъну шарафи халқро аз содиқонаю софдилона хизмат кардан ба Ватан медонад. Ӯ даъват ба амал меорад, ки баҳри ободӣ ва пешравии ватани аҷдодӣ ҳамеша саҳмгузор бояд буд.

Дар эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ мавзуи ватандӯстӣ нақши муассир дорад. Адиб худ шоҳиди созандагию ободкории мамлакатҳои Ғарб буда, мехост, ватани ӯ низ пешрав ва ободу зебо бошад. Ба ҳамин маънӣ дар яке аз ғазалҳояш ишора мекунад, ки:

Зиислоҳи Ватан ҳар лаҳзае меояд ба ман коғаз,

Ба ранге арза дорад бо ман аз номи ватан коғаз.

Ба хуни дил лаби ҳар ғунча арзи муддао дорад,

Ҳам аз авроқи гул дар остин дорад чаман коғаз [11, с. 49].

Нобасомонӣ, муфлисию қафомонии Шарқи мусалмониро дар набудан ва нагузаронидани ислоҳот дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давр дидааст.

Хулоса, дар эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ мавзуъҳои Ватан - модар, омӯзиши забон, бахусус забони русӣ, табиат, кушодани мактабҳои усули нав ҷойи махсусро ишғол мекунад. Адиб мехост, Ватани дар ҷаҳлу нодонӣ ва хурофот мондаи худро ба мисли мамлакатҳои пешрафта бубинад. Баҳри саводнок намудани халқи дар ғафлат ва хоби гаронмонда, кушодани мактабҳои усули ҷадидро пайваста тарафдорӣ намуд. Аҷзӣ тавонист то ҷое ин масъалаҳоро дар ашъораш нишон диҳад. Диди эстетикии шоирро аз ҳар мисраи шеър ва андешаҳои ӯ метавон дарёфт кард

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқи мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Заминаи аввали тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ин пайдоиши шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ, заводҳои гуногун ва фабрикаҳо ва дар ин замина, пайдо шудани синфи коргар, пайдоиши буржуазияи миллӣ дар Осиёи Миёна маҳсуб меёбад [3-М].

2. Аз омилҳои асосии таҳаввул ва тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа ин пайдоиши афкори тозаю нав ва ё худ бо истилоҳ афкори ҷадидӣ мебошад. Ҷунбиши фикрии ҷадидия дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст. Он дорои замина ва ё худ омилҳои маънавии зерин буд:

Заминаи аввал-ин таъсири ақидаҳои маърифатпарварӣ ваислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Возеҳ ва дигарон.

Заминаи дуюм - ин таъсири ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри XIX ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст.

Заминаи сеюм - таъсири инкишофи муносибатҳои нави молию пулӣ дар Осиёи Миёна.

Заминаи чорум - таъсири матбуоти даврӣ ва дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна ба вуҷуд омадани мактабҳои русии маҳаллӣ.

– Аз омилҳои дигари маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ ин кушода шудани як қатор матбааҳои литографӣ дар шаҳрҳои бузурги Осиёи Миёна мебошад.

